**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ – 821.222.8.09
ТКБ – 83 (0) 9
М 65

**МИРЗОҲОФИЗИЁН МЕҲРАФКАН МИРЗОҲОФИЗ**

# ТАҲҚИҚИ МАТНШИНОСӢ ВА ПОЭТИКИИ ОСОРИ НАСРИИ АҲМАДИ ҶОМ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Насриддинов Фахриддин Абдуманонович, доктори илми филология, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

**ХУҶАНД – 2023**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**……………….........................……..……………… 3-12
**БОБИ I. АҲМАДИ ҶОМ ВА ТАҲАВВУЛИ НАСРИ ИРФОНӢ ДАР АҲДИ Ӯ................................................................................... 13-48**
I.1. Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ............ 13-26
I.2. Насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом ............. 26-46
I.2.1. Осори ирфони амалӣ ва назарӣ……........................................ 30-36
I.2.2. Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия......... 36-39
I.2.3. Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ .......................................... 39-46
Хулосаи боби I ..................................................................................... 46-48
**БОБИ II. НУСХАШИНОСӢ ВА ПАЖУҲИШИ СОХТОРИЮ МАВЗУИИ ОСОРИ НАСРИИ АҲМАДИ ҶОМ.................................... 49-78**
II.1. Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом……….................... 49-64
II.2. Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом .................. 64-77
Хулосаи боби II .................................................................................. 77-78
**БОБИ III. БАРРАСИИ ХУСУСИЯТҲОИ ПОЭТИКӢ ВА МАТНШИНОСИИ ОСОРИ НАСРИИ АҲМАДИ ҶОМ..................... 79-134**
III.1. Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом……………...….. 79-93
III.2. Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом………………………………………………………………...…… 93-107
III.2.1. Истифодаи ашъори шуарои пешин...................................... 94-100
III.2.2. Истифодабарӣ аз шеъри худ............................................... 100-105
III.2.3. Корбурди ашъори арабӣ……............................................... 105-107
III.3. Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия……………………………………………………………….... 107-120
III.4. Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом …......... 120-133
Хулосаи боби III .............................................................................. 133-134
**ХУЛОСАҲО**…………………………………………………..... 135-140
I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ……….......................... 135-139
II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот........ 139-140
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.................................................................. 141-172
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**........... 172-173

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

1. а. – алайҳиссалом
2. ваф.  – вафот
3. ғ. – ғайра(ҳо)
4. диг. – дигарон
5. дисс. – диссертатсия
6. КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ
7. қ. – қисм
8. м. – мелодӣ
9. мақ. – мақтул
10. муқ. – муқаддима
11. МДТ – Муассисаи давлатии таълимӣ
12. М.М. – Мирзоҳофизиён Меҳрафкан
13. ниг. – нигаред
14. (рз) – разияллоҳу анҳу
15. (рҳ) – раҳматуллоҳи алайҳи
16. с. – саҳифа, сол
17. (с) – саллаллоҳу алайҳи ва саллам
18. тав. –таваллуд
19. тақ. – тақрибан
20. таъл. – таълиф
21. ҳ. – ҳиҷрӣ
22. ҳукм. – ҳукмронӣ
23. ҷ. – ҷилд
24. ш. – шамсӣ
25. p. – page

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Аҳмади Ҷом, маъруф ба Жандапил, дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумлаи орифони соҳибмашрабу суханварони соҳибмактаб ва донишманди тавонманд дар офаридани осори манзуму мансур шинохта шудааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII, бахусус насри сӯфиёна ва ирфонӣ, нақши назаррас гузоштааст. Ин осор аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сохту таркиб, фарогирии мавзуъҳои адабӣ, ирфонӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва бархурдор аз хусусиятҳои боризи филологӣ, ба монанди сабки наср, шеваи баёну гуфтор, корбурди ашъор, истифодаи ахбору осор, баёни нақлу ривоёти дилнишин, тарҷумаи мутун, зикри истилоҳоту таъбироти сӯфия ва шарҳу тавзеҳи онҳо, маърифати сарчашмаҳои фикрии суханварон аз манобеи хеле пурбору омӯхтанӣ ва шоистаи таҳқиқоти ҷудогона мебошад.

Хусусиятҳои ёдшуда, дар маҷмуъ, осори насрии Аҳмади Ҷомро ҳамчун сарчашмаҳои саршор аз асноди илмию адабӣ ва таъсиргузор дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ муаррифӣ намуда, муҳаққиқонро водор месозад, то аз паҳлуҳои мухталиф бо умқу вусъати хоса онҳоро мавриди таҳқиқ қарор диҳанд.

Чунин аҳамият ва мубрамияти мавзуъ моро водор намуд, то дар таҳқиқи масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бар асоси матнҳои куҳан, насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом ва хусусиятҳои мавзуию сохтории онҳо, нусхашиносӣ ва баррасии таркибу мундариҷаи мероси мансури Аҳмади Ҷом, таҳқиқи сабки наср, тавзеҳи мафоҳими аҳли тасаввуф ва табйини маониву румузи онҳо, таҳқиқи вежагиҳои матншиносии осори Аҳмади Ҷом ва ғ.-ро ковишу пажуҳиш намоем.

Мавзуъҳои мазкур, ки дар диссертатсияи ҳозир дар меҳвари таҳқиқ қарор доранд, дорои аҳамияти назариву амалӣ буда, дар таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом нахустбор дар адабиётшиносии тоҷик пешниҳод мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Фарзандону наводагон ва муридону иродатмандон дар манқабати Аҳмади Ҷом осори хоса ба қалам овардаанд [15; 25; 29; 82; 83; 179]. Таърихнигорону тазкиранависон дар таълифоти худ аз ҳаёту фаъолияти Аҳмади Ҷом, мероси адабию ирфонӣ, хонадони адабпарвар ва мазори ӯ гузориш додаанд [1; 5; 26; 27; 37; 38; 70; 71; 72; 76; 78]. Шоирону насрнависони номвар дар сурудаву нигоштаҳои хеш аз ӯ ёд намудаанд [7; 13; 18; 32; 81].

Осори насрии Аҳмади Ҷом диққати муҳаққиқони ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб кардааст.

Бадеуззамони Фурӯзонфар [164, 12], Забеҳуллоҳи Сафо [153, 4, 248, 5, 788], Абдулҳусайни Зарринкӯб [134, 89-90], Саид Нафисӣ [146, 1, 285] ва дигар адабиётшиносони эронӣ дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба аҳволу осори Аҳмади Ҷом маълумот додаанд. Инчунин, Муҳаммадҷаводи Шамс роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом ду мақолаи донишномавӣ навиштааст [195, 214-217; 196, 30-33].

Каюмов А.П. [189], Семёнов А.А. [190], Щеглова О.П. [191], М.Хонбобо [209], А.Мунзавӣ [204], М.Дироятӣ [200], А.Гулпинорлӣ [193], Мирзоев А.М. [203], А.Қарапӯлот [202] ва диг. дар феҳристҳои худ роҷеъ ба нусхаҳои хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом гузориш додаанд.

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ [179] ва Алии Фозил [161; 163] вобаста ба сабки насри баъзе аз осори мансури Аҳмади Ҷом пажуҳиш бурдаанд.

Роҷеъ ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом доктор Алии Фозил таҳқиқот анҷом додааст. Асарҳои «Анис-ут-тоибин ва сиротиллоҳи-л-мубин» [40], «Сироҷ-ус-соирин» [50], «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин» [47],

«Мифтоҳ-ун-наҷот» [45] ва «Кунуз-ул-ҳикмат»-ро [44] муҳаққиқи мазкур давоми солҳои 1350-1387 ш./1931-1967 м. нашр намудааст. Инчунин, доир ба зиндагонӣ ва мероси адабии Аҳмади Ҷом китобҳои «Корномаи Аҳмади Ҷоми Номақӣ» [161] ва «Шарҳи аҳвол ва нақду таҳлили осори Аҳмади Ҷом»-ро [163] мунташир сохтааст.

Адабиётшиноси ҳиндӣ профессор Озармидухти Сафавӣ китоби «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷомро бо тасҳеҳ ва тарҷумаи англисӣ дар Лондон ба нашр расонидааст [ниг. 91].

Ҳашматуллоҳи Муайяд дар муқаддимаи «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ оид ба рӯзгор ва каромоти Аҳмади Ҷом баҳс намудааст [25]. Ҳамчунин, Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар муқаддимаи «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ вобаста ба аҳволу осори Аҳмади Ҷом пажуҳиш анҷом додааст [179]. Инчунин, Яъқуб Нидоии Аҳмадӣ доир ба истилоҳоти ирфонии осори насрии Аҳмади Ҷом таҳқиқот бурдааст [123].

Силсилаи мақолаҳои илмӣ аз ҷониби муҳаққиқони эронӣ, ба мисли Ҳасан Насирии Ҷомӣ [171; 173; 174; 175; 176], Амир Ҳасан Маданӣ [137], Муҳаммад Худододӣ [167], Муҳаммадтақии Донишпажуҳ [131], Муҳаммадризо Қурбони Саббоғ [148], Нидо Саққоӣ [150], Саидмуҳаммад Устувори Номақӣ [148], Ҳодӣ Хидевар [166], Ризо Содиқии Шаҳир [167], Ядуллоҳ Баҳмании Мутлақ [140; 141], Марям Замонӣ [133] ва диг. нашр гардидааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик Холиқ Мирзозода [96], Аълохон Афсаҳзод [88], Амрияздон Алимардонов [86] ва диг. дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом маълумот додаанд. Инчунин, Аълохон Афсаҳзод ва Маҳмадқул Ҳазратқулов маълумоти фишурдаи тарҷумаҳолӣ ба қалам овардаанд [186; 187; 188]. Ромиз Собир ва Мирзо Диловар дар маҷмуа ва рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ ашъори Аҳмади Ҷомро ба нашр расонидаанд [8; 92; 93].

Вобаста ба ҷаҳонбинии фалсафии Аҳмади Ҷом муҳаққиқи ӯзбек Касимова Зинаида Ибрагимовна кори илмӣ ба анҷом расонидааст [120]. Инчунин, Саид Юсуфи Сурони Амир Ҳасан ҷанбаҳои каломӣ ва тасаввуфии осори Аҳмади Ҷомро пажуҳиш намудааст [115].

Дар адабиётшиносии ғарбиву русӣ доир ба рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом таҳқиқоти назаррас дар пажуҳишҳои Б.Фрейзер, Ф.Майер, Ҷ.Болдик, В.Иванов ва диг. дида мешавад [ниг. 25, 71-72; 39, 35; 179, 112-142; 212, 291-365; 213, 283-284].

Бояд таъкид намуд, ки бо вуҷуди аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори Аҳмади Ҷом таҳқиқ ёфтан, дар ҳеҷ яке аз онҳо масъалаҳои дар диссертатсияи мо – «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» таҳқиқгардида, ба таври хоса ва амиқ баррасӣ наёфтааст.

Аз ин рӯ, баррасии хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи тоза мебошад.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё барномаҳои илмӣ.** Масъалаҳои дар диссертатсия баррасигардида бо барномаҳо (лоиҳаҳо)-и мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар доираи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2017-2022 ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои нусхашиносӣ, баррасии сохторию мундариҷавӣ, корбурди ашъору тавзеҳи усулҳои баҳрабарӣ аз он, сабки насру шеваи баён, шарҳи истилоҳоти назарии сӯфия, пажуҳиши мутуни хаттию чопии мероси мансури ин донишманд ва табйини мақоми осори ӯ дар ташаккули адабу ирфони форсии тоҷикӣ мақсади диссертатсияи ҳозирро ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи мавзуи дар диссертатсия пажуҳишёфта ҳалли масъалаҳои зерин муҳимтарин вазифаҳои таҳқиқ қарор гирифтанд:

– баррасӣ ва омӯзиши мутуни манобеи куҳан дар маърифати рӯзгори Аҳмади Ҷом;

– таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом;

– муайян намудани ҷойгоҳи мероси мансури ирфонӣ дар ташаккули насри форсии тоҷикӣ;

– табйини нақши осори насрии Аҳмади Ҷом дар таҳаввули адабу ирфон;

– ҷустор дар мундариҷа ва сохту таркиби асарҳои насрии Аҳмади Ҷом;

– нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом ва равшан сохтани густураи таълифоти ӯ;

– мушаххас кардани усулҳои корбурди ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом;

– нишон додани хусусиятҳои боризи сабки наср ва шеваи баёни осори ӯ;

– ошкор намудани аҳамияти осори насрии Аҳмади Ҷом дар шарҳу тавзеҳи истилоҳоти назарии тасаввуф ва мақоми онҳо дар такмили фарҳангномаҳои мусталаҳоти сӯфия;

– нақду таҳлил ва пажуҳиши матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом.

**Объекти таҳқиқ**ро пажуҳиши хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии асарҳои насрии Аҳмади Ҷом ва омӯзиши онҳо ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқ.** Осори насрии Аҳмади Ҷом ва таҳқиқи матншиносиву поэтикии онҳо.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Дар таълифи диссертатсия аз усули таҳқиқ ва таҷрибаи илмию назариявии адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ, ба мисли Е.Э.Бертелс, Я.Рипка, Р.Николсон, Б.Фурӯзонфар, З.Сафо, С.Нафисӣ, А.Зарринкӯб, М.Баҳор, С.Шамисо, А.Фозил, М.Ш. Кадканӣ, Ҳ.Муайяд,

А.Мирзоев, Р.Ҳодизода, Х.Шарифов, Х.Мирзозода, А.Насриддинов, Н.Салимӣ ва диг. истифода гардидааст.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқ.** Асноди илмии таҳқиқот аз осори насрии Аҳмади Ҷом, ки бар асоси нусхаҳои хаттӣ таҳия гардидаанд, фароҳам оварда шудааст. Дар баррасиҳои нусхашиносӣ ва матншиносии мероси мансури Аҳмади Ҷом аз матни дастхатҳои то ҳол омӯхтанашудаи осори насрии ин орифу суханвар санадҳои муҳими илмӣ берун кашида шудаанд. Маводи маноқибҳо, тазкираҳо, таърихномаҳо, феҳриствораҳо, манобеи марбут ба адабу ирфон ва таҷрибаи илмию пажуҳишии матншиносон, нусхашиносон, адабпажуҳон ва муҳаққиқони мероси сӯфия заминаҳои асосии таҳқиқот қарор гирифтаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқро** раванди таълим ва илм дар МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», конфронсҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Дар адабиётшиносии тоҷик тавассути ин таҳқиқ бори нахуст осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди таҳқиқи алоҳида қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик аввалин таҳқиқ дар баррасии масоили матншиносӣ ва поэтикии мероси мансури Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравад.

Масъалаҳои таҳқиқи насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом, муайян сохтани мавзуъву қолабҳои таълифии осори ирфонии ин давра, нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом, баррасии сохториву мундариҷавии осори ӯ, корбурди ашъор ва равшан намудани усулҳои истифода аз он, сабки наср ва тарзи баён, такмил ва мояварсозии фарҳангномаҳои истилоҳоти тасаввуф бар мабнои осори насрии Аҳмади Ҷом, нақду таҳлил ва баррасиҳои матншиносии мероси мансури Аҳмади Ҷом, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал сурат мегиранд, аз навгониҳои илмии таҳқиқ ба ҳисоб меравconfigured.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Аҳмади Ҷом бо таълифи беш аз даҳ асари насрии арзишманд дар ташаккули адабу ирфони форсии тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштааст. Мақоми шоистаи ӯ тақозо менамояд, то осораш ба таври амиқ таҳқиқ гардад ва омилҳои таъсиргузории онҳо дар мояварсозии тасаввуфи амаливу назарӣ муайян карда шавад.

2. Маърифати рӯзгору аҳволи Аҳмади Ҷом дар таърихи илму адаби тоҷик аз замони зиндагониаш оғоз гардидааст. Ин раванд бо таълифи чанд маноқибу саргузаштномаи Аҳмади Ҷом, ба монанди «Нур-ул-ҳақоиқ»-и Заҳируддин Исо, «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом»-и Шиҳобуддин Исмоил, «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ, «Хулосат-ул-ҳақоиқ»-и Имодуддуни Форёбӣ аз асри XII сар шуда, минбаъд дар мисоли «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар, «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ ва ғ. идома пайдо намудааст.

3. Асрҳои XI-XII, ки Аҳмади Ҷом дар он зиндагӣ намудааст, аз пурбортарин давраҳои насри форсии тоҷикӣ буда, осори сӯфия дар ташаккули насри ин аҳд хеле таъсиргузор мебошад.

4. Мероси мансури сӯфия дар аҳди Аҳмади Ҷом бештар дар се навъ осор ва қолаби таълифӣ бозшиносӣ мегардад: маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия; осори тасаввуфи амалӣ ва назарӣ; тафосири куҳани форсии тоҷикӣ.

5. Нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом равшан месозад, ки ҳанӯз дастхатҳои омӯхтанашудаи осори ин донишманд зиёд аст.

6. Маърифати мундариҷаву муҳтавои осори насрии Аҳмади Ҷом дар шинохти бештари заминаҳои ташаккули тасаввуф ва такомули назарии мероси сӯфия арзишманд мебошад. Маҳз тавассути асарҳои мансури ин аҳд, ки осори насрии Аҳмади Ҷом ҷузви дурахшони он аст, замина фароҳам омад, то дар асрҳои баъдӣ тасаввуфи назарӣ ба камол расад.

7. Тавонмандии Аҳмади Ҷом дар адабу ирфон таъкид менамояд, ки бояд сабки наср ва шеваи баёни ӯ амиқ омӯхта шавад ва намунаи навиштаҳои ӯ дар маърифати фарогири насри форсии тоҷикӣ мавриди истифода қарор гирад.

8. Корбурди ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом бо усулҳои гуногун сурат гирифта, аз омӯзиши онҳо роҷеъ ба сарчашмашиносии шеъри форсии тоҷикӣ, маърифати ашъори ношинохтаи муаллиф, шинохти бештари мазомини муштараки адабиёти арабу аҷам ва равобити адабӣ асноди тозаи зиёд ба даст меояд.

9. Осори насрии Аҳмади Ҷом сарчашмаҳои пурбори истилоҳоти сӯфия буда, дар онҳо таъбирҳо ва мафҳумҳои хосаи ин тоифа бо шавоҳиди муътабар шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Дар такмили минбаъдаи фарҳангномаҳои мусталаҳоти сӯфия бояд аз онҳо баҳра бурда шавад.

10. Матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом аз самтҳои хеле муҳими пажӯҳишҳои адабиётшиносӣ ба шумор меравад. Дар ин самт, чи дар ватан ва чи дар хориҷа, таҳқиқоти хоса ва равишманд ба назар намерасад. Бояд нашрҳои минбаъдаи осори насрии Аҳмади Ҷом бо баҳрагирӣ аз нусхашиносиву нусхаҷӯии пурвусъат ва бо риояи меъёрҳои муҳими тасҳеҳи матн сурат бигирад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳамияти назарии диссертатсия аз он иборат аст, ки масъалаҳои дар таҳқиқ матраҳгардида дар омӯзиши мавзуъҳои марбут ба таърихи насри ирфонӣ, хусусиятҳои матншиносиву поэтикии мероси сӯфия, нусхашиносии осори хаттӣ, шеваҳои баррасии сохтору мундариҷаи таълифоти насрӣ, маърифати марҳилаҳои таҳаввули сабки наср, сарчашмашиносии афкори адабию ирфонӣ, табйини арзишҳои филологии осори ирфонӣ ва ғ. мусоидат хоҳад намуд. Натиҷаҳоеро, ки аз таҳқиқи фаслу мабҳасҳои алоҳида ба даст омадааст ва шеваҳои таҳқиқие, ки ба кор гирифта шудааст, метавон дар пажуҳишҳои дигар истифода кард.

Ҳамчунин, маводи диссертатсия дар таҳқиқи масоили меҳварии адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва иҷрои корҳои зерин аҳамияти амалӣ дорад:

– таълиму тадриси фанҳои «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» (давраи тасаввуф), «Сарчашмашиносӣ», «Матншиносӣ», «Нусхашиносӣ», «Таърихи фалсафаи Шарқ»;

– таълифу тадвини китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, дастурҳои методӣ, рисолаи илмӣ, магистрӣ ва рисолаи хатм;

– қироати курсҳои ҷудогона дар машғулияти факултавӣ ва семинарҳои махсус;

– барои таълифи корҳои илмӣ ва ғ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Роҷеъ ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқ, муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишгоҳӣ ва маҳфилу семинарҳои илмии адабӣ (солҳои 2017-2022) маърузаҳо ироа намудааст. Қисматҳое аз диссертатсия дар конфронсҳои анъанавии илмии донишгоҳ ва ҷаласаҳои кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (солҳои 2017-2022) гузориши илмӣ шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқ бо шиносномаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) рост меояд.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Диссертант дар муддати ба ҳайси доктор PhD таҳсил карданаш ба пажуҳишу баррасии таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом пардохтааст. Инчунин, таҳқиқоти илмӣ ва мақолаҳоеро, ки роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом, осори насрии Аҳмади Ҷом ва матншиносии осори насрии ӯ аз ҷониби донишмандон нигошта шудааст, мавриди накду таҳлил қарор додааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (№4, аз 22.11.2022) ва ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (№8, аз 14.03.2023) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз рӯи мавзуи таҳқиқ маърузаҳо дар конфронсҳои илмии донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ таҳти унвони «Як нусхаи фарорудии «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷом» (Хуҷанд, 31 майи соли 2022) ва «Муаррифии нусхае навшинохта аз «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом» (Фарғона, 12 декабри соли 2022) ироа гардидааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва пажуҳиш 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои дорои иҷозати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 173 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

# БОБИ I

# АҲМАДИ ҶОМ ВА ТАҲАВВУЛИ НАСРИ ИРФОНӢ ДАР АҲДИ Ӯ

## I.1. Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ

Аҳмади Ҷом, маъруф ба «Жандапил», «Зиндапил», «Пири Ҷом», «Шайхи Ҷом» аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони асрҳои XI-XII ба ҳисоб меравад. Манбаъшиносии рӯзгори Аҳмади Ҷом равшан менамояд, ки шинохти шахсият ва аҳволу манқабати ӯ аз замони зиндагиаш оғоз гардидааст. Дар ин замина, таълифоти Заҳируддин Исо – «Нур-ул-ҳақоиқ» ва Шиҳобуддин Исмоил – «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом» [29], ки ҳар ду фарзандони Аҳмади Ҷом мебошанд ва навиштаи яке аз муридони ӯ Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ – «Мақомоти Жандапил» [25] ва «Хулосат-ул-ҳақоиқ»-и Имодуддини Форёбӣ аз куҳантарин сарчашмаҳо ба шумор меоянд. Ҳамчунин, «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, ки яке аз набеpазодагони ӯст [82; 179], «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар [83] ва «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ [15] аз манобеи куҳан ва дасти аввал дар маърифати аҳволу рӯзгори Аҳмади Ҷом маҳсуб мегарданд. Афзудан муҳим аст, ки дар ин маврид «Таърихи Тархистонӣ»-и Аҳмади Тархистонӣ ва «Мақомоти Тойбодӣ», ки Дарвешалии Бузҷониву Абулмакорими Ҷомӣ [15, 26; 179, 5] аз онҳо ёд кардаанд, аз манбаъҳои куҳан ба шумор меравад. Ин сарчашмаҳо роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом маълумотҳои нодирро шомил будаанд.

Матлабҳое, ки дар ин манобеъ роҷеъ ба аҳволу манқабати Аҳмади Ҷом баён гардидааст, дар сарчашмаҳои таърихӣ ва тазкираҳо бо ихтисор ё афзудани матолиби ҷузъӣ оварда шудаанд. Чунончи, Сайфи Ҳиравӣ дар «Таърихномаи Ҳирот» чанд ҷо ҳангоми зикри авлоди Аҳмади Ҷом ба ӯ ишорат менамояд [78, 130, 134, 140, 149], Ҳамдуллоҳи Муставфӣ дар «Таърихи гузида» ва «Нузҳат-ул-қулуб»-и худ ба овардани зикри ному насаби Аҳмади Ҷом ва ҷойи дафнаш иктифо меварзад [37, 673; 38, 189], Фасеҳии Хофӣ дар «Муҷмал»-и хеш роҷеъ ба рӯзгор ва хонадони Аҳмади

Ҷом иттилоъ додааст [72, 2, 145], Ибни Батута дар «ар-Реҳла»-и худ ду маврид аз Аҳмади Ҷом ёд карда, яке ҳангоми убур аз Ҷом ва дигар ҳангоми зикри номи Шиҳобуддин дар Ҳиндустон [27, 73, 294], Абдурраҳмони Ҷомӣ дар тазкираи «Нафаҳот-ул-унс»-и хеш роҷеъ ба рӯзгору ҳаёти Аҳмади Ҷом маълумоти муфассал меорад ва ин манбаъ нахустин тазкираи ирфонист, ки дар бораи Аҳмади Ҷом матолиби васеътар ба қалам додааст [81, 235], Алишер Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» ҳангоми баёни зиндагонии яке аз ақрабои Аҳмади Ҷом ва яке аз наберагони ӯ аз Аҳмади Ҷом ёд менамояд ва байте аз ашъори ӯро меоварад [39, 42, 105], Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и хеш зимни шарҳи аҳволи Қосими Анвор аз Аҳмади Ҷом сухан меронад [5, 325], Муинуддини Исфизорӣ муаллифи «Равзот-ул-ҷаннот фӣ авсофи мадинати Ҳирот» шарҳи ҳоли Аҳмади Ҷомро баён дошта, зимни нақли рӯзгори Зайниддин Абӯбакри Тойбодӣ ва Шамсиддин Муҳаммади қозиюлқузот аз Аҳмади Ҷом зикре ба миён меоварад [31, 1, 216, 230, 323], дар китоби «Мазороти Кирмон», ки аз осори нимаи аввали асри XVI ба ҳисоб меравад, аз робитаи маънавии Бобо Иброҳими Гармсерӣ ва Аҳмади Ҷом сухан меравад [32, 70], муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» низ аз аҳволи Аҳмади Ҷом бо ихтисор сухан карда, дар чанд маврид аз ӯ ёдоварӣ менамояд, аз ҷумла ҳангоми баёни зиндагонии Абдурраҳмони Ҷомӣ [70, 75], Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ дар «Маҷолис-ул-муъминин» аз рӯзгори Аҳмади Ҷом ва ҷадди бузурги ӯ Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ матлаберо нақл менамояд [84, 69], Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом иттилои мухтасаре медиҳад [59, 692], Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» аз осори Аҳмади Ҷом ёд мекунад [79, 70], Дорошукӯҳ дар «Сафинат-ул-авлиё» оид ба зиндагонии Аҳмади Ҷом маълумот медиҳад [1, 279-281], «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар низ ҳовии тавзеҳоти кӯтоҳ роҷеъ ба зиндагонии Аҳмади Ҷом аст ва дар он се рубоӣ аз ӯ меоварад [57, 78], Алӣ Иброҳимхони Халил дар «Суҳуфи Иброҳим»-и хеш матолиби тазкираҳои дигарро мухтасаран такрор менамояд [28, 6а], муаллифи тазкираи «Сафинаи

Хушгӯ» гузориши маъмулиро ироа менамояд [73, 51а-52б], Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва «Риёз-ул-орифин» [76, 67; 77, 35] саргузашти Аҳмади Ҷомро мухтасар баён медорад ва аз ашъори ӯ намунаҳои кӯтоҳе меоварад, ҷилди чоруми «Миръот-ул-булдон»-и Муҳаммадҳасанхони Санеъуддавла низ шомили маълумоте мухтасар оид ба рӯзгори Аҳмади Ҷом мебошад [61, 4, 1992-1995]. Инчунин, дигар таърихнигорону тазкиранависон бо матлабҳои баргирифта аз асарҳои болозикр вобаста ба ягон мавзуъ бо ишорае ба Аҳмади Ҷому эҷодиёташ ва ё ҳангоми зикри бозмондагонаш аз ӯ ёд кардаанд [26; 31; 57; 71; 72].

Маълумоти пароканда дар бораи рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом дар осори муҳаққиқони хориҷӣ баъд аз асри XIX ба чашм мерасад. Ҳангоми сафар ба Хуросон сайёҳони хориҷӣ аз Аҳмади Ҷом дар сафарномаҳои худ ёд намудаанд, ки чунин навиштаҳои онон нахустин сарчашмаҳои ғарбӣ дар рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ба шумор меравaнд. Аз ҷумла, Б.Фрейзер дар солҳои 1821-1822 ҳангоми сафар ба Хуросон шаҳри Ҷомро дида ва дар сафарномааш аз Аҳмади Ҷом сухан рондааст. В.Иванов соли 1917 ҳангоми таҳияи асари «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ муфассалтар аз Аҳмади Ҷом ёдоварӣ намудааст. Комилтарин таҳқиқ дар бораи Аҳмади Ҷом дар адабиёти хориҷа ин таҳқиқи Ф.Майер аст, ки соли 1963 дар маҷаллаи «Анҷумани ховаршиносони Олмон» интишор намудааст [25, 71-72; 212, 291-365; 214, 283-284; 215, 74-76].

Бадеуззамон Фурӯзонфар дар асари таҳқиқотии худ роҷеъ ба «Рисола дар таҳқиқи аҳвол ва зиндагонии Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ» аз Аҳмади Ҷом ёд кардааст [164]. Забеҳуллоҳи Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» ҳангоми шарҳи ҳоли Арслони Тӯсӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ [153, 4, 248, 5, 788] аз Аҳмади Ҷом сухан ба миён овардааст. Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби «Арзиши мероси сӯфия» ҳангоми баҳси «Шайх ва хонақоҳ» аз Аҳмади Ҷом ва равобиташ бо султон Санҷар мухтасар гузориш додааст [134, 89-90]. Саид Нафисӣ дар китоби «Таърихи назму наср

дар Эрон ва дар забони форсӣ»-и худ аз аҳволу осори Аҳмади Ҷом сухан намудааст [146, 1, 108-109, 285, 2, 720-721]. Дар донишномаҳои хориҷӣ оид ба рӯзгори Аҳмади Ҷом мақолаҳои донишномавӣ интишор ёфта, ки «Донишномаи забон ва адаби форсӣ» [195, 214-217] ва «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» [196, 30-33] аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо мебошанд.

Дар кишвари мо устод Холиқ Мирзозода дар китоби «Таърихи адабиёти тоҷик» доир ба зиндагонии Аҳмади Ҷом маълумот додааст [96, 106-110]. Аълохон Афсаҳзод дар китоби «Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ» ҳангоми баҳси тахаллуси шоир аз Аҳмади Ҷом ёд кардааст [88, 41-42]. Амрияздон Алимардонов роҷеъ ба рӯзгори Аҳмади Ҷом таҳти унвони «Аҳмади Ҷомӣ» мақола ба табъ расонидааст. Муаллиф дар мақола кӯшида, то хонанда аз рӯзгор ва осори Аҳмади Ҷом ба хуби огоҳӣ пайдо намояд [85]. Инчунин, дар «Энсиклопедияи советии тоҷик», «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» ва «Энсиклопедияи миллии тоҷик» роҷеъ ба зиндагонии Аҳмади Ҷом мақолаҳои донишномавӣ нигошта шудааст [186, 1, 335; 187, 2, 215; 188, 2, 162]. Ромиз Собир ва Мирзо Диловар дар маҷмуа ва рӯзномаву маҷаллаҳо ашъори Аҳмади Ҷомро ба нашр расонидаанд [8; 93].

Бо такя ба манобеи дасти аввал метавон таъкид дошт, ки роҷеъ ба ному насаб ва куняву нисбаи Аҳмади Ҷом дар сарчашмаҳои куҳан фарқи муҳиме ба назар намерасад. Дар ин замина куҳантарин манбаъ рисолаи Шиҳобуддин Исмоил «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом» аст. Муаллиф дар ин рисола ному насаб ва шаҷараи табории падарашро чунин зикр намуда: «Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасан ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Абдуллоҳ ибни Лайси Баҷалии Номақӣ, маъруф ба «Ҷомӣ» [25, 323]. Ҳамаи тазкираҳо ва китобҳое, ки дар онҳо аз рӯзгор ва ҳаёту таълифоти Аҳмади Ҷом сухан рафтааст, куня, ному насаб ва нисбаи ӯро ба ҳамин сурат овардаанд. Абулмакорими Ҷомӣ дар «Хулосат-ул-мақомот»-и худ пеш аз овардани ному насаби ҷадди бузургаш чунин матлабро меафзояд: «Шайхро «Аҳмади Арабӣ» ва «Аҳмади Баҷалӣ» гуфтандӣ, ба сабаби он ки аз

фарзандони Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ буд. Ба шаш падар ба Ҷарир мерасад…». Сипас «насаби эшон бад-ин кайфият аст» гуфта, ному насаби Аҳмади Ҷомро меорад [179, 7]. Аҳмади Ҷомро арабитабор ва аз насли мулуки Яман донистаанд. Силсилаи насаби ӯ ба саҳоба Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ[1] мерасад. Аҷдоди Аҳмади Ҷом аз қабилаи «Баҷила» буда [60, 6, 91], дар рӯзгори пешин ба Хуросон кӯчидаанд ва падари Аҳмади Ҷом «Абулҳасан» дар Номақ сукунат ихтиёр кардааст. Аз ин рӯ, ӯро «Аҳмади Баҷалӣ» ё «Аҳмади Арабӣ» низ ёд кардаанд. Куняи Аҳмади Ҷом «Абӯнаср» буда, ин куняро ӯ ба хотири яке аз фарзандонаш, ки «Бурҳонуддин Наср» ном дошта, интихоб намудааст. Ӯро бо нисбат ба зодгоҳаш, «Номақӣ» ва пас аз рафтанаш ба Ҷом, «Номақии Ҷомӣ» хондаанд [15, 26; 25, 31-34; 161, 37; 179, 178].

Дар сарчашмаҳо номи деҳаи «Номақ» дар шаклҳои гуногуни «Номиқ», «Номик» ва «Номақ» зикр шудааст. Самъонӣ дар «ал-Ансоб» чунин оварда: «ан-Номақӣ: – бо фатҳи «нун»-у «мим» ва дар охираш «қоф» – ин нисбат ба «Нома» аст. Чунин буда, ки фармонҳо ва номаҳои аз ҳазрат (аз пешгоҳи султону халифа) расидаро он ҷо мехондаанд. Пас ба сурати арабӣ даровarда шуд ва «Номақ» гардид» [60, 13, 18].

Аҳмади Ҷом марди некӯрӯву баландболо ва некӯқомат, далер, шуҷоъ ва саховатпеша буд ва шояд лақаби «Жандапил»-ро ба ҳамин муносибат ба ӯ додаанд. Муҳимтарин ва машҳуртарин лақаби ӯ «Жандапил» аст. Баъзе аз мақомотнависон кӯшидаанд, барои ин лақаб далел ва ҳикояте биёваранд [15, 26]. Нахустин асаре, ки дар он пас аз ному насаби Аҳмади Ҷом, зикри лақаби ӯ «Жандапил» рафтааст, «Нузҳат-ул-қулуб» ва «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ мебошад [37, 189; 38, 673]. Аз Аҳмади Ҷом дар таърихномаву тазкираҳо, китобҳои тарҷумаҳолии мардони сӯфия ва мақомоту маноқиби урафо бо алқобу унвонҳои ифтихории «шайхулислом»,

[1] Мурод Абӯамр Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ мебошад, ки куняаш Абӯабдуллоҳ аст. Сардори қабилае аз Яман буд. Вақте ба Мадина омад, Паёмбар (с) ридои хешро ба ӯ пӯшониданд ва гуфтанд: «Агар бузурги қавме назди шумо ояд, ӯро иззату икром фармоед». Соли вафоти Расули акрам (с) имон овард ва ҳазрати Умар (рз) ӯро, ба сабаби чеҳраи зебо доштанаш, «Юсуфи уммат» меномид. Ҳар боре ки Паёмбар (с) ӯро медиданд, ба сӯяш табассум мекарданд. Ҷарир ибни Абдуллоҳи Баҷалӣ соли 51ҳ./671м. аз дунё даргузашт (Ансоб, ҷ.6, с.91).

«қутбулавтод», «султонулавлиё», «шайхи Ҷом», «муинуддин», «пири Ҷом», «ҳазрати Зиндапил», «Жандапил» ва ғ. ёд шудааст.

Аҳмади Ҷом соли 440-441 ҳ./1048-1049 м. дар рустои Номақ (Нома), ки дар ҷануби Нишопур қарор дорад, чашм ба дунё кушод. Падару модари ӯ зиндагонии фақирона доштаанд. Худ зикр менамояд, ки дар кӯдакӣ ба таълим фаро гирифта нашуд ва хондану навиштанро наомӯхт. Дар бораи давраи наврасӣ ва ҷавонии ӯ маълумоти дақиқу кофӣ мавҷуд нест. Ба навиштаи худи Аҳмади Ҷом, вай таҳсилоти ибтидоиро нагирифтааст. Дар тамоми сарчашмаҳо воқеоти пас аз синни 22-солагии ӯ зикр мегардад, ки худ низ онро дар таълифоташ баён доштааст. Бино ба гузориши худи Аҳмади Ҷом дар «Сироҷ-ус-соирин», навиштаҳои Шиҳобуддин Исмоил дар «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом», Абулмакорими Ҷомӣ дар «Хулосат-ул-мақомот» ва дигар манобеи куҳан даврони наврасиву ҷавонии Аҳмади Ҷом дар беҳудагӣ ва ишратталабӣ гузаштааст. То ин муддат ба таҳсил ва савод таваҷҷуҳ накардааст. Дар 22-солагӣ (462 ҳ./1069 м.) дар ҳаёти ӯ воқеае рух додааст ва ба сабаби он дар ҳаёти ӯ таҳаввулу дигаргунии куллӣ падид омадааст [25, 167; 50, 1; 137, 217-240; 179, 189-191].

Муҳимтарин воқеае, ки дар ҳаёти Аҳмади Ҷом баҳс мешавад, ҳамин воқеаи тавба кардани ӯст. Дар «Сироҷ-ус-соирин» оварда: «Бистудусола будам, ки тавба кардам» [50, 1]. Ин дигаргуниро худи Аҳмади Ҷом ҷазабаи раҳмонӣ дониста ва муътақид буда, ки ин амр аз даргоҳи илоҳӣ маншаъ гирифтааст. Абулмакорими Ҷомӣ дар «Хулосат-ул-мақомот» ин воқеаро чунин оварда: «Шайх фармуд, ки бистудусола будам, ки Ҳақ таоло ба караму лутфи худ дари тавба бар ман бикушод ва маро тавба каромот кард ва сабаби тавбаи ман он буд, ки чиҳил ёр будем, ки пайваста бо ҳам суҳбат доштӣ ва ба шурби хамр машғул будӣ… сабаби тавбаи ман ин буд. Ҳаждаҳ сол муҷоҳадат кардам, дувоздаҳ сол дар кӯҳи Номақ ва шаш сол дар кӯҳи Бизди Ҷом…» [179, 189-191].

Ҳамин воқеаи тавба, ки сабаби дигаргунӣ дар зиндагонии ӯ гардидааст, шахсияти Аҳмади Ҷомро аз воқеият ба афсона табдил додааст. Баъзе маноқибнависон кӯшидаанд, то бар асоси ин воқеа «уммӣ будан»-ро ба Аҳмади Ҷом нисбат диҳанд ва сифати «қудсият»-ро ба ӯ илҳоқ кунанд. Ба назари онҳо Аҳмади Ҷом чунон бокаромот буда, ки ба ҳар чӣ назар мекардааст, аз санги биёбон то кӯри модарзод, ҳолати онҳо дигар мешудааст. Онҳо кӯшидаанд, то ҳамаи гуфтаҳои ӯро баргирифта, аз «илҳомоти раббонӣ» нишон диҳанд. Фосила байни «тавба»-и машҳури Аҳмади Ҷом ва он ривоёту ҳикоёте, ки дар мақомоту тазкира ва осору аҳволи ӯ вуҷуд дорад, дида мешавад. Ногуфта намонад, ки Аҳмади Ҷом «уммӣ» набуда, хат ва илмҳои заруриро пас аз синни 22-солагӣ аз бар намудаву омӯхтааст. Бо ба чоп расидани осори Аҳмади Ҷом равшан гардид, ки сабаби тавбаи ӯ танҳо ҳамнишинӣ бо «аҳли фисқу фасод» набуда, балки вақти худро дур аз илм гузаронидани ӯ мебошад. Ин ҳама мисолҳое, ки ӯ дар осори худ овардааст, баёнгари он аст, ки Аҳмади Ҷом дар замони хилватнишинӣ илмҳои муҳими замонаашро аз худ кардааст [137, 217-240].

Аҳмади Ҷом пас аз ин руҳдод рӯй ба кӯҳ оварда, тарки он ҳама кӯтоҳиҳо менамояд. Муддати 18 сол доман аз халқ дармекашад ва дар Номақ ба хилват менишинад. Ӯ саравval дар кӯҳи Номақ дувоздаҳ сол ба поксозии нафси худ машғул гашта, сипас ба кӯҳи Бизд[2] меравад ва дар он ҷо масҷиде бо номи «Нур» месозад, ки то имрӯз побарҷост. Он ҷо Аҳмади Ҷом шаш сол дар муҳити ором ва дур аз гирифтории рӯзгор ба омӯзиши Қуръон, тафсир, ҳадис ва осори бузургони аҳли ирфон мепардозад. Зоҳиран, ӯ дар ин солҳо дар кӯҳҳо хилватнишиниро интихоб намудааст. Бо он умед, ки битавонад дар партави зиндагии зоҳидона, ба камоли роҳи ҳақ даст ёбад ва дар фарҷом бад-он ғояти матлуби аҳли тасаввуф сазовор бошад [25, 45; 136, 123-141; 138, 85-108; 140, 115-136].

Агарчи даврони кӯдакӣ ба мактаб нарафта ва илм наомӯхтааст, дар муддати ҳаждаҳ соли хилватнишинӣ ба омӯзишу азхудкунии эҷодиёти

[2] Мурод қуллаи Бизд аст, ки дар шаҳристони Турбати Ҷом воқеъ аст.

сухансароёни номдор, тафосири муътабар, аҳодиси саҳеҳ ва китобҳои ирфонӣ машғул гардида, тамоми вақти худро сарфи мутолиа намудааст. Ҳангоми мутолиаи осори Аҳмади Ҷом метавон дарёфт, ки табъи ҷустуҷӯгар ва андешаи баланди ӯ дар ин асарҳо дурахшид ва ӯ қадам ба қадам ба ҷаҳони орифон роҳ ёфт. Корбурди оёту аҳодис, истинод ба онҳо ва тазмини бисёр моҳиронаи Аҳмади Ҷом аз каломи муфассирон ва машоихи сӯфия табаҳҳури ӯро дар ин донишҳо ошкор месозад. Инчунин, истишҳод ба шеъри шоирони пешину муосиронаш ва тамсили ӯ ба зарбулмасалу мақол аз он дарак медиҳад, ки Аҳмади Ҷом дар ин даврон саргарми омӯзиш будааст [136, 123-141].

Аҳмади Ҷом аз он гурӯҳи орифоне аст, ки ҳақиқати зиндагонии ӯ бо афсонаҳои дур аз зеҳн омехта шудааст. Мувофиқону мухолифонаш кӯшидаанд, то рӯзгори ӯро бо ҳодисаҳое, ки мувофиқи табъашон аст, рангин намоянд. Ин ҳама сабаб гардид, то ҳақиқати рӯзгори Аҳмади Ҷом зери парда монад. Бетардид метавон гуфт, ки чеҳраи воқеии ӯ басо латифтару меҳрубонтар аз он тасвирҳост, ки дар маҷмуаву тазкираҳо зикр шудаанд.

Аҳмади Ҷом пас аз узлат нахуст дар Сарахс иқомат гузид. Аз он ҷо ба кӯҳи Истоди Зӯробод, сипас ба Муидободи Ҷом (Муҳидободи кунунӣ) рафт ва дар он ҷо маскан гирифт. Зоҳиран, Аҳмади Ҷом бештари вақти худро дар ҳамин ду ҷо гузаронидааст, зеро худи ӯ дар таълифоташ қайд менамояд, ки дар он ҷо масҷиде сохта, мардумро ба порсоӣ даъват намудааст. Саравал аксари пайравони ӯро ҷавонон ташкил медодаанд. Ӯ дар як муддати кӯтоҳ ҷавонон ва раҳгумзадагонро бо суханҳои пурҳикмати худ роҳнамоӣ менамояд. Ба таъкиди худи ӯ, дар оғоз бо мухолифати шадиди «хонақоҳдорон» рӯ ба рӯ шудааст. Ӯ дар ин маврид тавонистааст бо роҳи мусолиматомез андешаҳои худро доир ба хонақоҳу хонақоҳдорӣ баён намояд ва оташи баҳсу мунозираҳои тундро бо хонақоҳдорон хомӯш созад [155, 186-192; 176, 123-139; 179, 193-257].

Дар замони кӯтоҳ Аҳмади Ҷом соҳиби овозаи баланд гардида, мавриди эҳтирому иродати хосу ом ва салотину умаро қарор мегирад. Аз ҷумла, султон Санҷари Салҷуқӣ ба зиёрати Аҳмади Ҷом меояд ва аз иродатмандони ӯ мегардад [25, 35-39, 337-339; 47, 1-5].

Аҳмади Ҷом аз қисмати ҷанубу шарқии Нишопур то Ҳирот сафарҳо доштааст. Нахустин огоҳии мо аз сафари Аҳмади Ҷом, ин худ аз Номақ ба Бизди Ҷом берун омадани ӯ мебошад. Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, ӯ ҳамчун иршодгару раҳнамо ба шаҳрҳои Нишопур, Ҳирот, Марв, Сарахс, Бузҷон ва Бастом сафар кардааст. Дар ин мусофиратҳо, ки бо мақсади тарвиҷи илму дониш ва нашри ҳақоиқ сурат мегирифт, байни ӯ ва бузургон мулоқотҳо барпо мегардид. Аз ҷумла, достони Жандапил бо Амири Бузҷон, Имом Муҳаммад Мансури Сарахсӣ, султон Санҷари Салҷуқӣ, Фазл ибни Яҳё – қозии машҳури Ҳирот, Алӣ ибни Ҳайсами Ҳиравӣ, Хоҷа Мавдуди Чиштӣ ва диг. аз ин ҳикоят менамояд. Вақте ки ба Ҳирот меояд, ба пешвози ӯ фарзанди Абдуллоҳи Ансорӣ – Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ бо ҷамъе аз уламову бузургони шаҳр мебарояд ва эҳтироми ӯро ба ҷой меорад. Аҳмади Ҷом муддате дар хонақоҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ зиндагонӣ мекунад. Тафсили ин мусофиратҳову мулоқотҳо дар «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ, «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ ва ғ. омадааст [25, 48-83; 179, 239-249].

Бояд афзуд, ки Аҳмади Ҷом ба сафари ҳаҷ низ рафтааст. Ӯ дар ин сафар аз шаҳрҳои Ҳиҷоз ва шаҳрҳои дар масир қарордошта дидан кардааст. Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ дар «Мақомоти Жандапил» достони сафари ҳаҷҷи ӯро нақл кардааст. Дар ин сафар Аҳмади Ҷомро Ҳоҷӣ Яъқуб, Хоҷа Абулфатҳ ва сездаҳ тан муридону ҷамъе дигар аз ёрон ҳамроҳӣ кардаанд. Яке аз ҳамроҳони Аҳмади Ҷом дар ин сафар қозиюлқузот Абӯсаиди Нишопурӣ будааст [25, 109; 179, 239-249].

Аҳмади Ҷом умри дарози пурбаракати хешро ба рушди илму дониш ва иршоду раҳнамоии ҷомеа сарф намудааст. Бино ба иттифоқи аксари

сарчашмаҳо, Аҳмади Ҷом соли 536 ҳ./1141м. дар синни 96-солагӣ дар хонақоҳи худ дар шаҳри Ҷом (Муҳидобод) аз олами ҳастӣ чашм пӯшидааст. Ӯро дар маконе, ки қаблан васият намуда буд, берун аз дарвозаи масҷид ва хонақоҳаш, ба хок супурдаанд. Мир Маъсуми Бакрӣ, ки аз шоирони ҳамасри Аҳмади Ҷом аст ва «Номӣ» тахаллус дошта, дар мавриди соли вафоти Аҳмади Ҷом чунин моддаи таърихро суруда:

Муршиди номӣ, шайхи гиромӣ,
Аҳмади Ҷомӣ, уммима бирруҳ.
Гар зи ту пурсанд соли вафоташ,
«Аҳмади Ҷомӣ, қуддиса сирруҳ» [47, 23].

Дар ин қитъа калимаҳои «Аҳмади Ҷомӣ, қуддиса сирруҳ» моддаи таърих аст, ки аз ҳарфҳои «алиф»-1, «ҳо»-8, «мим»-40, «дол»-4, «ҷим»-3, «алиф»-1, «мим»-40, «ё»-10, «қоф»-100, «дол»-4, «син»-60, «син»-60, «ро»-200, «ҳо»-(и ҳавваз)-5 мувофиқи ҳисоби абҷад, адади 536 берун меояд, ки баёнгари соли вафоти Аҳмади Ҷом мебошад.

Шуҳрат ва мақоми Аҳмади Ҷом сабаб гардид, то пас аз вафоти ӯ дар деҳаи Ҷом, ин деҳа тағйири ном намояд ва бо номи «Турбати Шайхи Ҷом» маъруф гардад. Дар тазкираву сафарнома ва таърихномаҳое, ки пас аз даргузашти Аҳмади Ҷом таълиф гардидаанд, ин ҷо бо номи «Турбати Шайхи Ҷом» ёд гардидааст. Имрӯз низ мақбараи Аҳмади Ҷом побарҷо буда, зиёратгоҳи хосу ом ва ихлосмандони ӯст. Мақбараи Аҳмади Ҷом дар самти шимолии ин шаҳрак ҷойгир мебошад. Атрофи қабри ӯро биноҳои гуногун пур кардаанд. Аз ҷумла, хонақоҳи Шайх, масҷиди Гунбади сафед, мадраса, музей, бинои баланди дорои айвон ва қабри фарзандону наберагонаш мебошад [156, 2; 161, 53; 162, 44-49; 187, 215].

Бояд афзуд, ки баъзе Хизр (а), Абӯсаид Абулхайр ва Абӯтоҳири Курдро пири маънавиву устоди Аҳмади Ҷом донистаанд. Аммо бо таваҷҷуҳ ба достоне, ки Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ дар «Мақомоти Жандапил», Абулмакорими Ҷомӣ дар «Хулосат-ул-мақомот» ва Абдурраҳмони Ҷомӣ дар

«Нафаҳот-ул-унс» овардаанд, наметавон онҳоро муршидони ҳузурии Аҳмади Ҷом номид, зеро ӯ дар ягон осори худ аз онҳо ном набурдааст ва дар «Асрор-ут-тавҳид» низ зикре аз Аҳмади Ҷом нарафтааст [25, 33; 81, 231; 179, 13-15].

Бино ба ривояти муаллифи «Хулосат-ул-мақомот», Аҳмади Ҷом соҳиби сиву нуҳ писар ва се духтар будааст, ки пас аз вафоташ чордаҳ писар ва се духтари ӯ дар қайди ҳаёт будаанд. Аз миёни фарзандону наберагони ӯ дар тӯли таърих чандин донишманду шоир ва фақеҳу қозӣ берун омада, ки дар илму адаби мардуми форсизабон аз онҳо ба некӣ ёд мешавад. Фарзандони Аҳмади Ҷом Заҳируддин Исо соҳиби китоби «Нур-ул-ҳақоиқ» ва Шиҳобуддин Исмоил муаллифи «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом» соҳибтаълиф низ будаанд. Ин хонадон дар тӯли зиёда аз нуҳсад сол бо нисбаи «Ҷомӣ» ва «Ҷомии Аҳмадӣ» ёд мешаванд ва, ғолибан, аҳли илму адаб будаанд. Абулфатҳ Қутбиддин Муҳаммад, писари Шамсиддини Мутаҳҳар – соҳиби китоби «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат», Юсуфи Аҳл – муаллифи «Фароиди Ғиёсӣ», Абулмакорим ибни Алоулмулки Ҷомӣ – нависандаи «Хулосат-ул-мақомот» ва баъзеи дигар, ки зикрашон дар тазкираҳо рафтааст, аз фарзандзодагони Аҳмади Ҷом мебошанд [25, 65-67; 179, 5-15; 196, 30]. Саид Нафисӣ қайд менамояд, ки нисбати Абдурраҳмони Ҷомӣ аз як тараф ба Имом Муҳаммади Шайбонӣ ва аз тарафи дигар ба Аҳмади Ҷом мерасад [146, 1, 285]. Аммо А.Афсаҳзод ин фикрро рад намуда, қайд менамоянд, ки «нисбати Абдурраҳмони Ҷомӣ бо Аҳмади Ҷомӣ танҳо рӯҳонист, на авлодӣ!» [88, 42].

Дар байни шахсиятҳои маъруфи илму адаб шояд хонадоне ба мисли силсилаи хонадони Аҳмади Ҷом пойдор ва соҳиби шуҳрат набошад. Имрӯз бо гузашти чандин аср авлоди Аҳмади Ҷом дар шаҳрҳои мухталифи Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон ва ғ. зиндагонӣ менамоянд ва ному нисбаи «Ҷомӣ»-ву «Ҷомии Аҳмадӣ»-ро нигоҳ медоранд.

Қобили қайд аст, ки нуфузи Аҳмади Ҷом ба воситаи бозмондагонаш ба Ҳиндустон низ расидааст ва дар он сарзамин соҳиби эътибори баланд гардидааст. Аз муҳтавои китоби «Ҳумоюннома»-и Гулбаданбегим ба мо

маълум мегардад, ки Ҳамидабону ҳамсари Ҳумоюн – модари Акбаршоҳ аз насли Аҳмади Ҷом будааст [14, 48]. Ҳамин Ҳумоюншоҳ дар соли 1544 баъди шикаст аз дасти Шершоҳи афғонӣ ба Хуросон омада, ба зиёрати оромгоҳи Аҳмади Ҷом меравад ва ин ду байтро бар рӯи мазори ӯ ҳаккокӣ менамояд.

Байт:

«Эй ҳимати ту узрпазири ҳама кас,
Зоҳир ба ҷаноби ту замири ҳама кас.
Даргоҳу дари ту қиблагоҳи ҳама кас,
Лутфат ба карашма дастгири ҳама кас.

Саргаштаи бодияи бесаранҷомӣ Муҳаммад Ҳумоюн, дувоздаҳуми шавволи санаи нуҳсаду панҷоҳу як» [45, 11]. Шоҳзода Муҳаммади Дорошукӯҳ, бародари шоҳ Аврангзеб ва муаллифи китоби «Сафинат-ул-авлиё», шоиреро бо тахаллуси «Ҳаҷрӣ», ки соҳиби девони шеър будааст, аз хонадони Аҳмади Ҷом медонад [1, 327].

Бояд ёд намуд, ки мақоми арҷманди Аҳмади Ҷом дар адабу ирфон мӯҷиб гардида, то номвартарин шоирону орифон аз ӯ бо эҳтиром ёд намоянд.

Ҳофизи Шерозӣ худро муриди Шайхи Ҷом донista, гуфтааст:

Ҳофиз муриди ҷоми май аст, эй сабо, бирав
В-аз банда бандагӣ бирасон Шайхи Ҷомро [158, 63].

Шайх Камоли Хуҷандӣ, чунончи дар баъзе нусхаҳои хаттии девони ӯ омадааст, аз Аҳмади Ҷом бо иродат чунин ёд кардааст:

Соқӣ бишикаст ҷоми Ҷомӣ,
З-он ҷоми латифтар баровард  [7, 1, 631].

Маҷди Хофӣ дар китоби «Равзаи хулд»-и худ бо ихлос аз Аҳмади Ҷом ин гуна ёд мекунад: «Овардаанд, ки султонулавлиё, бурҳонуласфиё, қутбуланом Шайх Аҳмади Ҷом, қуддиса сирруҳу, бо ҷамъе муридон нишаста буд...» [71, 127].

Абдурраҳмони Ҷомӣ тахаллус ва пайванди худро ба Аҳмади Ҷом чунин баён дошта:

Мавлидам Ҷому рашҳаи қаламам

Ҷуръаи ҷоми Шайхулисломист.

Лоҷарам, дар ҷаридаи ашъор

Ба ду маънӣ тахаллусам «Ҷомӣ»-ст [88, 41-42].

Қосими Анвор низ иродати худро ба Аҳмади Ҷом зоҳир намуда, китоби «Равзат-ул-музнибин»-и ӯро сутудааст:

«Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом,

Он наҳанги муҳити баҳрошом.

Осмонест пурмаҳу Парвин,

Бӯстонест пургулу насрин.

Раҳмати эзадӣ ба ҷонаш бод,

Лаънати Ҳақ ба душманонаш бод.

Ҳар кӣ ӯ душмани Худо бошад,

Душмани ҷумла авлиё бошад [13, 351].

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ низ ба Аҳмади Ҷом иродат доштааст. Инро аз ашъори мавсуф пай бурдан мумкин аст. Чунонки фармуда:

Аз ин май маст буданд аҳли ирфон,

Ҷамеи ошиқону покбозон:

Ҷунайду Шибливу Маъруфи Кархӣ,

Судури сӯфиён Зуннуни Мисрӣ.

Мадори қутби олам – Пири Бастом,

Фузайлу Бӯсаиду Аҳмади Ҷом [18, 996].

Қосими Машҳадӣ, аз шоирони машҳури асри XVI, мутахаллис ба «Арслон», худро аз пайравони Аҳмади Ҷом муаррифӣ карда, мегӯяд:

Соқӣ, зи акси май шуда равшан замири мо,

Ҷоме бидеҳ, ки орифи Ҷом аст пири мо [153, 5, 2, 789].

Аз баррасии гузоришҳои манобеъ роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ва мақоми ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ чунин натиҷаҳо ба даст меоянд:

а) Аҳмади Ҷом аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони форсизабонон буда, нуфузи шахсият ва сайри андешаи ӯ мӯҷиб гардидааст, то оғоз аз рӯзгори худи ӯ бар сабту нигориши манқабату зиндагиномааш иқдом намоянд ва минбаъд онро вусъати бештар бахшанд;

б) Сарчашмаҳои куҳантарин дар мавриди рӯзгор ва манқабати Аҳмади Ҷом аз ҷониби фарзандону наберагон ва муридони худи ӯ навишта шуда, аксар то имрӯз маҳфуз мондаанд;

в) Дар мавриди ному насаб ва куняву таборномаи Аҳмади Ҷом байни манобеъ ихтилофи назаррас дида намешавад;

г) Бо вуҷуди он ки дар мавриди Аҳмади Ҷом чандин маноқиб ва саргузаштнома нигошта шудааст, оид ба ҷузъиёт ва лавҳаҳои зиёди рӯзгори ӯ маълумоти муфассал дастрас нест;

ғ) Аҳмади Ҷом, афзун бар борварии осори зеҳнӣ, аз баракоти наслӣ низ бархурдор аст. Дар тӯли нуҳ аср донишмандон ва фарҳехтагони зиёд аз насли ӯ берун омада, дар ташаккули илму фарҳанги мардуми форсизабон саҳм гузоштаанд;

д) Мақоми Аҳмади Ҷом дар адабу ирфон сабаб гардида, то бузургтарин суханварон, ба мисли Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Қосими Анвор ва диг. аз ӯ ба бузургӣ ёд намоянд;

е) Рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом собит месозад, ки ин ориф ва суханвар дар таърихи адабу ирфони форсии тоҷикӣ мақоми хоса дорад.

## I.2. Насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом

Асрҳои XI-XII аз пурбортарин давраҳои насри форсии тоҷикист. Дар ин давра тавонотарин насрнависони мардуми форсизабон зиндагӣ намуда, бо таълифи шоҳкориҳои илмию адабӣ ва ирфонию мазҳабии худ ба насри форсии тоҷикӣ шукӯҳмандии хоса бахшидаанд. Аҳмади Ҷоми Номақӣ низ дар ҳамин аҳд умр ба сар бурда, бо таълифи беш аз даҳ асари насрии ирфонӣ дар ташаккулу борварии насри форсии тоҷикии ин давра саҳми назаррас гузоштааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар асрҳои XI-XII сарзамини мардуми форсизабон бештар дар қабзаи қудрати Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва Ғӯриён қарор дошт. Дар давраи мазкур забони форсии дарӣ хеле фаротар аз Хуросону Мовароуннаҳр интишор ёфт. Футуҳоте, ки аксар тавассути Ғазнавиёну Салҷуқиён ба амал пайваст, густураи ин забонро хеле вусъат бахшид ва онро дар тамоми сарзамини Эрон ва қисмати бузурги Осиё ба забони илму адаб ва сиёсату фарҳанг табдил сохт. Чунин таҳаввулоти сиёсӣ то ҷое омил қарор гирифт, то марказҳои таълиму таҳқиқ бештар тавсеа ёбад, табодули афкору равобити илмию адабӣ равнақи афзунтар касб намояд ва ташаккул дар вазъи илмию фарҳангӣ падид ояд. Аммо тазаккур бояд дод, ки дар шукуфоию борварии илму адаби ин давра тадбирҳои тамаддунсоз ва пайкорҳои фарҳангофари хонадони ҳоким дар давраи қабл – Оли Сомон нақши хеле муҳим дорад. Саид Нафисӣ дар ин маврид менависад: «Ҷиҳати аслӣ ва сабаби воқеии тараққии адаби форсӣ дар ин қарн ин аст, ки дар замони Сомониён ва дар қарни чаҳорум пояи адабиёт бар пайи устувор ва рукни ҳасине ниҳода шуда буд. Ва чунон ин кохро аз пай муҳкам сохта буданд, ки қатъан мебоист дар қуруни баъд ба авҷи камол бирасад» [146, 1, 32].

Насри форсии тоҷикӣ, ки дар аҳди қаблӣ бештар ба шеваи содаи мубтанӣ бар забони гуфтор ва пайрав аз насри паҳлавӣ дар ҷараён буд, дар ин аҳд ба камоли пухтагӣ расид. Забеҳуллоҳи Сафо дар таъкид бар ин нукта чунин навишта: «Дар қарни ёздаҳум ва дувоздаҳуми мелодӣ, дар ин давраи дуқарнӣ, насри форсӣ ба наҳви шоистае ба тарафи камол рафт… Бояд гуфт, бисёре аз шоҳкориҳои насри форсиро, хоҳ дар насри сода ва хоҳ дар насри маснуъ, дар ин давра бояд ҷустуҷӯ кард» [153, 1, 10].

Дар асрҳои XI-XII дар афкор ва бинишу донишҳо танаввуъ ва гуногунсамтиҳо ба вуҷуд омад. Дар ин аҳд, афзун бар шоҳкориҳои адабӣ, дар анвои улум осори арзишманд ба забони форсии дарӣ таълиф гардид. «Осори улвӣ»-и Музаффари Исфизорӣ, «Кайҳоншинохт»-и Абӯалии Марвазӣ,

«Рисолат-ул-санҷария фи-л-коиноти-л-унсурия»-и Зайниддин Умари Совачӣ, «Ҷаҳони дониш»-и Шарафуддин Муҳаммади Бухорӣ, «Кифоят-ут-таълим фӣ синоати-т-танҷим»-и Заҳируддин Муҳаммади Ғазнавӣ, «Равзат-ул-мунаҷҷимин»-и Шоҳмардони Розӣ дар илми нуҷум ва ҳайъат, «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Абӯиброҳим Исмоили Гургонӣ, «Нур-ул-уюн»-и Муҳаммад ибни Мансури Ҷурҷонӣ дар илми тиб, «Қурозаи табииёт»-и Абӯсаъд Муҳаммади Ҳиравӣ дар табииёт, «Баён-ул-адён»-и Абулмаолӣ Муҳаммади Ғазнавӣ дар милал ва ниҳал, «Кифоя»-и Бағавӣ дар фиқҳ, «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ, «Тафсир-ут-тафосир»-и Суроботӣ, «Басоири Яминӣ»-и Муҳаммади Нишопурӣ, «Тоҷ-ут-тароҷим»-и Шоҳфури Исфароинӣ дар тафсир, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазл Муҳаммади Байҳақӣ, «Таърихи Бухоро»-и Абӯнасри Қубовӣ, «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас»-и маҷҳулулмуаллиф дар таърих ва ғ. аз ҷумлаи онҳоянд.

Бояд таъкид намуд, ки дар асрҳои XI-XII мероси мансури сӯфия бахши хеле муҳими насри форсиро ба худ ихтисос додааст. Саид Нафисӣ таъкид менамояд, ки ин давра аз нигоҳи касрати урафо ва машоихи бузург дар таърихи Эрон бар дигар давраҳо имтиёзи хоса дорад [146, 1, 108]. Мусалламан, дар ин давра номвартарин орифони соҳибтаълиф ва сӯфиёни соҳибмактаб, чун Абӯсаиди Абулхайр, Абулҳасани Харақонӣ, Абулқосими Қушайрӣ, Абдулқодири Гелонӣ, Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ, Абӯалӣ Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ, Наҷмиддини Кубро ва диг. зиндагонӣ намуда, дар гӯшаву канори қаламрави забону фарҳанги форсӣ бо таълифу тадрис бар интишори тасаввуф кӯшидаанд. Ҷараёни мухталифи сӯфия ба мисли маломатия, қодирия, чиштия, кубравия, қассория, сухравардия ва ғ., ки дар ин асрҳо фаъолияти пурравнақ доштаанд, низ аз наҳзати пурҷӯши сӯфия дар ин аҳд дарак медиҳад.

Ҳаракати пурвусъати таълими мабонии тасаввуф дар мадорису маҷолиси орифон ва фарогирии фуруъву тааллуқоти завқии он дар хонақоҳу

маҳофили сӯфиён ҳам ҷойгоҳи хосаи тасаввуф дар ҷомеаи он аҳдро таъкиди бештар мебахшад. Манзалати орифону сӯфиёни соҳибноми ин аҳд то ҷое буд, ки гоҳе бар салотину умаро ва вузарову руасо низ нуфуз доштанд. Теъдоде аз давлатмардон ба онҳо иродат меварзиданд ва ба хонақоҳу зовияҳои эшон ҳузур меоварданд. Мултамисона ҳузур овардани султон Маҳмуди Ғазнавӣ назди қутбулавлиё Хоҷа Муқрии Қазвинӣ [56, 330], номаи Имом Байҳақӣ ва навиштаи Имом Қушайрӣ дар таъну танбеҳи Амидулмулк Абӯнасри Кундурӣ [33, 32-33], номаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ба Низомулмулк [127, 402-405], мактуби Муҳаммади Ғаззолӣ ба султон Санҷар [24, 1, 5-8] ва ғ. намунае аз санадҳои муътамад дар ин заминаанд.

Оғоз аз асри XI орифони соҳибқалам ва сӯфиёни соҳибназар бо таълифи осору имлои афкор мероси сӯфияро, чи марбут ба амалия ва чи назария, бо забони форсии дарӣ ба ҷараёни равишманд ворид сохтанд. Аз ҳамин аср ба колбуди адабиёти мо рӯҳи ирфон дамида шуд ва адаби сӯфия ба таври ом паҳн гардид. Маҳз тавассути мероси сӯфияи ин аҳд адабиёти ин давра нисбат ба ҳамаи дигар давраҳо бартарият ёфтааст. Аз ҳамин ҷост, ки Саид Нафисӣ менависад: «Дар риштаи тасаввуф чун машоихи бузург дар ин аср зистаанд, адабиёти Эрон аз ин ҳайс бар давраҳои дигар бартарӣ дорад» [146, 1, 73].

Осори насрии сӯфия, ки дар асрҳои XI-XII таълиф гардидаанд, аз арзишҳои баланди адабӣ бархурдор буда, муҳимтарин сарчашмаҳои адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд. Забеҳуллоҳи Сафо бо ишора ба ин хусусияти мероси сӯфия бар аҳамияти гурӯҳи ин осор чунин таъкид менамояд: «Кутубе, ки сӯфия дар шарҳи мабодӣ ва усули тасаввуфу ирфон ва баёни аҳволу мақомоти соликони тариқат ба форсӣ таълиф кардаанд, аз ҷумлаи муҳимтарин осори насрии мост, ки ҳеҷ гоҳ аз ҷозибаву ҳол ва равнақу ҷилои хоси худ барканор нест… Насрҳои сӯфиёна, илова бар содагиву тозагӣ, мақрун ба ҳолу шавқе аст, ки бад-он зебоиву гирандагии хос мебахшад» [153, 1, 111].

Насри ирфонии аҳди Аҳмади Ҷом дар қолаби осори гуногун бо тарҳу мавзуъбандии мухталиф арзи ҳастӣ намудааст. Қисме аз осор дар шакли маноқибу сираномаи машоих, теъдоде дар қолаби дастури амалии мубтадиён, иддае дар мисоли шарҳномаву тафсироти манозили соликон ва чанде дар сурати баённомаи румузу ишороти истидлолоти аҳли ирфон таълифу тадвин гардидаанд. Аз ин рӯ, баррасиву муаррифии насри ирфонии аҳди Аҳмади Ҷомро таҳти зерунвонҳои умда анҷом медиҳем.

**I. Осори ирфони амалӣ ва назарӣ.** Қабл аз аҳди Аҳмади Ҷом, бахусус дар давраи давлатдории Сомониён, дар баёну тавзеҳи усулу фуруи сӯфия ва зикри одобу русуми тариқати эшон осори арзишманде, чун «ал-Лумаъ фи-т-тасаввуф»-и Абӯнаср Сарроҷи Тӯсӣ, «ат-Таарруф ли мазҳаби-т-тасаввуф»-и Абӯбакри Калободӣ, «Ҷавомеу одоби-с-сӯфия»-и Абӯабдурраҳмони Суламӣ, «Китоб-ул-ваҷд»-и Абӯсаиди Аъробӣ, «Қут-ул-қулуб»-и Абӯтолиби Маккӣ ва ғ. ба қалам омада буданд. Аммо ин осор ҳама бо забони арабӣ нигориш ёфтаанд. Он чи мусаллам аст, куҳантарин осори насрии хоса дар табйину ташреҳи мабонии тасаввуф, ки бо забони форсии тоҷикӣ навишта шудааст, ин «Шарҳ ат-Таарруф»-и Мустамиллии Бухороӣ мебошад. Академик Носирҷон Салимӣ дар ин замина навишта: «Яке аз намунаҳои барҷастаи осори тасаввуфӣ, ки ба ҳайси аввалин китоби муштамил бар ин навъ таълифоти мазҳабӣ эътироф шудааст, «Шарҳи таъарруф»-и Абӯиброҳим ал-Мустамиллӣ ал-Бухорӣ (ваф.1043) мебошад, ки тарҷума ва тафсире аст ба рисолаи «ат-Таъарруф ли мазҳаб ит-тасаввуф»-и Абӯбакр ибни Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Яъқуби Бухороии Калободӣ» [107, 1, 89].

Тазаккур додан бамаврид аст, ки китоби кӯчаке ба наср аз осори аҳли тасаввуф дастрас аст, ки бештар манқулоти Имом Абӯҳафс Амр ибни Саламаи Ҳаддоди Нишопурист. Ин сӯфӣ ва орифи номвар дар соли 264 ҳ./877 м. даргузаштааст. Сабки насри китоб нишон медиҳад, ки он аз асри севуми ҳиҷрӣ (нуҳуми мелодӣ) нест. Зоҳиран асли он арабӣ буда, баъдан дар асри ҳафтуми ҳиҷрӣ, сездаҳуми мелодӣ ба форсӣ тарҷума шудааст [146, 1, 1].

Пас, мусаллам ин аст, ки таълифи осори насрии аҳли тасаввуф ба забони форсии тоҷикӣ аз асри XI оғоз мегардад.

Муҳимтарин осори ирфонии марбут ба амалия ва назарияи тасаввуф, ки дар асрҳои XI-XII пас аз «Шарҳи ат-Таарруф» ба қалам омадаанд, чунинанд:

1) «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ. Муаллифи китоб Абулҳасан Алӣ ибни Усмони Ҷуллобии Ҳуҷвирии Ғазнавист (ваф. 465 ҳ./1072 м.), ки аз орифони маъруфи асри XI мебошад. «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ аз ҷумлаи куҳантарин ва муҳимтарин осори мутасаввифа ба шумор рафта, бо забони содаву равон нигориш ёфтааст. Муаллиф бунмояҳои зиёди фикриву эътиқодии аҳли тасаввуфро бо истидлолоти равишманд мудаллал сохтааст. Китоби мазкур дар ташаккули минбаъдаи осори насрии сӯфия таъсири босазо гузоштааст. Аз ӯ китоби дигар бо номи «ал-Баён ли аҳли-л-аён» мерос мондааст.

2) Тарҷумаи «Рисолаи қушайрия»-и Абӯалии Усмонӣ. «Рисолаи қушайрия» аз асоситарин осори сӯфия аст, ки дар тасаввуфи амалӣ ва исботу таҳкими мабонии эътиқодии ин тоифа аз ҷониби орифи маъруф Абулқосим Абдулкарим ибни Ҳавозини Қушайрӣ дар соли 438 ҳ./1046 м. таълиф гардидааст. Аҳамияти ин китоб сабаб гардид, то он дар замони муаллиф ба забони форсӣ тарҷума шавад. Абӯалӣ Ҳасан ибни Аҳмади Усмонӣ аз шогирдони Абулқосими Қушайрӣ буд. Ӯ тарҷумаи китобро дар замоне наздик ба вафоти муаллифи он Имом Қушайрӣ (ваф. 465 ҳ./1072 м.) анҷом додааст [153, 2, 22]. Тарҷумаи мазкур ба тасҳеҳу истидрокоти Бадеуззамон Фурӯзонфар чоп шудааст [33].

Тарҷумаи дигаре низ аз «Рисолаи қушайрия» аз ин аҳд дар даст ҳаст, ки он аз ҷониби Абулфутуҳ Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ дар миёнаи асри XII анҷом пазируфтааст.

3) Осори Абдуллоҳи Ансорӣ. Асарҳои насрии орифи бузурги асри XI Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 481 ҳ./1088 м.) аз олитарин мероси сӯфия ба

шумор меравад. Аз ҷониби ин донишманд ва сӯфии номвар, илова бар осори адабӣ ва «Табақот-ус-сӯфия», чандин асар бо забони форсӣ дар ин аҳд таълиф гардида, ки «Канз-ус-соликин», «Муноҷотнома», «Зод-ул-орифин», «Қаландарнома», «Насоеҳ», «Ҳафт Ҳисор», «Рисолаи дилу ҷон» аз ҷумлаи муҳимтарини онҳо мебошанд. Осори насрии Абдуллоҳи Ансорӣ бо сабки ба худ хос – насри мавзуну мусаҷҷаъ аз дигар мероси сӯфия имтиёз дорад. Тавассути осори мансури ирфонии ӯ сабки тоза дар таърихи насрнависии форсии тоҷикӣ ба ҷараён даромад, ки бо номи «насри мавзуни мурсал ва мусаҷҷаъ» ёд мешавад. Ин сабк минбаъд аз ҷониби дигар орифон, ба мисли Абулфазли Майбудӣ дар «Кашф-ул-асрор», Наҷмуддини Насафӣ дар «Тафсир», Амир Ҳусайн дар «Нузҳат-ул-арвоҳ» ва ғ. пайравӣ гардид. Ҳамчунин, дар падидоии насри мавзуни фаннӣ, дар мисоли «Мақомоти Ҳамидӣ» таъсир гузошт ва асари он дар шоҳкории насри форсӣ – «Гулистон»-и Саъдӣ, ки аз ин ду сабк падид омадааст, низ қобили мулоҳиза аст.

4) Осори Аҳмади Ғаззолӣ. Шайхулмашоих Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ (ваф. 517 ё 520 ҳ./1123 ё 1126 м.) аз орифони бузурги ин аҳд буда, осори арзишмандеро, чун «Лубоб ал-Эҳё», «аз-Захира фӣ илми-л-басира», «ат-Таҷрид фӣ калимат-ит-тавҳид», «Рисолат-ут-туюр», «Макотиб», «Савонеҳ», «Тозиёнаи сулук» дар заминаи ирфон ва масоили назарии он тасниф намуд. «Маҷолис»-и ӯ дар рӯзгораш тадвин гардид ва ба хатти ӯ таъйид ёфт [19, 9-10].

«Савонеҳ» аз байни осори форсии ӯ аз аҳамияти баланди ирфонӣ бархурдор аст. Ин асар чунонки аз сурати пурратари номи он «ас-Савонеҳ фӣ маонӣ ал-ишқ» пайдост, дар мавзуи «ишқ» баҳс менамояд. «Савонеҳ» – яъне, биниш, андеша ва тафаккурҳост, ки муаллиф роҷеъ ба ишқ ва ҳақиқати он баён доштааст. Ин китоб яке аз беҳтарин асар дар мавриди ишқ аст, ки дар таърихи адабу ирфон таълиф гардидааст. Мақоми хосаи ин асар сабаб гардид, то минбаъд ҳамчун манбаи муътамад дар осори адабӣ ва ирфонӣ аз

он истифода гардад, шарҳҳо бар он навишта ояд ва ба назм кашида шавад [20, 19-20].

«Тозиёнаи сулук»-и Аҳмади Ғаззолӣ асари дигари ӯст, ки бо забони форсӣ ба шеваи «Савонеҳ» барои шогирдаш Айнулқуззоти Ҳамадонӣ навиштааст. Ин таълифи Аҳмади Ғаззолӣ низ ҷузви беҳтарин таснифот роҷеъ ба назарияи тасаввуф, бахусус ишқ, ба шумор меояд.

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ. Рисолаи мухтасарест, ки муаллиф бо сабки шево бо истинод бар оёту аҳодис ва ахбору ашъор аз забони мурғон бар сайри манозилу мақомот раҳнамоӣ менамояд. Ҳамин рисола Атторро илҳом бахшид, то «Мантиқ-ут-тайр»-ро биёфарад [21, 71-80].

5) Осори Муҳаммади Ғаззолӣ. Ҳуҷҷатулислом Муҳаммади Ғаззолӣ (ваф. 505 ҳ./1111 м.), ки ҳамчун ориф ва донишманд дар ташаккули тасаввуф нақши муассир дошт, ҳамаро мусаллам аст. Е.Э. Бертелс дар «Тасаввуф ва адабиёти тасаввуф»-и хеш мабҳаси алоҳидаро дар табйини мақоми Муҳаммади Ғаззолӣ дар ташаккули тасаввуф ва адабиёти сӯфия ихтисос додааст [127, 50-51]. Дар умри кӯтоҳи Муҳаммади Ғаззолӣ ду даҳаи охир давраи камолоти рӯҳонӣ, замони инзивову хонақоҳнишинӣ ва айёми таълифи осори арзишманди ирфонӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ асосан бо забони арабӣ ба таълифи осор пардохт. Аммо таълифоте чун «Асрор-ул-ҳаҷ» (баъдан ба арабӣ тарҷума намуданд), «Талбиси иблис» (ё «Тадлиси иблис»), «Кимиёи саодат», «Насиҳат-ул-мулук», «Асрор-ул-макнуна» ва «Макотиб»-и ӯ ба забони форсӣ навишта шудааст. Шоистаи зикр аст, ки мактубҳои ӯро пас аз вафоташ бародари ӯ Аҳмади Ғаззолӣ бо номи «Фазоил-ул-аном фӣ макотиби Ҳуҷҷатулислом» фароҳам овардааст. Дар номаҳои ӯ низ матолиби ирфонӣ ва мабоҳиси марбут ба тасаввуф зиёд ба назар мерасанд. Агарчи осори насрии Муҳаммади Ғаззолӣ хосаи ирфон нест, аммо рӯҳи ирфон ва тамоюли тасаввуфӣ бар онҳо ғолиб аст. Бахусус, фаслҳое аз «Кимиёи саодат»-и ӯ комилан мабоҳисест, ки дар осори ирфонӣ матраҳ мегарданд. Мисли фаслҳои «Адаби самоъ ва ваҷд», «Адаби узлат», «Шинохти нафс», «Хавфу раҷо»,

«Фақру зуҳд», «Муҳосабаву муроқаба», «Шавқу муҳаббат» ва ғ., ки бахши муҳиме аз он китобро фаро гирифтаанд.

6) Осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ. Абулфазоил Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Миёнҷии Ҳамадонӣ, мулаққаб ба «Айнулқуззот» (мақ. 525 ҳ./1130 м.) аз орифон ва назарияпардозони маъруфи сӯфия аст. Ӯ ба Аҳмади Ғаззолӣ иродат варзид ва тавассути ӯ ба маслаки орифон даромад. Осори зиёд дар заминаи ирфон ба қалам овард, ки бештари онҳо ба забони арабӣ навишта шудаанд. Ба забони форсӣ асарҳои «Тамҳидот», «Яздоншинохт», «Лавоеҳ», «Табйинот», «Рисолаи Ҷамолӣ», «Мактубот» ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

«Тамҳидот», ки бо номи «Зубдат-ул-ҳақоиқ» низ ёд мешавад, маъруфтарин осори насрии Айнулқуззоти Ҳамадонӣ шуморида мешавад. Масоили ирфони назарӣ, бахусус матолиби марбут ба ваҳдати вуҷуд, ки дар ин китоб матраҳ гардидааст, мунозираҳоро дар рӯзгораш барангехт, аммо зимнан заминаи такомули ин назарияро дар асри баъдӣ фароҳам овард.

«Макотиб»-и Айнулқуззот ҳама ба забони равони форсӣ нигориш ёфта, дарбаргирандаи мазомини баланди ирфонӣ ва маърифатист. Саид Нафисӣ дар мавриди «Макотиб»-и ӯ навишта: «Бисёре аз макотиби Айнулқуззот ҳукми рисолоти муфассали форсиро дорад, ки ба сурати мактуб таҳия шудааст ва низ матолиби басе аз мактубҳои вай дунболаи мактубҳои муқаддам ва мукаммили матолиби онҳост» [153, 2, 124].

«Лавоеҳ», ки ба Айнулқуззот мансуб аст, рисолаест шомили бист фасли кӯтоҳ дар мавзуи «ишқ». Ин рисола дар тақлид аз «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ навишта шудааст. «Лавоеҳ» бештар бо насри мавзун ба қалам омада, аз нигоҳи сабк аз дигар осори насрии Айнулқуззот мутафовит аст.

7) Осори Шиҳобуддини Суҳравардӣ. Шайх Шиҳобуддин Абулфатҳ Яҳё ибни Ҳабаш ибни Амираки Суҳравардӣ, маъруф ба «Шайхи ишроқ» (мақ. 587 ҳ./1191 м.) аз ҷумлаи орифон ва ҳакимони номвари асри XII аст. Ӯ осори зиёд дар мавзуи ирфон ва фалсафаву ҳикмат таълиф намуд. Агарчи

таълифоти ӯ аксар ба забони арабианд, аммо осори мансури форсиаш ҳам кам нест. «Овози пари Ҷабраил», «Луғати мӯрон», «Ақли сурх», «Сафири Симурғ», «Рисола фӣ ҳақиқати-л-ишқ», «Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён» аз маъруфтарин осори насрии ӯст, ки бо забони содаи дилнишин навишта шудаанд. Мероси мансури ирфонӣ-фалсафии Шиҳобуддин Суҳравардӣ аз ҷумлаи шоҳкориҳои насри форсӣ ба ҳисоб меравад [125, 114].

«Овози пари Ҷабраил» дар меҳвари баҳси худ масъалаи раҳоии ориф аз ҷаҳони зулматро ба баррасӣ гирифтааст.

«Ақли сурх» гуфтугӯест байни муаллиф ва як фариштаи ғайбӣ, ки дар тавзеҳи масоили мармузи ирфон сухан мекунад.

«Рисола фӣ ҳақиқати-л-ишқ», ки бо номҳои «Мӯнис-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ул-ишқ» низ зикр мегардад, достонест рамзӣ ва дар он Юсуф мазҳари ҷамол аст.

«Луғати мурон» – маҷмуае аз матнҳои мухтасар аст. Аз ҷумла достоне дар мавзуи Ҷоми ҷаҳоннамо.

«Рӯзе бо ҷамоати сӯфиён» – рисолаест, ки зоҳиран шахсиятҳои он рамзист. Муаллиф дар хонақоҳе дар ҳузури сӯфиён аз шайхе, ки ӯро муршиди худ меҳисобад, ягон-ягон саволҳо ва асрори мушоҳидаҳои худро пурсон мешавад ва ӯ посух медиҳад.

Осори насрии Шиҳобуддини Суҳравардӣ дар байни мероси сӯфияи ин аҳд аз лиҳози доро будан ба масоили ирфони назарӣ аз арзиши илмию фалсафии хоса бархурдор аст. Андешаҳои ӯ, ки дар ҳамаи рисолаҳояш ба сурати тамсиливу рамзӣ баён гардидаанд, дар таҳаввули ирфони назарӣ ва эҷоди навъе аз ирфон – ҳақиқати инсони комил, такони ҷиддӣ ворид сохтааст.

8) Осори Аҳмади Ҷом. Бешак, осори насрии Аҳмади Ҷом чун «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. дар

ташаккули насри ирфонии ин аҳд таъсиргузории хоса доранд, ки дар фаслҳои ҷудогонаи диссертатсия аз онҳо сухан хоҳем гуфт.

9) «Сӯфинома»-и Қутбуддини Аббодӣ. Ин китоб бо номи «ат-Тасфия фӣ аҳволи-л-мутасаввифа» низ шинохта мешавад. Муаллифи он Қутбуддини Абулмузаффар Мансур ибни Ардашери Аббодист (ваф. 535 ҳ./1141 м.), ки аз воизони маъруфи аҳди худ буд. Дар «Сӯфинома» зикри аҳволу ақволи сӯфиён ва баёни мафоҳими онон бо насри содаи дур аз тасаннуъ ба қалам додааст. Дар баъзе мавридҳо матлабҳо бо насри мавзуни бетакаллуф низ баён шудаанд. Китоби мазкур баррасии нисбатан муфассалтареро нисбат ба маншаи тасаввуф ва ирфони амаливу назарӣ шомил аст. Ин китоб ба кӯшиши Ғуломҳусайн Юсуфӣ нашр шудааст (Теҳрон, 1347) [198, 589].

Чунонки тазаккур ёфт, мероси мансури сӯфия дар аҳди Аҳмади Ҷом бахши муҳиме аз пурбортарин давраи насри форсиро (асрҳои XI-XII) ба худ ихтисос додааст. Дар ин давра, афзун бар он чи дар заминаи ирфони амалӣ ва назарӣ муаррифӣ шуд, хеле осори арзишманди дигар дар ин замина бо забони форсии тоҷикӣ таълиф гардидаанд, ки «Шарҳи қасидаи Абулҳайсам»-и Муҳаммади Сурх, «Шарҳи «Манозил-ус-соирин»-и Хоҷа Абӯяъқуб Юсуфи Ҳамадонӣ, «Абҳар-ул-ошиқин» ва «Шатҳиёт»-и Рӯзбеҳони Бақлии Шерозӣ, «Рисолаи тариқат»-и Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ, «Рисолаи сафар»-и Маҷдуддини Хоразмии Бағдодӣ, «Даҳ қоида»-и Наҷмуддин Абулҷаноби Хоразмӣ, «Зод-ул-муқвийин»-и Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Насри Вобканӣ, «Бахр-ул-маонӣ ва савф-ул-амонӣ»-и Алӣ ибни Абдуллоҳи Бухорӣ, «Маҷолис»-и Абулфатҳ Муҳаммади Шаҳристонӣ ва ғ. аз ҷумлаи онҳоянд. Ин осор дар ташаккули насри ирфонии ин давра ва давраҳои баъдӣ нақши муҳим бозидаанд.

**II. Маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия.** Дар асрҳои XI-XII гурӯҳе аз орифон ва донишмандони сӯфимашраб бо таълифу таснифи осор дар зикри аҳволи бузургони сӯфия ва манқабату корномаҳои онон дар ташаккули насри ирфонии ин давра нақши муассир гузоштаанд.

Осоре, ки дар ин мавзуъ ба қалам омадаанд, бахши хосе аз насри ирфонии рӯзгори Аҳмади Ҷомро ба худ ихтисос додаанд.

Таълифоти зерин муҳимтарин асарҳое ба шумор мераванд, ки дар аҳди мазкур дар ҳамин замина навишта шудаанд:

1) «Нур-ул-улум»-и Абулҳасани Хараќонӣ (ваф.425 ҳ./1033 м.). Ин китоб, ки ба орифи соҳибмактаби асри XI мансуб аст, аз ҷониби яке аз шогирдони ӯ тадвин гардидааст. Саид Нафисӣ зимни баёни рӯзгори Абулҳасани Хараќонӣ менависад: «Китобе ба форсӣ дар маноқиби ӯ ба номи «Нур-ул-улум» навиштаанд» [146, 1, 57]. Мудаввини китоб дар он аҳвол ва гуфторҳои муршиди худро пас аз вафоти ӯ тадвин намудааст. Китоб шомили даҳ боб буда, дар он баёноти Шайх Абулҳасани Хараќонӣ роҷеъ ба адабу русуми сӯфия бо забони содаву равон фароҳам оварда шудааст. Дар нақли ақвол аз усули савобу ҷавоб ба таври хоса истифода гардидааст. Намуна: «Пурсиданд, ки дарвешӣ чист? Гуфт: Дарёест аз се чашма: яке – парҳез, дувум – саховат, сеюм – бениёз будан аз халқи Худой, азза ва ҷалла.

Шайх (рҳ) аз сӯфие пурсид, ки шумо дарвеш киро гӯед? Гуфт: Онро ки аз дунё хабараш набувад. Шайх гуфт: Чунон нест, балки дарвеш он бувад, ки дар дилаш андеша набувад ва мегӯяду гуфтораш набувад ва мебинаду дидораш набувад ва мешунаваду шунавоияш набувад ва мехӯраду мазаи таомаш набувад ва ҳаракату сукунаш набувад ва андӯҳу шодияш набувад, дарвеш ин бувад» [127, 329-330].

2) «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ. Ин китоб куҳантарин табақот ва донишномаи сӯфиён ба забони форсист. Ин китоби Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 481 ҳ./1088 м.), бешак, яке аз муҳимтарин мутуни ирфонӣ дар забони форсӣ ба шумор меравад. Ӯ дар маҷлиси иршоду таълими худ аҳволу ақволи сӯфиёнро ба такя ба андӯхтаҳо ва манобеи муҳим, ки «Табақот-ус-сӯфия»-и Абӯабдурраҳмони Суламӣ (ваф. 412 ҳ./1021 м.) аз ҷумлаи муҳимтарин онҳо буд, баён медошт. Чунин таҳриру баёноти ӯ бо

номи «Табақот-ус-сӯфия» тадвин гардид, ки имрӯз аз муътабартарин сарчашмаҳо дар маърифати рӯзгору гуфтори орифон ба ҳисоб меравад.

3) «Ҳолот ва суханони Шайх Абӯсаид Абулхайр». Ин китоб аз ҷониби яке аз наберагони Шайх Абӯсаид Абулхайр (ваф. 440 ҳ./1048 м.) Камолиддин Муҳаммад ибни Ҷамолиддин Абурравҳ Лутфуллоҳ ибни Абӯсаъд Асъад ибни Абӯтоҳир Саид ибни Абӯсаид Фазлуллоҳ ибни Абулхайри Майҳанӣ дар мақомот ва маноқиби бобояш навишта шудааст. Ин маноқиб дар ҳудуди соли 540 ҳиҷрӣ (1145 мелодӣ) тадвин гардида, имрӯз матбуъ ва дастрас аст [153, 1, 72].

4) «Асрор-ут-тавҳид фӣ мақомот аш-Шайх Абисаид». Ин китоб аз ҷониби Муҳаммад ибни Мунаввар ибни Абӯсаид ибни Абӯтоҳир ибни Абӯсаид Абулхайр таълиф шуда, ки набераи дигари Шайх Абӯсаид Абулхайр мебошад. Китоби мазкур дар нимаи дуюми асри XII мудавван гардида, ҷомеътарин таълиф дар аҳволу ақволи Абӯсаид Абулхайр ба ҳисоб меравад. Муаллиф дар ҳифзи айни гуфтори ҷаддаш таваҷҷуҳи хоса доштааст. Аз ин рӯ, забони он ба забони пештар аз таърихи тадвин наздиктар аст. Дар китоб зикри мақомот ва ҳолоти Абӯсаид Абулхайр дар се марҳала (боб) – «ибтидои ҳолат», «васати ҳолат» ва «интиҳои ҳолат» оварда шудааст. Аз китоб, илова бар аҳволу ақволи Абӯсаид Абулхайр, аз ҳолату манқабати дигар машоихи он рӯзгор низ маълумотҳо ба даст меоянд. «Асрор-ут-тавҳид», бешубҳа, аз ҷумлаи шевотарин китобҳои насри ирфонӣ эътироф гардидааст.

5) «Мақомоти Амир Кулол». Муаллифи китоб маълум нест. Китоб дар асри XII дар мақомоти Амир Кулол, ки аз машоихи бузурги тариқати хоҷагон буд, навишта шудааст [146, 1, 53].

6) «Соҳибия». Рисолаест, ки дар мақомоти Хоҷа Абӯяъқуб Юсуф ибни Айюби Ҳамадонӣ (ваф. 535 ҳ./1140 м.) аз ҷониби шогирди ӯ Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ (ваф. 575 ҳ./1179 м.) навишта шудааст [146, 2, 722].

7) «Нур-ул-ҳақоиқ». Таълифи Заҳируддин Исо, ки дар маноқиби падари худ Шайх Аҳмади Ҷоми Номақӣ ба қалам овардааст. Заҳируддин Исо писари

сездаҳуми Аҳмади Ҷом аст ва ин маноқиби падарашро дар миёнаи асри XII таълиф намудааст. Ин маноқиб бо номи «Румуз-ул-ҳақоиқ» низ ёд мешавад. Аз ӯ асари дигаре бо номи «Сирр-ул-бадоеъ» низ боқӣ мондааст [146, 2, 721 ва 727].

8) «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом». Ин рисола, ки ҳамчунин дар маноқиби Шайх Аҳмади Ҷом аст, аз ҷониби писари хурдтарини ӯ Шиҳобуддин Исмоил таълиф гардидааст.

9) «Мақомоти Жандапил». Таълифи Хоҷа Садидуддин Муҳаммад ибни Мулло Яъқуби Ғазнавӣ, ки аз ҷумлаи шогирдони Аҳмади Ҷоми Жандапил буд. Ин мақомоти Жандапил аз ҷомеътарин таълифот дар маърифати аҳволу аҳволи Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравад.

10) «Хулосат-ул-ҳақоиқ». Навиштаи Имодуддини Форёбӣ, ки аз иродатмандони Аҳмади Ҷом аз асри XII буд ва китобро дар маноқиби ӯ таълиф намуд.

**III. Тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.** Тафсирҳои қадима ба масобаи донишномаҳоянд, ки дар онҳо афзун бар тавзеҳи маонии оёт, зикри нукоти фиқҳӣ, каломӣ, таърихӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ ва ғ. низ мақоми хоса дорад. Мусаллам аст, ки сӯфиён аз оғоз ба тафсиру таъвили он оятҳо, ки бо ҷаҳонбинии онон мувофиқ буданд, эҳтимом варзидаанд ва дар исботи асолатҳои фикрии худ пайваста ба оёт истинод ҷустаанд. Ҳамин навъ таваҷҷуҳи онон сабаб гардид, то навъе аз тафсир бо исми «тафсири ишорӣ» арзи ҳастӣ намояд. Дар ин замина тафсирҳои алоҳида мудавван гардид, ки «Ҳақоиқ-ут-тафсир»-и Абӯабдурраҳмони Суламӣ ва «Латоиф-ул-ишорот»-и Абулқосими Қушайрӣ аз барҷастатарин намунаи онҳоянд. Дар тафсирҳои куҳани форсии тоҷикии асрҳои XI-XII ҳам ин хусусият равшан падидор аст. Нақли аҳволу гуфтор ва баёни ҳолоту савонеҳи сӯфиён дар матни тафсирҳои ин аҳд хеле зиёд ба назар мерасад ва барои муфассирон ҳамчун сарчашма хидмати назаррас намудаанд. Ин хусусият пораҳое аз мутуни тафосири куҳани форсии тоҷикиро ҳамчун мероси мансури сӯфия бозшиносӣ

менамояд. Гузашта аз ин, дар ин давра тафсирҳои хосаи ирфонӣ аз ҷониби Абдуллоҳи Ансорӣ ва Рашидуддини Майбудӣ ба қалам омаданд, ки дар таърихи тафсирнависии форсии тоҷикӣ куҳантарин ва ҷомеътарин тафсирҳои ирфонӣ маҳсуб мегарданд.

Аз ин давра метавон тафосири зеринро муҳимтарин тафсирҳои ирфонӣ ва фарогири мутуни сӯфиёна муаррифӣ намуд:

1) «Тафсири Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ». Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар маҷолиси худ ба тафсири ишорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир фармуда, оятҳои муносиб бо машраби сӯфиёнро бо ҷумлаҳои мусаҷҷаъ, ашъори дилнишин ва ақволу аҳволи машоих тафсиру таъвили ирфонӣ менамуд. Ин навъ тафсиру таъвилҳои сӯфиёнаи Абдуллоҳи Ансорӣ дар рӯзгори худи ӯ мудавван гардида, ба сурати мӯҷаз ҳам бошад, дар байни сӯфиёни ин аҳд мавриди истиқбол қарор дошт. Имрӯз айни ин тафсир аз байн рафта, қисмати асосиаш тавассути тафсири «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ маҳфуз мондааст.

2) «Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр»-и Рашидуддини Майбудӣ. Муаллифи тафсир Рашидуддин Абулфазли Майбудӣ аз муфассирони номвари оғози асри XII буда, таҳрири тафсири худро соли 520ҳ./1126м. оғоз намудааст. Ӯ тафсири ирфонии Хоҷа Абдуллоҳи Ансориро аз рӯи лафзу маъно дар ҳадди «эъҷоз», аммо дар «ғояти эйҷоз» мебинад, ки дар ҳусули ғарази мустаршид ва итминони садри мутааммили мустабсир кофӣ набуд. Пас, дар он бар басти калом мепардозад ва байни ҳақоиқи тафсиру латоифи тазкир ҷамъ мефармояд [34, 1, 1].

Муаллифи тафсир аз маҷмуаи оёт маҷлисҳо сохта, дар маҷлиси аввал тарҷумаи дақиқ, дар маҷлиси дуюм тафсири илмӣ-маъмулӣ ва дар маҷлиси сеюм тафсири ишориву сӯфиёнаи онҳоро баён медорад. Маҷлиси сеюм, ки таҳти унвони «ан-Навбат-ус-солиса» меояд, дар алоҳидагӣ тафсири ишориву сӯфиёнаи комиле мебошад. Ҳамин бахши тафсир китоби мазкурро ҳамчун шоҳкории насри сӯфиёнаи форсии тоҷикӣ муаррифӣ намудааст.

Нашри комили ин тафсир дар даҳ муҷаллад чоп шудааст [34] ва дар кишвари мо гузидаи маҷлиси сеюми он бо номи «Шукуфаҳои қуръонӣ» интишор ёфтааст [104]. Намуна: «Расули Худо, саййиди анбиё, муқаддами асфиё, тоҷи авлиё, ки дар фалаки нубувват моҳ асту лашкари анбиёро шоҳ асту осиёнро паноҳ аст, дар чаҳорболиши давлати нубувват ва маснади иззи рисолат нишасту китоби шариат аз ҳам боз кард. Китоби осмониву номаи раббонӣ бар халқ мехонд ва нисори тавҳид бар сари муъминон мефишонд. Ин нидо ва ин овоз ба асмои дӯстон расид, ҳама аз миқоти ниҳоди худ ба якбор лаббайки ислом бароварданд. Билоли Ҳабашӣ бо рӯе сиёҳу диле чун моҳ ранҷ медиду ҷафои мушрикон мекашид, гирди Макка ҳамегардид ва ба умеди ҷамоли он меҳтари олам ҳамедавид, ки ин чӣ бӯест, ки дар Ҳабаша ба машоми ман расид?! Суҳайби Румӣ метохт бо диле пурдарду рухе зард, ки чӣ силсилаи лутф аст, ки маро аз Рум бикашид?! Салмони Форсӣ мегуфт, ки «Ин атрест, ки ҷуз дар бозори ниёзи мо нафрушанд!» Аммори Ёсир овоз медод, ки «иннӣ лааҷиду риҳа Юсуф» (ҳамоно, ки ман бӯи Юсуфро эҳсос мекунам – сураи Юсуф, ояти 94) [34, 10, 573-574].

3) «Тоҷ-ут-тароҷим»-и Шоҳфури Исфароинӣ. Муаллифи тафсир Абулмузаффар Шоҳфур ибни Тоҳир ибни Муҳаммади Исфароинӣ (ваф. 471 ҳ./1078 м.) аз донишмандони баландноми аҳди салҷуқӣ буда, дар назди онон, бахусус назди вазир Низомулмулки Тӯсӣ, мавриди эътимоду эҳтиром буд. Чандин асар аз худ ба мерос гузошт, ки «Тоҷ-ут-тароҷим фӣ тафсири-л-қуръони ли-л-аоҷим» аз ҷумлаи онҳост. Тафсири ёдшуда дар таърихи насри форсии тоҷикӣ аз манзалати баланд бархурдор буда, яке аз асарҳои комили бозмонда аз асри XI ба ҳисоб меравад. Муфассир дар он мавридҳо, ки тафсири оёт ба тавзеҳи бештари ахлоқӣ ва шарҳи афзунтари мафоҳим ниёз доранд, ба аҳволу ақволи сӯфиён истинод меҷӯяд. Аз ин лиҳоз, пораҳое аз матни тафсир хоса бо матолиби сӯфиёна зинат ёфта, ки ба он симои ирфонӣ мебахшанд. Намуна: «Фузайл ибни Иёз гӯяд, ки «муттақӣ» он бувад, ки мардумонро ҳамон хоҳад, ки хештанро хоҳад. Ҷунайд гӯяд: Балки он бувад,

ки мардумонро беҳтар аз он хоҳад, ки хешро. Чунонки устоди ман Сарӣ, раҳимаҳуллоҳ, дӯсте бар вай салом кард, рӯй фароҳам кашид ва бихандид. Гуфтам вайро: Чаро кардӣ? Гуфт: Аз баҳри он ки андар хабар омадааст, ки ҳар кӣ бар мусалмоне салом кунад, Худованди таоло сад раҳмат миёни эшон қисмат кунад, навад онро диҳад аз эшон, ки хандонтар бошад ва хушрӯйтар ва даҳ он дигарро диҳад. Пас, ман хостам, ки вай аз ман хандонтар бошад, то навад раҳмат вайро бошаду даҳ маро» [30, 1, 65].

4) «Тафсири Сурободӣ». Муаллифи тафсир Абӯбакр Атиқ ибни Муҳаммади Сурободии Ҳиравӣ аз донишмандон ва машоихи бузурги асри XI мебошад. Тафсири ӯ, ки худ «Тафсир-ут-тафосир» ёд намудааст [49, 1, 9], аз ҷумлаи куҳантарин мероси мансури форсии тоҷикист, ки то замони мо маҳфуз мондааст. Тафсири ӯ дар рӯзгори муаллиф аз эътибор бархурдор буда, дар осори муҳими он аҳд, ба мисли «Таърихи Байҳақӣ», «ас-Сиёқ»-и Абдулғофири Форсӣ, «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом, «Вуҷӯҳи Қуръон»-и Ҳубайши Тифлисӣ ва ғ. аз он ёд шудааст ва мавриди истифода қарор гирифтааст [102, 128-134].

Тафсири Сурободӣ дар мояварсозии осори сӯфиён нақш дошта, ҳамчун манбаи муътамад барои ин тоифа хидмат намудааст. Аз ҷумла, Аҳмади Ҷом дар осори худ аз он ба таври хоса баҳра бурдааст [45, 103]. Ба даст омадани яке аз куҳантарин нусхаҳои хаттии ин тафсир дар Турбати Шайх Аҳмади Ҷом низ ин нуктаро таъкид мебахшад [ниг. 102, 134]. Сурободӣ зимни баррасиҳои тафсирӣ ба орову афкор ва нақли ақволу аҳволи сӯфиён таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Ин хусусият ҷойҳое аз матни тафсири ӯро ҳамчун насри ирфонӣ бознамоӣ менамояд. Намуна: «Фузайл ибни Иёз гуфтӣ: «Илоҳӣ, ғарранӣ бика биррика бӣ» (Яъне: Эй Худоям, маро нисбат ба ту, некӯии ту нисбат ба ман бифирефт), ки ҳарчанд ман маъсият беш кардам, ту бо ман некӯӣ беш кардӣ. Яҳё ибни Муоз ар-Розӣ гуфт: «Илоҳӣ, ғарранӣ бика ситрика-л-мураххӣ ъалайя» (Яъне, Эй Худоям, маро нисбат ба ту, пардакашии бомеҳрат бар ман, мағрур сохт), агар ба аввал маъсият, ки ман

бикардам, ту парда ба ман боздаридӣ, ман низ перомуни маъсият нагаштамӣ. Булфазли Обид гуфтӣ: «Илоҳӣ, ғарранӣ бика тақайюдика таҳдидика бикарамика» (Яъне, Эй Худоям, маро дар баробари ту, таҳдидатро ба карамат муқайяд сохтанат, ба фиреб андохт), ки гуфт: «бираббика-л-карим» (Яъне, Эй инсон, туро чӣ чизе дар баробари Парвардигори каримат ба фиреб андохт – сураи Инфитор, ояти 6) [52, 4, 2777].

5) «Тафсири Дарвоҷакӣ». Ин тафсир бо номҳои «Тафсири Зоҳидӣ», «Латоиф-ул-ирфон», «Латоиф-ут-тафсир», «Ҷавҳар-ун-нафис» низ ёд мешавад ва аз муҳимтарин тафсирҳои форсии тоҷикии Қуръони маҷид ҳисоб меёбад. Муаллифи он Имом Абӯмансур Аҳмад ибни Ҳасани Дарвоҷакист (ваф. тақ. 549 ҳ./1154 м.), ки имлои тафсири худро соли 519 ҳ./1125 м. дар Бухоро оғоз ниҳодааст [102, 157-159]. Имом Дарвоҷакӣ зимни тафсир аз суханони орифон бисёр иқтибос оварда, лавҳаҳои зиёде аз рӯзгори ононро нақл фармудааст. Дар ин замина, зикри орифоне чун Ҳасани Басрӣ, Абдуллоҳи  Муборак, Фузайли Иёз, Суфён, Ҳаким Тирмизӣ, Шиблӣ, Ҳусайн ибни Фазл ва ғ. бештар ба назар мерасад.

Намуна: «Ибн ал-Муборак, раҳимаҳуллоҳу, ба наздики Ҳорунаррашид, раҳимаҳуллоҳу, даромад. Ӯро гуфт: Маро панде бидеҳ. Гуфт: Ё амиралмуъминин, Худои таоло мегӯяд андар китоби худ: - «А лам яълам бианналлоҳа яро – Намедонад ин одамӣ, ки ҳар чӣ мекунад, Ман мебинаму медонам». Ва аз ин маънӣ буд, ки Шиблӣ, раҳимаҳуллоҳу, пайваста муноҷот кардӣ: - Во шақвоно, ва ин ъафо а лайса қад ъалима-л-ҷафо – ва гар расвоиҳо ҳарчанд биёмурзӣ, охир набидонистӣ, ки ман бад кардам. Ман худ ин хиҷолат куҷо барам!» [ниг. 102, 164-165].

6) Тафсири «Равз-ул-ҷинон»-и Абулфутуҳи Розӣ. Номи пурраи тафсир «Равз-ул-ҷинон ва равҳ-ул-ҷанон фӣ тафсири-л-Қуръон» буда, муаллифи он Абулфутуҳ Ҳусайн ибни Алии Розист (тав. тақ. 480 ҳ./1087 м. – ваф.тақ. 554 ҳ./1159 м.), ки аз насрнависони номвари аҳди Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравад. Тафсири мазкур аз ҷумлаи шоҳкориҳои насри форсии тоҷикӣ буда, матни

комили он дар бист муҷаллад мунташир шудааст. Дар ин тафсири пурбор зикри афкору нақли аҳволи сӯфия хеле бориз падидор аст. Намуна: «Ҳасани Басрӣ дар назди Робеаи Адавия шуд, то ӯро бипурсад аз ранҷе, ки расида буд ӯро. Гуфт: Ё Робеа чунӣ? Гуфт: Чунонам, ки ӯ медорад. Гуфт: Чунат медорад? Гуфт: Чунонки мехоҳад. Гуфт: Чун мехоҳад? Гуфт: Чунонки дар ӯ барозад. Шарм надорӣ, ӯ дар ҳаққи ту он гӯяд аз некӣ, ки дар ту набарозад ва лоиқ набошад, ту дар ҳаққи ӯ он мегӯӣ аз бадӣ, ки дар ӯ набарозад» [58, 3, 36].

7) Тафсири «Басоири Яминӣ». Ин тафсир аз ҷониби Имом Муҳаммад ибни Муҳаммади Нишопурӣ (тав. тақ. 480 ҳ. /1087 м. – ваф. тақ. 560 ҳ./1164 м.) таълиф ёфта, ки бо Аҳмади Ҷом ҳамрӯзгор буд. Ӯ дар аҳди султон Санҷари салҷуқӣ ва Баҳромшоҳи ғазнавӣ дар камоли манзалат қарор дошт. Ғайр аз тафсири «Басоири Яминӣ», осоре чун «Мағозӣ», «Уммаҳоти муҳиммот», «Қисаси анбиё», «Саҳифат-ул-иқбол», «Раъйорой»-ро таълиф намудааст [102, 203-211]. Аз байни осори ӯ тафсири «Басоири Яминӣ» аз шуҳрати бештар бархурдор аст. Муаллифи тафсир ба нақли ривоятҳо аз рӯзгори орифон ва истинод ба гуфтаҳои онон таваҷҷуҳи хоса мабзул доштааст. Аз ин рӯ, тафсири мазкур аз нақли аҳволу аҳволи сӯфиён саршор мебошад.

Намуна: «Гӯянд: Султон Маҳмуд, анораллоҳу бурҳонаҳу, бар Хоҷа Муқрии Қазвинӣ, раҳимаҳуллоҳу, ки дар он навбат қутби авлиё буду имрӯз дар ҷавори «Намозгоҳи куҳан» хоки ӯ амони аҳли он хитта аст, Қуръон мехонд. Ва чун бад-ин оят бирасид, таваққуъ дошт, ки тафсири он бидонад. Пурсид, ки «Туиззу ман ташоу ва тузиллу ман ташоу (Яъне: «Касеро ки хоҳӣ, азиз мекунӣ ва касеро ки хоҳӣ, хор месозӣ – сураи Оли Имрон, ояти 26)» чӣ бошад? Хоҷа Муқрӣ ҷавоб гуфт, ки туро бо ҳазору ҳафтсад пилу панҷ ҳазор фарсанг вилоят ва сад ҳазор савор бар ман ораду барои талаби бешиву пешӣ дар мақоми ниёзмандӣ ба дузону бинишонад ва маро бо ин гилеми панҷсола, ки дар дӯш дорам, мулки қаноат диҳад ва дар садри озодӣ бинишонад.

Султон Маҳмуд бад-ин сухан гирён шуду гуфт: Ин машраб бар ман тира кардӣ, пас аз ин он мулк ҷӯям, ки ту дорӣ» [ниг. 102, 454].

Ҳамин гуна, дар дигар навъ осори насри ин давра низ инъикоси ҷаҳонбинии сӯфия ва баҳрабардорӣ аз афкору аҳволи пешвоёни ин тоифа ба таври шоиста мушоҳида мегардад, ки мутуни осори Носири Хусрав, «Баён-ул-адён»-и Абулмаолӣ Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Ғазнавӣ, «Такмилат-ул-латоиф»-и Аҳмад ибни Мансур, «Нафоис-ул-ароис»-и Муҳаммад ибни Ҳасан, «Қисас-ул-асфиё»-и Имом Заҳируддини Байҳақӣ, таърихномаҳо, сиёсатномаҳо, андарзномаҳо ва ғ. гӯёи ин ҳақиқатанд.

Лозим ба тазаккур аст, ки осори насри сӯфиёнаи асрҳои XI-XII замина гузошт, то аз асри XIII ба баъд таҳаввули азим дар ирфони назарӣ падид ояд, тасаввуф абъоди пурвусъат пайдо намояд ва то имрӯз ҳамчун ҷузъи муҳими тамаддуни Шарқ ҷараён ёбад.

Маҳз хидмати орифони соҳибқалами асрҳои XI-XII буд, ки дар давраи баъдӣ дар мисоли «Маориф»-и Баҳоуддин Валад, «Мақсид-ул-ақсо», «Инсон-ул-комил» ва «Кашф-ул-ҳақоиқ»-и Азизуддини Насафӣ, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ, «Фиҳи мо фиҳи» ва «Маҷолиси сабъа»-и Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, «Ламаот»-и Фахруддини Ироқӣ, «Урват-ул-вусқо»-и Алоуддини Симнонӣ ва ғ. тасаввуф бо тавонмандии хоса вусъат ёфт.

Аз баррасӣ ва омӯзиши насри ирфонии форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII, ки Аҳмади Ҷом дар бахши муҳими он зиндагонӣ намудааст, чунин натиҷаҳо ба даст меояд:

а) Таърихи тадвини осори насрии сӯфия ба забони форсии тоҷикӣ аз асри XI оғоз меёбад. Қабл аз ин давра он чи буд, бо забони арабӣ мудавван гардида буд ё ба сурати ҷузъӣ дар ҷой-ҷойи осори мазҳабӣ қарор дошт.

б) Осори насрии сӯфия дар ташаккули пурбортарин давраи насри форсии тоҷикӣ – асрҳои XI-XII нақши муассир гузошта, бахши муҳими мероси мансури ин аҳдро ба худ ихтисос додааст.

в) Дар ташаккули насри ирфонӣ дар ин аҳд, илова бар заминаҳои мусоиди сиёсиву иҷтимоии он рӯзгор, нақши кӯшишҳову пайкорҳои тамаддунсози давраи қабл – замони давлатдории Сомониён хеле назаррас аст.

г) Мероси мансури сӯфияи аҳди Аҳмади Ҷом бештар дар се меҳвар ба қалам омадааст: Якум – осори хосаи ирфонӣ, ки бевосита ба тасаввуфи амалӣ ва назарӣ алоқаманд аст; дуюм – зиндагиномаҳои бузургони сӯфия; сеюм – тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.

ғ) Он асарҳои насрии аҳли тасаввуф, ки дар аҳди Аҳмади Ҷом таълиф гардидаанд, аксар аз шоҳкориҳои насрии адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад ва аз сарчашмаҳои адабии тирози аввал шуморида мешаванд.

д) Асарҳои насрии ирфонии рӯзгори Аҳмади Ҷом дар таҳаввули сабки насри форсии тоҷикӣ саҳми ниҳоят бузург гузоштааст.

е) Хоса бар асари камолоту шукуфоии насри ирфонӣ дар асрҳои XI-XII дар қуруни баъдӣ таълифи осори назариву таҳлилии сӯфия равнақ пайдо намуд.

ё) Баррасии осори насрии сӯфиён дар асрҳои XI-XII нишон медиҳад, ки дар асри аввал ирфони амалӣ такмил ёфта, масоили ирфони назарӣ бештар марҳилаи таҳкими асосҳоро бо такя бар оёту аҳодис сипарӣ намудааст. Дар асри дуюми ин аҳд ҷанбаи ақлӣ ва таҳлилии ирфони назарӣ хеле рушд кардааст. Дар ҳамин давра осоре аз ҷониби назарияпардозони сӯфия, ки Шиҳобуддини Суҳравардӣ пешсафи онон буд, таълиф гардиданд, ки минбаъд инқилоби бузургеро дар тафаккуру ҷаҳонбинии тасаввуфи шарқиён ба вуҷуд овард.

ж) Мероси мансури ирфонии аҳди Аҳмади Ҷом бо забон ва сабкҳои мухталифи нигориш, ба мисли насри мавзуни мурсал ва мусаҷҷаъ, сабки насри байнобайн, забони гуфтори маҳаллӣ, баёни рамзӣ ва ғ. ба қалам омадаанд.

## Хулосаи боби аввал

Аз баррасии масоили боби аввал чунин натиҷаҳо ба даст меояд, ки Аҳмади Ҷом аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони форсии тоҷикӣ мебошад. Таҳқиқи рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом равшан менамояд, ки қадимтарин сарчашмаҳо роҷеъ ба аҳволи Аҳмади Ҷом аз ҷониби фарзандону наберагон ва муридони ӯ ба қалам омадаанд.

Бо такя ба сарчашмаҳои муътамад муайян гардид, ки ному насаб ва куняву нисбаи Аҳмади Ҷом – Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасан ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Абдуллоҳ ибни Лайси Баҷалии Номақист. Аҳмади Ҷом аз худ фарзандони зиёд боқӣ гузошт. Дар тӯли нуҳ аср аз насли ӯ донишмандону фарҳехтагони бузург арзи ҳастӣ намуда, дар тарвиҷи фарҳангу адаб хидмати шоиста намудаанд. Мақоми баланди ирфонии Аҳмади Ҷом сабаб гардид, то суханварони номваре, чун Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Қосими Анвор ва диг. дар ашъори хеш аз ӯ ба бузургӣ ёд намоянд.

Ковишҳо дар насри асрҳои XI-XII, ки Аҳмади Ҷом дар ин аҳд умр ба сар бурдааст, собит месозад, ки маҳз дар ҳамин аҳд насри ирфонии форсии тоҷикӣ давраи шаклгирӣ ва ташаккулро сипарӣ намудааст. Дар ин маврид нақши осори Абулҳасани Харақонӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Абулфазли Майбудӣ, Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Шиҳобуддини Суҳравардӣ ва ғ. хеле назаррас мебошад. Осори насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва ғ. низ дар ин замина мақоми хоса дошта, дар шаклгириву борварии насри ирфонии ин аҳд таъсири назаррас гузоштаанд.

Осори мансури ирфонии давраи мазкур асосан дар қолабҳои зерин ба қалам омадаанд: Осори хосаи ирфонӣ; табақоту зиндагиномаҳои бузургони сӯфия ва тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.

Осори ирфоние, ки дар ин аҳд таълиф ёфтаанд, аз шоҳкориҳои адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор мераванд. Ҳамин осор замина гузоштанд,

то дар асрҳои минбаъда тасаввуф ба таври хеле назаррас рушд бикунад ва осори назарии сӯфия бо забони форсии тоҷикӣ дар камоли пухтагӣ арзи ҳастӣ бинамояд.

Бояд таъкид дошт, ки осори насрии Аҳмади Ҷом ва мероси сӯфияи аҳди ӯ асосан бо насри мурсал ва қисме ба насри мусаҷҷаъ ба қалам омада, муҳимтарин мухтассоти сабки насри ин аҳдро дар худ таҷассум намудаанд.

# БОБИ II
# НУСХАШИНОСӢ ВА ПАЖУҲИШҲОИ СОХТОРИЮ МАВЗУИИ ОСОРИ НАСРИИ АҲМАДИ ҶОМ

## II.1. Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом

Нусхашиносӣ аз марҳилаҳои муҳими баррасии матншиносии осори суханварон арзёбӣ мегардад. Бояд таъкид намуд, ки то имрӯз таҳқиқи хоса ва равишманд дар нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом сурат нагирифтааст. Омӯзиши феҳристҳо ва ҷустуҷӯ дар ганҷинаҳои нусахи хаттӣ нишон медиҳад, ки бештар аз даҳ асари насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Интисоби саҳеҳи аксари ин осор ба Аҳмади Ҷом собит аст, аммо иддае то ҳол сиҳҳати интисобро дарнаёфтаанд. Баъзе аз мероси насрии ӯ, ба монанди «Анис-ул-мустаънисин», «Футуҳ-ур-руҳ», «Тазкирот», «Эътиқоднома» ва ғ. эҳтимолан пурра аз байн рафтаанд ва ё ҳанӯз нусхае аз онҳо пайдо нагардидааст.

Ин ҷо бо такя ба гузориши феҳристҳо, сарчашмаҳои куҳан ва ковишҳои дастхатшиносӣ ба нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом мепардозем:

1) «*Анис-ут-тоибин*». Номи пурраи асар «Анис-ут-тоибин ва сиротиллоҳи-л-мубин» буда, бештар бо номи ихтисории «Анис-ут-тоибин» зикр мегардад. Муаллиф китобро дар 45 боб ба қалам овардааст. «Анис-ут-тоибин» аз ҷумлаи барҷастатарин осори Аҳмади Ҷом ба шумор меравад. Таърихи таълифи асар ба аввалҳои асри XII рост меояд. Аз ин асар чандин нусха дар китобхонаҳо ва марказҳои нусахи хаттии ҷаҳон нигаҳдорӣ мешавад, ки бозшиносишудаи онҳо аз ин қабил аст:

а) Нусхаи шумораи Е20 аз Китобхонаи Анҷумани Осиёии Бангол (Калкутта). Нусха пурра буда, бо хатти насх навишта шудааст. Таърихи китобат ва котиби он маълум нест. Ин нусха аз 214 варақ иборат буда, матн дар ҳар саҳифа дар 17 сатр бо хатти насхи равшан дастнавис гардидааст.

Қайду тасҳеҳи котиб дар ҳошияи нусха аз он шаҳодат медиҳад, ки нусхаи мазкур аз тарафи котиб бо нусхаи дигар, ки дар дасти ӯ мавҷуд будааст, муқобала ва бозхонӣ шудааст.

Котиб оёт, аҳодис ва ҷумлаҳои арабиро бо қалами дигар навиштааст. Ҳарчанд калимаву иборахо дар ин нусха нисбат ба дигар нусхаҳо куҳан ба чашм расанд ҳам, нусхаи мазкур аз афтодагии калимаҳо ва саҳву иштибоҳот холӣ нест.

В.Иванов бар ин андеша аст, ки китобати ин нусха дар асри XVI анҷом гирифтааст. Аммо мусаҳҳеҳи китоби мазкур Алии Фозил ҳангоми радду бадали нусхаҳо ба ин андеша расида, ки «мулоҳизаи хусусиёти чашмгир ва дархури эътино дар ин дастнавис ва муқоисаи он бо соири махтутоти мушобеҳ, таърихи китобати онро ба солҳои пеш аз ин таърих мусаллам месозад» [40, 33].

б) Нусхаи шумораи 4054 аз Китобхонаи Остони қудси разавӣ (Машҳад). Навъи хат настаълиқ аст. Нусха аз 171 варақ иборат мебошад. Матн дар ҳар саҳифа дар 16 сатр китобат гардидааст. Котиби нусха оёт, аҳодис ва ибораҳои арабиро ба хотири фарқ кардан дар бештари ҷойҳо бо хатти резтар навиштааст. Нусха аз оғоз ноқис буда, нуҳ варақи аввали он афтодааст. Котиби нусха маълум нест. Нусха аз боби севум оғоз мешавад: «Мепурсанд, ки тавҳид чист ва муваҳҳид кист?». Нусхаи хаттии мазкур дар соли 928 ҳ./1521 м., яъне дар асри XVI навишта шуда, аз нусхаҳои нисбатан комили то мо расида ба ҳисоб меравад. Котиби нусха бар хилофи дигар нусхаҳо оётро ба пуррагӣ наменависад. Қисмати оғозии оётро навишта, бо ибороти «то охири оёт», «ило охир», «ал-оя» ва ғ. онҳоро кутоҳ кардааст. Ҳарфҳоро аксар бенуқта навиштааст. Чунин менамояд, ки нусхаи мазкур бо дигар нусха чандбора муқобала шудааст. Калима ва ибораҳое, ки аз матн афтодааст, бо хатти котиб дар ҳошияи нусха китобат гардидааст.

в) Нусхаи шумораи 6443 аз Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Микрофилми ин нусха таҳти рақами 3324 дар китобхонаи мазкур нагаҳдорӣ

мешавад. Котиб дар поёни нусха аз худ бо номи «Абдулвоҳид» ёд кардааст. Дар тарқима таърихи китобат моҳи муҳаррами соли 1249 ҳ./моҳи майи соли 1833 м. сабт гардидааст. Алии Фозил чунин баён менамояд: «Нусхае аст ҷадидуттаҳрир, наздик ба замони мо ва зоҳиран таърихе, ки барои китобати он қаламдод шуда, сазовори тардид ва тааммул аст» [200, 7, 122].

г) Нусхаи шумораи 2781 аз Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон (Тошканд). Нусха комил мебошад. Котиби нусха Мирзо Юсуфи Бухорист. Ӯ нусхаи мазкурро соли 1291 ҳ./1874 м. китобат кардааст. Нусха дорои 258 варақ аст. Матн дар ҳар саҳифа дар 15 сатр китобат шудааст.

Котиб номи китобро дар аввалу охири нусха ба сурати пурраи «Анис-ут-тоибин ва сиротиллоҳи-л-мубин» китобат кардааст. Дар оғоз феҳристи бобҳоро зикр намудааст. Ҳар ҷо дар матн ба боби нав расад, дар ҳошияи ҳамон варақ номи боби мазкурро овардааст.

Дар ин нусха бисёре аз вожаҳо ба сурати куҳан ва асили худ китобат шудаанд. Нусхаи мазкур низ аз ғалат холӣ набуда, дар он афтодагии калимаҳо мушоҳида мешавад. Гоҳе ҳангоми нақли ҳадис ба форсӣ дар ин нусха тавзеҳи зиёдтар дида мешавад, ки ин хусусият дар нусхаҳои дигар ба назар намерасад [190, 2, 161].

ғ) Нусхаи мутааллиқ ба Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадӣ, ки дар Ҳирот аст. Нусха ҷадид аст. Бо хатти настаълиқи хуш навишта шудааст. Котиб Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадӣ онро дар соли 1360 ҳ./1941 м. аз рӯи нусхаҳое, ки дар ихтиёр дошта, дар 585 саҳифа китобат кардааст. Дар ҳар саҳифа матн маъмулан дар 15 сатр китобат гардидааст. Оёт, аҳодис, мисолҳои арабии матн бо хатти насхи зебо навишта шудааст. Котиби нусха дар оғози саҳифа ҳар бобро пас аз китобат бо ҳарф низ рақамгузорӣ намудааст [161, 107-110].

е) Нусхаи шумораи 895/14 аз Маҷмуаи Муҳаммадҳусайни Мифтоҳ. Дар ин маҷмуа қисме аз китоби «Анис-ут-тоибин» китобат шудааст. Хатти нусха

настаълиқ буда, матн ба тарзи чалипо китобат гардидааст. Таърихи китобат асри дувоздаҳуми ҳиҷрӣ (XVIII) мебошад [200, 5, 283].

Бояд тазаккур дод, ки «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷом нахуст дар Лоҳур чопи сангӣ ёфтааст. Сипас 20 боби онро Алии Фозил дар чопхонаи «Доварпаноҳ», интишороти Бунёди фарҳанги Эрон (Теҳрон, 1350 ш.) ва баъдан матни комили онро тавассути интишороти Тӯс (Теҳрон, 1368 шамсӣ) нашр намудааст.

2) «*Равзат-ул-музнибин*». Номи пурраи китоб «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин» аст. Китоб аз 23 боб иборат аст. Дар байни солҳои 520-526 ҳ./1126-1131 м. таълиф гардидааст. «Равзат-ул-музнибин» яке аз осори пурарзиши сӯфиёнаи Аҳмади Ҷом буда, ба султон Санҷар (тав. 476 ҳ./1084 м. – ваф. 551 ҳ./1157 м.) эҳдо гардидааст. Қосими Анвор ин китобро бисёр сутуда, дар васфаш абёте иншо намудааст [13, 351]. Аз ин китоб чунин нусхаҳо шинохта шуданд:

а) Нусхаи шумораи 7628 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ (Теҳрон). Нусха нисбатан комил буда, дорои 72 варақ мебошад. Матн дар ҳар варақ дар 19 сатр навишта шудааст. Котиби нусха шахсе бо нисбаи «Исфизорӣ» буда, таърихи итмоми китобати нусхаро моҳи муҳаррами соли 856 ҳ./моҳи июни соли 1452 м. қаламдод намудааст. Нусхаи мазкур алҳол куҳантарин дастхати «Равзат-ул-музнибин» ба ҳисоб меравад. Дар нусха саҳвулқалам ва ғалатҳо нисбатан зиёд аст. Аммо дар он сурати асил ва куҳани вожаҳо маҳфуз мондааст. Котиб дар зери даст нусхаи дигаре низ доштааст. Мутаассифона, котиб дар китобати оёт ва аҳодис ба хатоҳои зиёд роҳ додааст [48].

б) Нусхаи шумораи 6466 аз Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон. Ин нусхаи дорои 213 варақ буда, бо хатти настаълиқи хуш навишта шудааст. Котиби нусха Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадӣ мебошад. Котиб дар тарқимаи нусха навишта, ки нусха бо нусхаи асл муқобала гардидааст. Чунончи: «Пас аз итмоми таҳрир ин нусхаи муборака бо асл муқобала шуд,

ҳар ҷо каму зиёд ва саҳв шуда буд, мутобиқ ба китобе, ки ин аз рӯи он таҳрир шуда, тасҳеҳ гардид» [47, 100]. Калимаҳои афтодаи нусха дар ҳошияи он бо қалами резтар сабт гардидааст. Котиб барои фарқгузорӣ унвони бобҳоро бо қалами дурушттар навиштааст.

в) Нусхаи шумораи 3687/1 аз Китобхонаи Боязид (Истамбул). Нусха бо хатти насх китобат гардидааст. Дар ин нусха «Равзат-ул-музнибин» дар 93 варақ навишта шудааст. Матн дар ҳар варақ дар 19 сатр китобат ёфтааст. Таърихи китобат соли 910 ҳ./1504 м. мебошад. Котиби нусха Аҳмад ибни Насруллоҳ мебошад. Котиб сарлавҳу унвони фаслҳоро бо ранги қирмизӣ китобат намудааст.

г) Нусхаи шумораи 1103 аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам (Қум). Навъи хат настаълиқ аст. Нусха дорои 120 барга буда, андозаи варақҳо 15х20 см аст. Таърихи итмоми китобат 17 раҷаби соли 1270 ҳ./4 июли 1863 м. аст. Котиби нусха номаълум аст. Нусха муҷадвали музаҳҳаб аст [200, 17, 233].

ғ) Нусхаи шумораи 4238 аз Китобхонаи Ганҷбахш (Исломобод). Навъи хатти нусха настаълиқ аст. Котиби нусха Абдулаҳад ибни Охундмулло Абдуссамади Соғарист. Нусха дар асри дувоздаҳуми ҳиҷрӣ (XVIII) китобат гардидааст [200, 17, 233-234].

д) Нусхаи шумораи 10235/1 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ (Теҳрон). Таърихи китобати нусха тахмин асрҳои дувоздаҳум-сездаҳуми ҳиҷрист (XVIII-XIX мелодист). Нусха дорои 70 барга буда, андозаи варақҳои он ба 11х18 см баробар мебошад. Нусха бо хатти насх китобат гардида, котиби он номаълум аст. Нусха аз оғозу анҷом афтодагӣ дорад [161, 111-115; 200, 17, 233].

е) Нусхаи шумораи 149 аз Китобхонаи Лоло Исмоил (Истамбул). Нусха дорои 423 варақ буда, матн дар ҳар варақ дар 21 сатр китобат шудааст. Андозаи варақҳо 19х12 см аст. Навъи хат насх буда, котиб ва таърихи китобати он номаълум аст. Котиб оёт ва аҳодисро бо як қалам навиштааст.

Калимаҳое, ки аз матн афтодаанд, дар ҳошияи ҳамон варақ бо хати ҳамон котиб китобат гардидааст [49].

Матни пурраи «Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом бо муқаддима ва тавзеҳи Алии Фозил тавассути интишороти Бунёди фарҳанги Эрон (Теҳрон, 1355 шамсӣ) чоп гардидааст. Бори дигар ҳамин нашр бо шарҳу иловаҳо дар Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1372 ш.) интишор ёфтааст.

3) «*Сироҷ-ус-соирин*». Китоби «Сироҷ-ус-соирин»-и Аҳмади Ҷом дар баёни усул ва мабодии тасаввуф ба қалам омадааст. Китобро метавон аз ҷомеътарин осори Аҳмади Ҷом шуморид. Асар шомили 75 боб аст. Муаллиф онро дар синни 72-солагӣ оғоз намуда, дар 73-солагӣ ба анҷом расонидааст. Мутаассифона, як ҷилди ин асари пурарзиш дар ҳаводиси таърих аз байн рафтааст [50; 150, 102-105; 161, 115-120]. Нусхаҳои хаттии асари мазкур ба қарори зайл аст:

а) Нусхаи шумораи 4265 аз Китобхонаи Остони қудси разавӣ (Машҳад). Нусхаи мазкур ягона нусхаест, ки аз китоби «Сироҷ-ус-соирин»-и Аҳмади Ҷом шинохта шудааст. Навъи хат настаълиқ аст. Дорои 218 варақ буда, матн дар ҳар варақ дар 15 сатр навишта шудааст. Сарлавҳи нусха бо ташъири наботӣ ороиш дода шудааст. Котиби нусха ва таърихи китобати он номаълум аст. Таърихи китобати нусха, зоҳиран, қаблан вуҷуд дошта, баъдан аз байн бурда шудааст. Хусусиятҳои нусхашиносӣ таърихи китобати нусхаро асри XVI мелодӣ нишон медиҳад. Танҳо 24 боби асар дар ин нусха мавҷуд мебошад.

Бояд зикр намуд, ки микрофилми нусхаи болозикр дар Китобхонаи Мутолиоти фарҳангии Теҳрон таҳти шумораи 77 маҳфуз мебошад [161, 115-120; 200, 17, 997].

Бори нахуст мунтахаби матни «Сироҷ-ус-соирин»-и Аҳмади Ҷом аз ҷониби Алии Фозил дар «Муассисаи чоп ва интишороти Остони қудси разавӣ» (Машҳад, 1368 ш.) ба нашр расидааст. Навбати дигар бо тасҳеҳу

тавзеҳи Ҳасан Насирии Ҷомӣ дар Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1389 ш.) интишор гардидааст [50; 150].

4) «*Мифтоҳ-ун-наҷот*». Китоби «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом дар қавоиди сулуки орифон буда, аз муқаддима ва 7 боб иборат аст. Дар аксари сарчашмаҳо замони таълифи ин асари Аҳмади Ҷом пас аз «Кунуз-ул-ҳикмат» ёд гардида, ки шояд иштибоҳ бошад. Зеро Аҳмади Ҷом «Мифтоҳ-ун-наҷот»-ро дар 82-солагӣ навиштааст ва «Кунуз-ул-ҳикмат»-ро бошад, дар охирҳои ҳаёти худ дар 93-солагӣ таълиф намудааст [45, 29-53]. Аз асари мазкур чунин нусхаҳои хаттӣ дастрас аст:

а) Нусхаи шумораи 1676 аз Музейи салтанатии Вен (Утриш). Навъи хатти нусха насх аст. Нусха куҳантарин нусхаи хаттии асари мазкур маҳсуб мегардад. Котиби он норавшанаст ва соли китобат низ маълум нест. Нусха дорои 55 барга мебошад. Дар ҳар саҳифа 20 сатр матн ҷой дода шудааст. Дар нусха аксари оёт, аҳодис ва ахбор бо забти эъроб навишта шудаанд. Котиб ҳарфҳои хоси забони форсиро (گ, ژ, چ, پ) ҳама ҷо ба сурати арабӣ бо як нуқта навиштааст. Котиб матни нусхаро бо нусхаи дигар муқобала намудааст. Нусха назар ба нусхаҳои дигар саҳеҳтар ба назар мерасад.

б) Нусхаи шумораи 1728 аз Китобхонаи Асъад Афандӣ (Истамбул). Нусха комил аст. Навъи хат настаълиқи мутавассит аст. Матн дар 119 варақ навишта шуда, ҳар варақ дорои 9 сатр мебошад. Котиб аз худ ёде накарда, аммо таърихи китобатро моҳи шаъбони соли 836 ҳ./моҳи марти соли 1432 м. сабт намудааст. Дар ин нусха ҳарфҳои нуқтадор ғолибан бенуқта китобат шудаанд. Нусха куҳан ва камғалат буда, дар он калимаҳои асил, зоҳиран, бетағйир то замони мо омада расидаанд. Дар ин нусха нисбат ба дигар нусхаҳо афтодани калимаҳо кам ба назар мерасад ва матн бо ҳамон сурати қадима ҳифз шудааст.

в) Нусхаи шумораи 1245 аз Музейи Мавлоно (Қуния). Котиби нусха номаълум аст. Нусха ноқис буда, то нимаи боби ҳафтуми асарро шомил аст. Нусха дорои 95 варақ буда, матн дар ҳар саҳфа дар 11 сатр китобат шудааст.

Дар нусха аҳёнан калимаҳои форсӣ ҳаракатгузорӣ гардидаанд. Калимаҳои афтода дар ҳошия бо хатти котиб навишта шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нусха аз тарафи котиб бозхонӣ гардидааст. Нусха камғалат буда, бо нусхаи китобхонаи Асъад Афандӣ шабоҳат дорад. Нусхаи аксбардоришудаи он дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти шумораи 303 маҳфуз аст. Ин нусха низ дар таҳқиқу нашри осори Аҳмади Ҷом ҳанӯз истифода нашудааст.

г) Нусхаи шумораи 1716 аз Китобхонаи Донишгоҳи Тюбинген (Баден-Вютемберг). Нусха дорои 38 варақ аст. Ҳар варақ дорои 19 сатр мебошад. Матн бо хатти настаълиқи хуш навишта шудааст. Сарлавҳи китоб музаҳҳаб аст. Матни он дорои ғалатҳои зиёд мебошад. Тарқимаи нусха бурида шудааст. Ба ин сабаб, таърихи китобати он маълум нест. Дар заҳрияи нусха чунин ҷумла сабт гардидааст: «Аз кутуб ва мутамалликоти ҳақири фақир Абдуллоҳи Муншии Табарӣ аст. Дар раҷабулмураҷҷаби 1265 ҳиҷрӣ (майи соли 1849 м.) дар Шероз ибтиёъ шуд» [44, 37]. Котиб дар матн бархе калимаҳоро таҳриф кардааст ва ё онҳоро бо салиқаи шахсии худ навиштааст. Ин нусха агарчи комил аст, дорои ғалат ва таҳрифоти зиёд мебошад. Микрофилми ин нусха дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон зери шумораи 3353, дар Маркази Эҳё (Қум) таҳти шумораи 1129/1 ва дар Китобхонаи Муҷтабо Минавӣ дар шумораи 37, бахши 2 нигаҳдорӣ мешавад.

ғ) Нусхаи Китобхонаи Вазорати иттилоот ва фарҳанги Афғонистон (Кобул). Матн дар ҳар саҳифа дар 11 сатр навишта шудааст. Оёту аҳодис бо қалами хоса китобат гардида, ҳамаи онҳо ҳаракатгузорӣ шудаанд. Эъроби калимаҳо дар ҳама ҷо саҳеҳ монда нашудааст. Сарлавҳи китоб ва ду варақи аввали он музаҳҳаб мебошад. Котиби нусха Яҳёи Гозургоҳист. Нусха соли 1330 ҳ./1911 м. бо хатти настаълиқи зебо навишта шудааст. Ин нусха бо нусхаи китобхонаи Донишгоҳи Тюбинген фарқияти ҷиддӣ надорад. Аз ин рӯ, шояд аз рӯи он китобат гардида бошад. Ё дар дасти котиб нусхаи дигар

мавҷуд буда ва нусхаи ӯ аз рӯи он нусхабардорӣ шуда бошад [45, 32-37; 161, 120-123; 200, 7, 929].

д) Нусхаи шумораи 682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил (Истамбул). Нусха комил мебошад. Навъи хат настаълиқ аст. Котиб аз худ ва таърихи китобат ёде накардааст. Нусха дорои 77 барг аст. Матн дар ҳар барг дар 13 сатр китобат шудааст. Аз мутолиаи нусха бармеояд, ки котиб нусхаро пас аз китобат бозхонӣ намудааст. Зеро дар ҳошия гоҳ-гоҳ он калимаву ибораҳое, ки ҳангоми китобат афтодаанд, бо хат ва қалами ҳамон котиб сабт гардидааст. Котиб номи бобҳои асарро бо ранги қирмизӣ китобат намудааст. Ҳангоми баёни «ҳикоя», «фасл» ва «байт» ин калимаҳоро, ки ҳамчун унвон омадаанд, бо ранги қирмизӣ навиштааст. Дар нусха ҳарфҳои «ژ», «چ», «پ» бо шакли имрӯза китобат гардидаанд. Ин нусха то ҳол дар омӯзиши осори Аҳмади Ҷом ва нашри онҳо мавриди истифода қарор нагирифтааст [46].

е) Нусхаи шумораи 14389/1 аз Китобхонаи Маръашӣ (Қум). Нусха бо хатти насх навишта шудааст. Котиби он Аҳмад ибни Хусрав ибни Афредун мебошад. Нусха комил буда, таърихи китобати он соли 873 ҳ./1468 м. мебошад. Нусха дорои 76 барга аст. Матн дар ҳар варақ дар 15 сатр китобат шудааст. Андозаи авроқ ба 9х12 см баробар аст [200, 30, 924].

ё) Нусхаи шумораи 7699/3 аз Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон (Теҳрон). Дар ин нусха танҳо боби ҳафтуми «Мифтоҳ-ун-наҷот» – «Дар баёни роҳи сиддиқон ва абдолон» китобат шудааст. Хатти нусха настаълиқ аст. Котиб маълум нест. Андозаи варақҳо 10х16 см аст. Нусха дар асри сездаҳуми ҳиҷрӣ (XIX) китобат гардидааст [200, 30, 924].

ж) Нусхаи шумораи 3321 аз Китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон (Теҳрон). Навъи хат настаълиқ аст. Нусха аз рӯи нусхае, ки соли 1246 ҳ./1830 м. китобат шудааст, истинсох гардидааст. Нусха дорои 161 барг аст. Котиби нусха Муҳаммадаъзам ибни Шайх Султон Аҳмади Ҷомии Аҳмадист. Таърихи итмоми истинсох ҷимодиуссонии соли 1357 ҳ./июли соли 1938 м. мебошад [200, 30, 925].

з) Нусхаи шумораи 19754 аз Китобхонаи миллии Эрон (Теҳрон). Дар ин китобхона нусхае аз китоби «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом маҳфуз аст. Котиб ва таърихи китобати он маълум нест. Аз «Муҳаммадҳасани Худобанда» ном шахс харидорӣ шудааст [200, 30, 925].

и) Нусхаи шумораи 1042/2 аз Китобхонаи Ҳоҷӣ Маҳмуд Афандӣ (Истамбул). Нусха ноқис буда, дорои 15 варақ аст. Дар ҳар варақ 25 сатр матн китобат ёфтааст. Котиб ва таърихи китобати он маълум нест.

й) Нусхаи шумораи 3206 аз Китобхонаи Юсуфоғо (Қуния). Дар ин китобхона нусхае аз китоби «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом маҳфуз аст. Нусха дорои 88 варақ аст. Навъи хат настаълиқ мебошад. Нусха соли 1284 ҳ./1867 м. навишта шудааст.

Китоби «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом аз ҷониби Алии Фозил тасҳеҳ ва нашр ёфтааст (Бунёди фарҳанги Эрон, 1374 ш.).

5) «*Биҳор-ул-ҳақиқат*». Асари мазкур яке аз пурарзиштарин осори насрии Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравад. Ин асарро Аҳмади Ҷом соли 527 ҳ./1133 м. дар 18 боб тасниф намудааст. Муаллиф дар ин китоб ба таҳлилу баррасии муфассали мабоҳис ва андешаҳои сӯфиёна сару кор гирифтааст. Ду нусхаи зерин аз ин китоб шинохта шудааст:

а) Нусхаи шумораи 3687/2 аз Китобхонаи Боязид (Истамбул). Ин нусха бо унвони «Биҳор-ул-ҳақиқат ва ганҷи ҳикмат» дар китобхонаи мазкур нигаҳдорӣ мешавад. Нусха дорои 111 барг аст. Матн бо хатти настаълиқи мутавассит дар ҳар варақ дар 19 сатр китобат ёфтааст. Котиби нусха «Аҳмад ибни Насруллоҳ» таърихи поёни китобатро моҳи рамазони соли 906 ҳ./моҳи марти 1501 м. қайд намудааст. Дар нусха афтодагиҳои матн, ғалатҳои имлоӣ ва тасарруфоти котиб кам ба назар мерасад ва нусха аз ҷиҳати куҳан будан қобили аҳамият аст [42; 200, 7, 141].

б) Нусхаи Ҳирот. Нусха моликияти Хоҷа Муҳаммадаъзам ибни Шайх Султон Аҳмади Ҷомии Аҳмадист, ки аз авлоди Аҳмади Ҷом мебошад. Нусхаи мазкур комил ва дорои 186 варақ аст. Дар нусха оёт, аҳодис ва

иқтибосҳои арабӣ бо хатти настаълиқи зебо бо гузоштани ҳаракатҳо навишта шудааст. Котиби нусха молики он буда, нусхаро соли 1358 ҳ./1939 м. нистинсох намудааст. Ин нусха бо дигар дастнависҳое, ки дар дасти котиб буда, муқобала карда шудааст. Котиб худ дар ин бора мегӯяд: «Китоби ҳозо бо китобе, ки ин китоб аз рӯи он таҳрир шуда буд, муқобала ва қироат шуд. Ҷузъӣ саҳве, ки рафта буд дар китобат, тасҳеҳ гардид» [160, 129]. Нусхаи аксии нусхаи мазкур дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти рақами 3326 маҳфуз мебошад [161, 126-131; 200, 5, 700].

«Биҳор-ул-ҳақиқат»-и Аҳмади Ҷом бо саъю эҳтимоми Ҳасан Насирии Ҷомӣ тавассути Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1389 ш.) нашр шудааст.

6) «*Кунуз-ул-ҳикмат*». Ин китоби насрии Аҳмади Ҷом дар шарҳу тафсири асрори маърифат ва ақсоми он навишта шудааст. «Кунуз-ул-ҳикмат»-ро Аҳмади Ҷом дар солҳои поёнии умри худ, соли 533 ҳ./соли 1138 м. дар 20 боб таълиф намудааст. Нусхаҳои хаттии шинохташудаи китоб аз ин қарор аст:

а) Нусхаи Турбати Ҷом. Нусха комил буда, аз 358 саҳифа иборат аст. Матн дар ҳар варақ дар 12 сатр китобат гардидааст. Котиби нусха Муҳаммадиброҳим Ҷомии Аҳмадӣ буда, китобати нусхаро дар моҳи рамазони соли 1382 ҳ./моҳи январи соли 1963 м. ба итмом расонидааст. Матни нусха бо хатти настаълиқи мутавассит навишта шудааст. Дар матни нусха оёт ва аҳодис эъробгузорӣ шудаанд. Нусха бозхонӣ ва муқобала гардидааст. Котиб ба рӯи калимаҳое, ки хато навиштааст, хат кашида, сурати саҳеҳи онро дар ҳошия китобат кардааст.

б) Нусхаи Ҳирот. Нусха ба Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадӣ, сокини шаҳри Ҳирот мутааллиқ мебошад. Ин нусха дар Ҳирот навишта шудааст. Нусха дорои 363 барга буда, котиби он худи Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадист. Котиб таърихи китобатро чунин баён доштааст: «Таҳрири ин нусхаи муборакаи мусаммо ба «Кунуз-ул-ҳикмат»... ба таърихи явми ҷумъа,

ҳафтуми шаҳри муҳаррамулҳароми санаи 1359 қамарӣ, мутобиқи 27 бурҷи далви соли 1318 шамсӣ ба яди... Муҳаммадаъзам ибни Ҳоҷӣ Аҳмади Ҷомии Аҳмадӣ дар балдаи Ҳирот ихтимом пазируфт» [44, 126]. Котиб нусхаро бо хатти настаълиқи мутавассит китобат намуда, дар баъзе маворид оёту аҳодисро эъробгузорӣ намудааст. Ҳарчанд матни нусха камғалат аст, дар баъзе маврид афтодани калимаҳо ба назар мерасад. Нусхаи аксии ин нусха дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти рақами 3323 маҳфуз мебошад.

в) Нусхаи шумораи Ms.or.gu.139B1 аз Китобхонаи Донишгоҳи Тюбинген (Баден-Вютемберг). Навъи хат настаълиқи аълост. Сарлавҳи китоб музаҳҳаб аст. Нусха дорои 200 барг аст. Матн дар ҳар саҳифа дар 19 сатр китобат шудааст. Котиб матнро ҳаракатгузорӣ намудааст. Дар ҳаракатгузории калимаҳои форсӣ ва арабӣ фарқгузорӣ нашуда, ҳама бо як қалам сурат гирифтааст. Дар матни нусхаи мазкур ғолибан калимаҳои куҳани форсӣ ба сурати асл дида мешаванд. Ба сабаби буридагии тарқима, номи котиб ва таърихи китобати он дақиқ маълум нест. Нусхаи аксбардоришудаи нусхаи мазкур дар Китобхонаи Маркази Эҳё (Қум), таҳти шумораи 1129/2 нигаҳдорӣ мешавад [200, 26, 862].

«Кунуз-ул-ҳикмат»-и Аҳмади Ҷом бо эҳтимоми Алии Фозил тавассути Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ (Теҳрон, 1387 ш.) нашр ёфтааст.

7) «*Рисолаи Самарқандия*». Рисолаест мухтасар, ки дар он номаҳои Аҳмади Ҷом дар посух ба суолҳои муридон, ёрон, эътиқодмандон ва мардумон ҷой гирифтааст. Аз он рӯ, ки қисми зиёди пурсишҳо аз мардуми Самарқанд ва атрофи он аст, рисола бо унвони «Самарқандия» машҳур гардидааст. Аз ин рисола чунин нусхаҳо шинохта шуд:

а) Нусхаи шумораи 399 аз Китобхонаи Нофизпошшо (Истамбул). Котиб ва таърихи китобати нусха маълум нест. Матн дар 33 барг китобат

гардидааст. Нусхаи аксии ин нусха дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти шумораи 577/1 нигаҳдорӣ мешавад.

б) Нусхаи Or.oct.3784 аз Китобхонаи Донишгоҳи Тюбинген (Баден-Вютемберг). Дар ин нусха дар 11 барг (154а-164а) рисолаи мазкур китобат шудааст. Нусхаи аксии он таҳти рақами 3752/5 дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон нигаҳдорӣ мешавад. Матн дар ҳар варақ дар 17 сатр навишта шудааст. Ба ҷуз як сатри охир, боқӣ ҳама ҷои нусхаи аксбардоришудаи мазкур комил ба назар мерасад. Котиб ва таърихи китобаташ маълум нест [51; 161, 107].

Бахше аз қисматҳои ин рисоларо Ҳашматуллоҳи Муайяд дар замимаи «Мақомоти Жандапил» (Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, Теҳрон, 1384 ш.) тасҳеҳ ва чоп намудааст. Муҳаққиқ дар ин китоб, зимни замимаи чаҳор, таҳти унвони «Рисолаи Самарқандия»-и Шайх Аҳмади Ҷом, шаш номаи посухии муаллифи рисоларо овардааст [25, 331-347].

8) «Зикр». Нусхаи мунҳасир ба фарди ин рисола дар Китобхонаи Мурод Мулло (Истамбул) таҳти шумораи 1796 нигаҳдорӣ мешавад. Навъи хат настаълиқ аст. Таърихи китобат соли 852 ҳ./1448 м. аст. Номи котиб маълум нест. Тибқи гузориши заҳрия, нусха соли 921 ҳ./соли 1515 м. ба тамаллуки Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Ҳиравӣ даромадааст. Дар нусхаи мазкур дар 14 барг (376-389) рисолаи мавриди назар китобат ёфтааст. Нусхаи аксбардоришудаи китоб дар Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон таҳти рақамҳои 483/2 ва 492/1 маҳфуз аст [200, 14, 154].

9) «Сирр-ул-мактум». Нусхаи хаттии ин китоб дар Китобхонаи Остони қудси разавӣ таҳти шумораи 12216 нигаҳдорӣ мешавад. Навъи хат насх аст. Котиб номаълум буда, таърихи китобати он ба асри ҳафтуми ҳиҷрӣ (XIII) рост меояд. Нусха чунин оғоз мешавад: «Бисмиллоҳи, ал-ҳамду лиллоҳи ал-лазӣ аҳота бикулли шайъин ъилман...» [200, 18, 97].

10) «Мақолоти Шайхи Ҷом». Нусхае аз ин рисола дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ таҳти рақами 10330/5 нигаҳдорӣ мешавад. Матни

рисола аз ду саҳифа иборат аст. Андозаи варақҳои он 14х22 см аст. Навъи хат настаълиқ буда, котиб ва таърихи китобати он маълум нест [200, 31, 52].

11) «Номаҳо». Нусхаи «Номаҳо»-и Аҳмади Ҷом дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ таҳти рақами 3457/106 маҳфуз аст. Котиби нусха маълум нест. Таърихи китобати он асри ёздаҳи ҳиҷрист (XVII). Дар ин нусха ду нома ба Шайх Музаффари Шамси Балхӣ, номае дар посух ба Хоҷа Имом Фасеҳуддин ва инчунин номае дар тафсири сураи «Фотиҳа» ба Аҳмади Ҷом мансуб аст [200, 32, 799].

Бояд таъкид намуд, ки ду нусхаи хаттӣ аз осори насрии Аҳмади Џом дар дасти камина қарор дорад, ки бо тамоми осори дастраси насрии ӯ муқоиса гардид, аммо бо ҳеҷ яке мувофиқ наомад. Аммо дар заҳрияи ҳар ду нусха сабт гардида, ки аз таснифоти Аҳмади Ҷом аст. Муҳтавои рисола ирфонӣ буда, муаллиф дар он масъалаҳои тарбияи рӯҳу нафсро баҳс намудааст. Шояд ин нусхаҳо аз ҷумлаи он осори насрии Аҳмади Ҷом бошанд, ки то ҳол шинохта нашудаанд. Муҳимтарин маълумоти нусхашиносии онҳо ба қарори зайл аст:

а) Нусхаи шумораи 1742 аз Музейи Мавлоно (Қуния). Дар заҳрияи нусха чунин навишта шудааст: «Ҳоза-л-китоб мин таълифот аш-шайх ар-раббонӣ ва кошиф-ус-сирр ас-субҳонӣ аш-Шайх Аҳмад ан-Номақӣ мамлу ба лаолии нафиса ва ҷавоҳири музиа...». Навъи хат настаълиқ аст. Номи котиб ва таърихи таълифи он маълум нест. Нусха ноқис буда, авроқи оғозу анҷоми он афтодааст. Нусха дорои 330 барг аст. Матн дар ҳар барг дар 12 сатр китобат шудааст. Унвони бобҳо ва оёт бо ранги қирмизӣ китобат шудаанд. Котиб калимаҳои афтодаро дар ҳошия дар баробари ҳамон сатр китобат кардааст. Феҳристнависи нусахи хаттии Музейи Мавлоно низ натавониста кадом асари Аҳмади Ҷом будани ин нусхаро муайян намоянд ва лоҷарам дар сарлавҳаи он аломати савол (?) гузоштааст [193, 147-148].

б) Нусхаи шумораи 399 аз Китобхонаи Нофизпошшо (Истамбул). Дар китобхонаи мазкур маҷмуае, ки дорои се нусхаи хаттӣ аст, нигаҳдорӣ

мешавад. Ин маҷмуа шомили рисолае аз каломи Аҳмади Ҷом, маноқиби Аҳмади Ҷом ва ғазалиёти Аҳмади Ҷом аст. Дар заҳрияи рисолаи аввал «Рисола мин каломи Абӯнаср Аҳмад ибни Абилҳасан ан-Номақӣ, қуддиса сирруҳу» навишта шудааст. Навъи хат настаълиқ аст. Номи котиб ва таърихи таълифи он маълум нест. Рисола дорои 27 варақ буда, котиб дар ҳар барг матнро дар 17 сатр китобат кардааст. Унвони бобҳо ва оёт бо як қалам китобат шудаанд. Котиб калимаҳои афтодаро дар ҳошияи ҳамон варақ навиштааст.

Дар маҷмуъ, наздик ба чиҳил нусхаи хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом бозшиносӣ гардид, ки имрӯз дар китобхонаҳо ва марказҳои нусахи хаттии ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Қисме аз ин нусхаҳо ҳангоми таҳияи матни осори ӯ мавриди истифода қарор гирифтаанд, аммо теъдоде аз онҳо аз назари мусаҳҳеҳон дур мондаанд. Ба мисли нусхаи хаттии шумораи 682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи хаттии шумораи 399 аз Китобхонаи Нофизпошшо, нусхаи хаттии шумораи 1742 аз Музейи Мавлоно, нусхаи шумораи 3687 аз Китобхонаи Боязид, нусхаи шумораи 1103 аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам, нусхаи шумораи 4238 аз Китобхонаи Ганҷбахш, нусхаи шумораи 10235/1 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ ва ғ.

Имкон дорад, ки дар китобхона ва марказҳои нусахи хаттии ҷаҳон ҳанӯз нусхаҳои хаттии дигаре аз осори насрии Аҳмади Ҷом мавҷуд бошанд ва дар оянда бозшиносӣ ёбанд.

Инчунин, нусхаҳое аз як достон бо номи «Чаҳор парӣ» ё «Қиссаи Сабзпарӣ ва Зардпарӣ ва шоҳзодаи Сарандеб» низ ба Аҳмади Ҷом нисбат дода шудааст. Мазмун ва муҳтавои достон бо ҷаҳонбинӣ ва мундариҷаи осори ирфонии Аҳмади Ҷом муфовиқат надорад. Нусхаи хаттӣ ва чопҳои сангии ин достон дар чандин китобхонаву ганҷинаҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, нусхае аз он дар Институти дастхатҳои ба номи Ҳ.С. Сулаймонови Тошканд таҳти рақами 226/11 нигаҳдорӣ мешавад. Тахмин меравад, ки матн дар асри XIX китобат гардидааст. Достони «Қиссаи Сабзпарӣ ва Зардпарӣ ва

шоҳзодаи Сарандеб» дар ин китобхона аз 50 варақ иборат мебошад [190, 3, 439; 191, 2, 602; 200, 1, 310].

Ҳосили баррасиро метавон дар чунин нуктаҳо ҷамъ намуд:

а) Маърифати дурусти осори насрии Аҳмади Ҷом ба нусхашиносии таълифоти ӯ робитаи қавӣ дорад. Тавассути нусхашиносии равишманд дастхатҳои нодири осори ӯ шинохта мегардад ва заминаи тасҳеҳу нашри илмӣ-интиқодии осораш фароҳам меояд;

б) Нусхашиносии мероси мансури Аҳмади Ҷом равшан месозад, ки осори ӯ дар тамоми қаламрави забони форсӣ ва, ҳатто, берун аз он интишор ёфтааст. Имрӯз бештари дастхатҳои осори насрии ӯ дар махзанҳои нусахи хаттии кишварҳои форсизабон ва иддае дар китобхонаҳои Аврупо нигаҳдорӣ мешаванд;

в) Аз нусхашиносии осори Аҳмади Ҷом бармеояд, ки ҳанӯз дастхатҳои омӯхтанашудаи осори ӯ мавҷуд аст ва бояд дар тасҳеҳи илмӣ-интиқодии минбаъдаи мероси ин суханвар аз онҳо истифода ба амал ояд;

г) Чанде аз мероси насрии Аҳмади Ҷом дар хориҷа чоп шудаанд, аммо дар кишвари мо ҷои онҳо холист;

ғ) Аз чанд осори насрии Аҳмади Ҷом нусхаҳои комилу муътамад ва аз теъдоде танҳо ном боқӣ мондааст;

д) Нусхаҳои хаттии осори насрии Аҳмади Ҷом, ки дар китобхонаҳои мамолики мухталиф нигоҳдорӣ мешаванд, баёнгари густариши андешаву афкор ва истиқболи осори ӯ аз ҷониби ҷомеаи илмиву адабии ҷаҳон мебошад.

### II.2. Мундариҷа ва таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом

Маърифати мундариҷаву муҳтаво ва шинохти қолабҳои сохториву таркибии сарчашмаҳои адабӣ, ки мероси сӯфия ҷузъи муҳими он ба шумор мераванд, дар таҳқиқоти адабиётшиносӣ аҳамияти хоса дорад. Чунин баррасӣ дар шинохти ҷаҳонбинӣ, сарчашмаҳои фикрӣ, усулҳои баррасии масоил, қолабҳои ибрози орову андеша, вазъи илмиву адабӣ, ҳаёти иҷтимоиву

фарҳангӣ, асноди нодири марбут ба рӯзгоршиносии муаллиф ва ҳамасрони ӯ, омилҳои ташаккули ақоиди мутасаввифа, сабку хусусиятҳои таълифи осор ва масоили зиёди дигар заминагузорӣ менамояд ва шавоҳиди фаровони илмиро пешорӯи муҳаққиқ мегузорад.

Аҳмади Ҷом беш аз даҳ асари насрӣ ба қалам оварда, дар ташаккули насри ирфонӣ саҳми назаррас гузоштааст. Аз ин рӯ, баррасии мундариҷаву таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом муҳим арзёбӣ гардида, моро водор месозад, то аз ин нигоҳ мероси мансури ӯро бозшиносӣ намоем.

Пажуҳишҳое, ки дар мавриди осори насрии Аҳмади Ҷом сурат гирифтааст, равшан менамояд, ки то ҳол дар баррасии мундариҷа ва сохту таркиби мероси мансури ин донишманд таҳқиқоти алоҳида ба анҷом нарасидааст. Бо омӯзиш ва баррасии нусхаҳои хаттиву чопии осори насрии Аҳмади Ҷом метавон мундариҷаву муҳтавои онҳоро бозшиносӣ намуд ва сохту таркиби он осорро муайян кард.

Аз дасти ҳаводиси замон танҳо номи баъзе аз асарҳои Аҳмади Ҷом то замони мо омада расидаасту халос. Абулмакорими Ҷомӣ дар ин замина чунин оварда: «Чаҳордаҳ китоб тасниф кард... Чунин мегӯянд, ки ҳар чордаҳ китоб, он чи ҳозир аст ва он чи ғоиб аст, батамом дар Ҳиндустон дар хизонаи султон Фирӯзшоҳ будааст, аммо китоби мафқуд ин панҷ муҷаллад аст: китоби «Футуҳ-ур-руҳ» як муҷаллад, китоби «Эътиқоднома» як муҷаллад, китоби «Тазкирот» як муҷаллад,  китоби «Зуҳдиёт» як муҷаллад, китоби «Сироҷ-ус-соирин» аз чор муҷаллад, як муҷаллад» [179, 184-185].

Бо мақсади кӯшиш дар ин самт, ин ҷо ба муаррифии осори насрии бозмондаи Аҳмади Ҷом мепардозем:

**«Анис-ут-тоибин».** Номи пурраи асар «Анис-ут-тоибин ва сиротиллоҳи-л-мубин» буда, бештар бо номи ихтисории «Анис-ут-тоибин» зикр мегардад. Баъзе аз тазкиранависон онро ба сурати «Унс-ут-тоибин» низ сабт кардаанд. Самъонӣ дар «ал-Ансоб», дар фасли «Ҳарфи ҷим» дар ҳошияи номи Аҳмади Ҷом, ба сурати «Анис-ут-тоибин» [60, 2, 13], Абулмакорими Ҷомӣ дар

«Хулосат-ул-мақомот» [179, 184], Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» зери фасли «Шуаро ва нависандагони иқлими робеъ» [59, 2, 177], Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» [79, 1, 197] ва Муҳаммад Маъсуми Шерозӣ дар китоби «Тароиқ-ул-ҳақоиқ» низ онро ба сурати «Анис-ут-тоибин» зикр кардаанд. Ноибуссадр Маъсум Алишоҳ ин китобро дида, дар бораи он чунин навиштааст: «Анису мӯниси хубест». Мусташриқи рус В.Иванов низ асари мазкурро бо номи «Анис-ут-тоибин ва сиротиллоҳи-л-мубин» овардааст [40, 27]. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, мусаҳҳеҳи китоби «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, қайд менамояд, ки дар нусхаи хаттии китоби мазкур, ки дар китобхонаи «Ганҷбахш»-и Исломобод мавҷуд аст, номи асари Аҳмади Ҷом ба сурати «Унс-ут-тоибин» дода шудааст [179, 151]. Дар «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ ба сурати «Унс-ут-тоибин» зикр ёфтааст [25, 213]. Ҳашматуллоҳи Муайяд андешаҳои муаллифони мутақаддимро оварда, чунин хулоса мекунад: «Иддаи дигар аз манобеъ ба хилофи матни мақомот, ки «Унс» навиштааст, «Анис» оварда ва ин аз ҷиҳати маъно низ саҳеҳтар аст» [25, 45].

Таърихи дақиқи таълифи асари мазкур маълум нест. Ба он сабаб, ки дар дигар асарҳои Аҳмади Ҷом ба мисоли «Равзат-ул-музнибин» (таъл. 519-525 ҳ./1126-1131 м.) [47, 77], «Мифтоҳ-ун-наҷот» (таъл. 521 ҳ./1128 м.) [45, 171] ва «Биҳор-ул-ҳақиқат» (таъл. 527 ҳ./1133 м.) [41, 80] муаллиф номи ин асарро овардааст, метавон таъкид намуд, ки китоби мазкур дар аввали асри XI таълиф гардидааст ва, зоҳиран, аз нахустин таълифоти Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравад.

Сабаби таълифи китобро Аҳмади Ҷом чунин баён дошта: «Чун тоибон ва ёрони мо бисёр гаштанд... аз мо дархост карданд ва суолҳо карданд, ки моро ба ҳар чизе аз ин тариқаҳо ишорае кунад, то дилҳои моро «анис»-е ва роҳате бошад» [40, 4-5].

Китоби «Анис-ут-тоибин» муфассалтарин асари Аҳмади Ҷом аст, ки то замони мо расидааст. Муаллиф дар ин китоб масоили мавриди назари худро

бо табақабандӣ, ба таъбири худи ӯ, «бар тартиб», дар 45 боб гунҷонидааст: «Ин китобро бар чиҳилу панҷ боб ниҳодем ва бар тартиб набиштем, то агар касеро дар бобе аз ин абвоб назар хоҳад кард, бар вай осон бувад» [40, 4]. Кӯтоҳтарин боби китоб, ин боби севум ва тӯлонитари онҳо, боби чилу севум мебошад. Дар китоб масъалаҳо асосан аз ду ҷузъ иборат мебошанд. Миқдори ками бобҳо фарогири як масъала ҳастанд. Мавзуи қисме аз масъалаҳоро дар номи бобҳо дида метавонем.

Муаллиф унвони бобҳоро бо чунин тарз оварда: «Боби аввал: Мепурсанд, ки ақл чист ва оқил кист?»; «Боби сонӣ: Мепурсанд, ки маърифат чист ва ориф кист?»; «Боби солис: Мепурсанд, ки тавҳид чист ва муваҳҳид кист?»; «Боби робеъ: Мепурсанд, ки суннӣ ва ҷамъӣ кист?»; «Боби хомис: Мепурсанд, ки бедор кист ва бедорӣ чист?» ва бо ҳамин шакли масъалагузорӣ унвони дигари бобҳои китоб идома мeёбад. Аз зикри номи бобҳо равшан мегардад, ки Аҳмади Ҷом дар китоб ба шарҳи мабоҳиси сӯфия, тавзеҳ ва таърифи мусталаҳоти ирфонӣ ва ғ. пардохта, то хонандаи он аз усулҳои тасаввуф бохабар гардад.

Аҳмади Ҷом дар «Анис-ут-тоибин» кӯшида, то матни он сода, равон ва оммафаҳм бошад. Муаллиф барои тақвияти андешаи хеш ба ашъори суханварони арабу аҷам, зарбулмасалу мақол ва ақволу аҳволи орифон тамассул ҷустааст. Аҳмади Ҷом бо овардани мисолҳои дилангез аз ҳаёти тавбакорон, ба монанди Насуҳо ва Фузайл ибни Иёз матолибро рангину муассир баён доштааст [40, 66-81].

Мабоҳис дар ин китоб ба сурати пурсишҳое аст, ки муридон ва шогирдонаш матраҳ кардаанд. Ин пурсишҳо бобҳои алоҳидаи китобро ба худ ихтисос дода, фарогири мазомини ирфонӣ мебошанд.

Масоилеро, ки дар 45 боби ин асар баррасӣ ёфтаанд, метавон дар ду меҳвари асосӣ бозшиносӣ намуд:

1) Ирфони назарӣ: Дар иддае аз абвоби китоб масъалаҳои назарии тасаввуф, аз қабили ақл чист ва оқил кист, маърифат чист ва ориф кист,

мурид кист ва иродат чист, талаб чист ва толиб кист, фарқ миёни муъҷиза ва каромот чист, ваҷд чист ва воҷид кист ва ғ. баҳс гардидаанд. Мусаллам аст, ки ин навъ масъалаҳо ба ирфони назарӣ пайванд мегиранд.

2) Ирфони амалӣ: Қисме аз бобҳо шомили мабоҳисе мебошанд, ки дар онҳо масоиле чун тавба чист ва тоиб кист, ихлос чист ва мухлис кист, фарқ миёни ҳирс ва ҳиммат чист, қаноат чист ва қонеъ кист, тақво чист ва муттақӣ кист, шукр чист ва шокир кист, сабр чист ва собир кист ва ғ. мавриди таҳлилу баён қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, «Анис-ут-тоибин»-и Аҳмади Ҷом аз сарчашмаҳои пурбори адабиёти ирфонӣ буда, бо насри содаву равон ба қалам омадааст. Нависанда дар асари мазкур андешаҳои худро бо услуб ва ҷилваҳои рангоранги ирфонӣ баён медорад.

**«Равзат-ул-музнибин».** Номи пурраи китоб «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин» аст. Нависанда дар муқаддима номи онро чунин меорад: «Ин китобро «Равзат-ул-музнибин ва ҷаннат-ул-муштоқин» ном ниҳодем»; «Ин китобро «Равзат-ул-музнибин» аз ин ном ниҳодем» [47, 6-14]. Муаллиф китоби мазкурро дар байни солҳои 520-526 ҳ./1126-1131 м. таълиф намудааст. Китоб ба султон Санҷар эҳдо гардидааст. Чунончи, дар муқаддимаи китоб омада: «Акнун Аҳмад ибни Абулҳасани Номақии Ҷомӣ ин китобро ба илҳоми Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, бар номи султони олам, халладаллоҳу мулкаҳу, дар моҳи муҳаррами санаи ъишрина ва хамсумиа (520 ҳ./1126 м. – М.М.) оғози набиштан кард...». Таърихи итмоми китоб, бино ба маълумоти «Хулосат-ул-мақомот», соли 526 ҳ. (1131 м.) мебошад [47, 5; 179, 184].

Қосими Анвор ин китобро сутуда, мефармояд:

«Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом,
Он наҳанги муҳити баҳрошом.
Осмонест пурмаҳу Парвин,
Бӯстонест пургулу насрин [13, 351].

«Равзат-ул-музнибин» бо чунин ҷумла оғоз гардида: «Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим, ал-Ҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламин ва-л-ъоқибату ли-л-муттақин... Хоҷа имоми зоҳид, шайхулислом, Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасани Номақии Ҷомӣ, қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-азиз, хост, ки дар дӯстдорӣ, ҳавохоҳӣ ва дӯстдории султони олам, шаҳаншоҳи аъзам, халладаллоҳу мулкаҳу ва салтанатаҳу, хосияте намояд бар дуогӯён...» [47, 1]. Китоб бо ҷумлаи зер анҷом меёбад: «Агар аз инони осмон то ба кемухти замин гуноҳ дорӣ, чун медонӣ, ки бад мекунӣ, дӯстони ӯро дӯст дорӣ ва душманони ӯро душман дорӣ, Худой, азза ва ҷалла, ҳамаро биёмурзад ва бар туву бар мо раҳмат кунад, иншоаллоҳу таоло, ва биллоҳи-л-ъавну ва-т-тавфиқ» [47, 226].

Аҳмади Ҷом дар муқаддимаи китоб мақсад аз таснифи онро шарҳ додааст. Муҳтавои китобро муаллиф дар қолаби 23 боб рехтааст ва ҳар боб дар навбати худ дорои фаслҳое мебошад. Чунончи, худ дар муқаддима зикр намуда: «Ва ин китобро бар бисту се боб ниҳодем, то агар касе хоҳад, ки аз ин абвоб ва фусул бингарад, бар вай осон бошад, биллоҳи-л-ъавну ва-т-тавфиқ» [47, 11].

Муаллиф унвони бобҳои китобро дар муқаддимаи он бо чунин сурат оварда: «Боби аввал: Дар тавҳид ва шинохти Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло»; «Боби дувум: Дар эътиқоди суннат ва ҷамоат»; «Боби севум: Дар маърифат ва ҳидояти Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло»; «Боби чаҳорум: Дар фазли тавба ва фазли тоибон»; «Боби панҷум: Дар ҳурмати муъмини гунаҳкори орифи мухлис» ва бо ҳамин услуб унвони бобҳои китоб идома меёбад [47, 11-12].

Аз муҳтавои унвони бобҳо ва матни «Равзат-ул-музнибин» равшан мегардад, ки Аҳмади Ҷом китобро ба шарҳи мабоҳиси ирфонӣ бахшидааст. Ин баҳсҳо бобҳои алоҳидаи китобро дар бар мегиранд. Шеваи оғози бобҳо равшан месозад, ки ибтидо яке аз мурид ё ҳозирине дар маҷлис аз суханони Аҳмади Ҷом китобро навишта ва ё аз рӯи нусхаи дастнависи муаллиф

истинсох шудааст. Зеро бобҳо бо афзудани алқоб ба Аҳмади Ҷом оғоз мегардад.

«Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом яке аз мутуни гаронбаҳои ирфонӣ буда, то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ нашудааст. Китоб бо насри содаву равон ва шеваи баёни маҷлисгуиву воизона таълиф ёфтааст. Аҳмади Ҷом бо овардани тамсилоти дилпазир дар заминаи тавба ва пайванди он бо оёту аҳодис ва қиссаҳо кӯшида, то навтоибонро роҳнамоӣ намояд. Муаллиф бо зикри далел аз тафсирҳо ва манобеи муътамад фазилати бозгашт аз гуноҳ ва подоши тавбаро баён доштааст.

**«Сироҷ-ус-соирин».** Аҳмади Ҷом «Сироҷ-ус-соирин»-ро соли 512 ҳ./1118 м. тасниф намудааст. Китоби «Сироҷ-ус-соирин» аз таълифоти бузургҳаҷми Аҳмади Ҷом ба ҳисоб рафта, дар асл аз чор ҷилд иборат будааст. Мутаассифона, як ҷилди он дар ҳуҷуми чингизиён аз байн рафтааст ва се муҷаллади дигар дар 75 боб то замони яке аз фарзандзодагони Жандапил – Абулмакорим ибни Алоулмулки Ҷомӣ мавҷуд будааст. Ӯ дар «Хулосат-ул-мақомот»-и худ аз мавҷуд будани ин асар дар байни орифон ва дарвешони Ҳиндустон маълумот медиҳад [50; 150, 102-105; 179, 184].

Аҳмади Ҷом сабаби таснифи китобро чунин баён дошта: «Мо ин китоб, ки менависем, умедеро менависем, ки дар қаҳтсол нон хуштар бувад, вагарна чӣ ҷои ин сухан аст» [50, 118]. Танҳо 24 боби «Сироҷ-ус-соирин» то замони мо расидааст. Бобҳои китоб, ки то замони мо расида чунин унвон дорад: «Боби аввал: Дар фарқ миёни ҳол ва маҳол»; «Боби дувум: Дар фарқ миёни осоиши халқ ва ҳавопарастӣ»; «Боби севум: Дар фарқ миёни хонақоҳдорӣ ва дукондорӣ»; «Боби чаҳорум: Дар фарқ миёни пирӣ ва хоҷагӣ ҷустан»; «Боби панҷум: Дар фарқ миёни муридӣ, коҳилӣ ва бекорӣ» ва ғ. Бобҳои дигари китоб низ ҳамин гуна унвонгузорӣ шуда, фарогири масъалаҳои иҷтимоиву ирфонӣ мебошад.

Аз унвони бобҳои «Сироҷ-ус-соирин» маълум аст, ки китоб дорои мавзуъҳои гуногун будааст. Нависанда аз масоили ирфонӣ гирифта, то

масоили иҷтимоиро дар ин асар ба қалам овардааст. Бинобар зарурати баёни матолиб ва аҳамияти мавзуот, ҳаҷми бобҳои китоб гуногун аст. Аҳмади Ҷом дар ин бобҳо ибтидо ба тавзеҳи масоиле, ки дар номи бобҳо зикр гардидаанд, мепардозад ва сипас бо ишора бо оёту аҳодис ва амсолу ҳикоёт ба баёни масоили диниву ирфонӣ мегузарад.

Китоби «Сироҷ-ус-соирин» фарогири масъалаҳои гуногуни ирфонӣ буда, аз нигоҳи Аҳмади Ҷом асари тоза ва муфассал дар баррасии масъалаи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Нависанда ба ин мавзуъ чунин ишора намуда: «Китобҳо бисёр сохтаанд, магар дар ин навъ китоб насохтаанд ва агар сохта буданд, мо надида будем ва ба мо нарасидааст» [50, 8].

Дар маҷмуъ, Аҳмади Ҷом дар «Сироҷ-ус-соирин» масъалаҳои иҷтимоии замони худро ба қалам оварда, худ ҳамчун муршиду муслиҳи ҷомеа ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ намудааст. Аз тарафи дигар, «Сироҷ-ус-соирин»-ро метавон насиҳатномаи иҷтимоӣ ва ахлоқии Аҳмади Ҷом донист. Зеро муаллиф дар ин асар ба муҳимтарин рӯйкардҳои иҷтимоӣ саравван таваҷҷуҳ намуда, сипас онҳоро бар асоси далоил ва андешаи сӯфиён шарҳу тавзеҳ медиҳад.

**«Мифтоҳ-ун-наҷот».** Китоби «Мифтоҳ-ун-наҷот» аз муҳимтарин таълифоти Аҳмади Ҷом буда, дар давраи камолоти илмиву маънавии ӯ навишта шудааст. Аз муқаддимаи «Мифтоҳ-ун-наҷот» бармеояд, ки муаллиф китоби мазкурро баъд аз чанд асари худ навиштааст. Аҳмади Ҷом китобро дар охири моҳи шаъбони соли 522 ҳ./ моҳи июли соли 1128 м. ба муносибати тавбаи фарзандаш Хоҷа Наҷмуддин Абӯбакр ва дархости ӯ навиштааст. Дар муқаддима чунин зикр менамояд: «Аммо, чун Эзид таоло ба фазлу машийяти худ фарзанди мо Хоҷа Абӯбакрро либоси тавба пӯшонид ва роҳи даргоҳи худ бар ӯ кушода кард... аз мо дархост кард, то он чӣ ҳоли вайро бад-он ҳоҷат афтад аз мақомоту роҳи дин, ҳаққу ҳақиқат, асбоби дин ва он чи ба лафз мӯҷазтару мухтасартар, бинависем, то ба ҳаҷм камтар бошад. Нависандагон ва толибонро дар навиштану хондани он рағбат афзояд... ин китобро

«Мифтоҳ-ун-наҷот» ном ниҳодем аз баҳри онро, то ҳар касе ин китобро бархонад ва бад-ин тамассук кунад, наҷот ёбад» [45, 62].

Китоб дар қолаби муқаддима, ҳафт боб, ду фасл ва як ҳикояву воқеа рехта шудааст. Мавзуъ ва муҳтавои асосии «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷомро дастуроти амаливу назарии равандагони роҳи тариқат ташкил мекунад. Нависанда зимни баҳс оид ба чӣ гуна тавба кардани тоибон, қаноат, самоъи дарвешон, сифоти арбоби ҳақиқат, аҳамияти илмомӯзӣ ва маърифатандӯзӣ таваҷҷуҳи хоса мабзул дошта, матолибро бо зикри мисолҳои сода ба хонандагон баён намудааст.

Аҳмади Ҷом сабаби мухтасар таълиф намудани китобро чунин баён дошта: «Аммо бидон, ки мо ин китобро ба дараҷаи ихтисор ниҳодем, аммо дар маонӣ вофир ва комил. Ва маҷмуи инро бар ҳафт боб бино ниҳодем, аз баҳри ҳикмате...». Сипас номи бобҳои китобро ин гуна меоварад: «Боби аввал: Дар тавҳид ва имон»; «Боби дувум: Дар суннат ва ҷамоат»; «Боби севум: Дар тавҳид ва истиқомат»; «Боби чаҳорум: Дар истиқомат бар тоат»; «Боби панҷум: Дар мубоҳ ба ҳуҷҷат», «Боби шашум: Дар таслим ва ризо бар қисмати қассом» ва «Боби ҳафтум: Дар ҳоли сиддиқону абдолон ва арбоби ҳақиқат» [45, 64].

Аз тааммул дар фавотеҳи бобҳо муайян мегардад, ки ибтидо яке аз муридон ё ҳозирини маҷлис ва ё баъдҳо яке аз муридон аз нусхаи дастнависи нависанда бо афзудани алқоб дар оғози абвоб китобат намудааст. Зеро дар муқаддима ва оғози ҳар як боби асар пеш аз номи Аҳмади Ҷом лақабҳо оварда шуда, баъд аз номи ӯ ҷумлаҳои дуоия зикр мешавад.

Аҳмади Ҷом дар муқаддимаи ин китоб номи чанд асари дигари худро оварда, ки хонанда аз вуҷуди ин осор дарак меёбад: «Ва ин китобҳои дигар, ки бо илҳом, мадад ва тавфиқи Ҳақ, субҳонаҳу таоло, тасниф кардаем, чун китоби «Анис-ут-тоибин», китоби «Сироҷ-ус-соирин», «Футуҳ-ул-қулуб», «Равзат-ул-музнибин», «Биҳор-ул-ҳақиқат» шарҳ ва баёни мушкилоти

масоил батамом дар он ҷо гуфта омадааст, агар касеро чизе мушкил шавад, аз он ҷо маълум гардад» [45, 62].

Китоб бо насри содаву равон ва дур аз такаллуф навишта шудааст. Матни он сӯфиёна буда, бо шеваи баёни хоси ирфонӣ ва ахлоқӣ ифода ёфтааст. Нависанда истилоҳоту таркиботи ирфониро бо забони муҳовара ва мувофиқ ба фаҳми омма баён медорад.

**«Биҳор-ул-ҳақиқат».** Номи асарро муаллиф «Биҳор-ул-ҳақиқат» унвон додааст. Ин китоб бештар дар мавзуи ҳикмат ва фалсафаи мазҳабию ирфонӣ буда, дар он масоиле чун асрори офариниш, ишқу тинати одамӣ, қазовати илму ҳикмат ва ғ. бо такя ва истинод бар оёт тавзеҳ ёфтааст. Аз рӯи навиштаи соҳиби «Хулосат-ул-мақомот», Аҳмади Ҷом китобро соли 527 ҳ./1133 м. таълиф кардааст. Ин китоб ба нуктаҳои воқеияти зиндагонии Аҳмади Ҷом, ки бо воқеаҳои дур аз ҳақиқати зиндагӣ пур шудааст, посух медиҳад.

Китоб шомили 18 боб буда, бо услуби маҷлисгӯӣ нигориш ёфтааст. Аҳмади Ҷом бинобар хоҳиши муридон ва ҳозирини маҷлис, асарро ба мисли «Кунуз-ул-ҳикмат»-и худ дар заминаи тарҷума ва тафсири оёти Қуръон, бо таваҷҷуҳ ба илми қироат, ба қалам овардааст. Муқаддима ва бисёре аз бобҳои ин асар гуфторҳои Аҳмади Ҷом дар ҷамъи муридон ва мухотабони маҷлис мебошад. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи ин китоб тарҷумаи лафз ба лафзи оёт ба забони форсии бисёр сода ва равон мебошад.

Абвоби китоб чунин унвон дорад: «Дар баёни маонии «Инно фатаҳно лака фатҳан мубинан»; «Боби дувум: Дар қиссаи Хизр ва Мӯсо (а) ва илми минладуннӣ»; «Боби севум: Дар офариниши ҳар чизе ва таъбияҳои он»; «Боби чаҳорум: Дар муҳаббату хуллат ва муваддату ишқ»; «Боби панҷум: Дар баён кардани тариқаҳои ҳар кас»... Боби ҳаждаҳум: «Дар баён кардани қарини нек ва бад».

Китоб баъд аз қисмати таҳмидия ва зикри алқоби Аҳмади Ҷом чунин оғоз гардида: «Абӯнаср Аҳмад ибни Абулҳасани Номақии Ҷомӣ,

қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-азиз, хост, ки дар охири умр дӯстон, муридон ва фарзандони худро... ёдгоре гузорад некӯ, то эшон дар он ёдгорӣ нигаранд, моро ба дуо ёд доранд...» [41, 3]. Дар охир китобро бо ҳамди Худову санои Расул (с) хотима бахшидааст.

Аҳмади Ҷом дар «Биҳор-ул-ҳақиқат» зубдаи андешаҳои худро дар партави оёт баён доштааст. Ин асари ӯ шомили муҳимтарин афкори муаллиф роҷеъ ба сулуки иҷтимоӣ ва ирфонӣ мебошад.

**«Кунуз-ул-ҳикмат».** Ин китоб аз нигоҳи таърихи таълиф охирин асари Аҳмади Ҷом ба шумор меравад. Зоҳиран, Аҳмади Ҷом баъд аз таълифи «Кунуз-ул-ҳикмат» ба навиштани китоби дигаре напардохтааст. Китоб дар соли 533 ҳ./1138 м. таълиф гардидааст. Дар муқаддимаи китоб мефармояд: «Ин китоб оғоз карда омад дар мунтасафи ҷимодиулохири санаи салоса ва салосин ва хамсумиа» [44, 1]. Нависанда бо ниҳоитарин зовияҳои андешаварзӣ дарёфтҳои ирфонӣ ва сӯфиёнаи худро дар ин китоб ба қалам овардааст. Ба эҳтимоли зиёд, китоб дар Ҳирот оғоз ва анҷом пазируфтааст, зеро муаллиф дар охири китоб (боби бистум) чунин ёдоварӣ менамояд: «Як сол зиёдат аст, то ман дар ин вилояти Ҳирот омадам ва ҷустуҷӯ мекунам, то ҳеҷ кас ёбам, ки аз вай чизе ёд гирам ва агар аз он чӣ мо донему дорем чизе ба вай диҳам, ҳеҷ кас наёфтам» [44, 167]. Метавон асари мазкурро васиятномаи Аҳмади Ҷом ном бурд, зеро дар он муаллиф ба мухотабони худ бо сабки андарз сухан менамояд.

Доир ба номи китоб ва сабаби таълифи он муаллиф дар муқаддима чунин меорад: «Ин китобро «Кунуз-ул-ҳикмат» ном ниҳодем ва дар ин китоб бисёр дурру ҷавоҳир аст, ҳар ки бартавонад гирифт» [44, 3].

Муҳтавои асосии китоб ба масъалаҳои заминавии ирфон алоқаманд мебошад. Китоб дорои 20 боб ва 14 фасл мебошад. Аз ин теъдод, ниме ба тафсири ирфонии оёт (аз боби дувум то боби ёздаҳум) ва ними дигар (боби аввал ва аз боби дувоздаҳ то боби бистум) ба андешаҳои ирфонии ӯ бахшида шудааст.

Аҳмади Ҷом дар муқаддима унвони бобҳоро чунин зикр намуда: «ал-Боб-ул-аввал: Дар илҳоми мулҳим»; «ал-Боб-ус-сонӣ: Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим. «Ва-ш-шамси...» ва тафсили он»; «ал-Боб-ус-солис: «Наҳну қасамно» ва маънои он»; «ал-Боб-ур-робеъ: «Ва мо мин доббатин фи-л-арз»; «ал-Боб-ул-хомис: «Ва ъалаллоҳи таваккалу ин кунтум муъминин»; «ал-Боб-ус-содис: «Ва ман яттақиллоҳа яҷъал лаҳу махраҷан»; «ал-Боб-ус-собиъ: «Авалам яъламу инналлоҳа ябсут-ур-ризқа лиман яшоу»... то охир.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба мавзуъ баъзе аз бобҳо шомили фаслҳо низ мебошанд. Теъдоди фаслҳо дар маҷмуъ 14 адад аст.

Ин китоб аз як сӯ тафсири ирфонӣ буда, аз сӯи дигар, муаллиф дар он ба баёну шарҳи мабоҳиси бунёдии ирфон ва ҳикмат пардохтааст.

Ҳарчанд муҳтаво ва мавзуоти китоб гуногун аст, вале наср ва услуби нигориши он дар саросари асар яксон аст. Сабки насри минбарӣ ва воизона дар тамоми абвоби китоб мушоҳида мегардад. Аҳмади Ҷом дар ин китоб ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҷомеашиносӣ низ ишораҳо кардааст, ки дар навъи худ камназир мебошанд.

**«Рисолаи Самарқандия».** Ин рисола мухтасар буда, шомили номаҳои Аҳмади Ҷом дар посух ба суолҳои ирфонии муридон, ёрон, эътиқодмандон, бахусус аз Самарқанду атрофи он мебошад. Ба он сабаб, ки қисми бештари пурсишҳо аз мардуми Самарқанд ва навоҳии он аст, рисола бо номи «Самарқандия» маъруф гардидааст. Вобаста ба мукотаба байни Аҳмади Ҷом ва олимону донишмандони атрофи Самарқанд дар «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддини Ғазнавӣ дар ҳикояте чунин ишора шудааст: «Аз Самарқанд суолҳо фиристоданд ва Шайхулислом онҳоро ҷавобҳо фармуд ва имрӯз он суолҳо ва ҷавобҳо боқӣ аст» [25, 370]. Чунин ба назар мерасад, ки рисола аз ҷониби фарзандон, муридон ва ё котибони аввали он чунин номгузорӣ шудааст.

Макотиб ва номаҳо баёнгари равобити Аҳмади Ҷом бо ҷомеаи берун аз ҳавзаи Хуросон мебошанд. Инчунин, дар байни номаҳои ҷавобӣ, номае ҳаст,

ки он дар посух ба пурсиши султон Санҷар навишта шудааст. Рисолаи мазкур дар таҳқиқи сайри таърихии номанависӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ арзиши хоса дорад.

Қисматҳое аз ин рисола то замони мо омада расида, ки иборат аз номаҳои зерин мебошанд: «Суол аз ҳадиси «Куллу насабин ва ҳасабин янқатиъу ...» ва посухи Шайх», «Гуфтор дар маонии фазл ва тавҳид», «Пурсиши султон Санҷар аз нишони дӯстони Ҳақ ва посухи Шайх», «Посухи Шайх дар маонии илми кимиё», «Шарҳи ояи «Ва авҳо раббука ила-н-наҳли» ва «Матлаб дар нишони фақр ва фақирӣ» [25, 331-347; 51].

Номаи пурарзиши таърихие, ки то мо расида, «Пурсиши султон Санҷар аз нишони дӯстони Ҳақ ва посухи Шайх» буда, бо чунин ҷумла оғоз мегардад: «Дигар, пурсид султони салотин Санҷар ибни Маликшоҳ аз шайхулислом Аҳмад, қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-азиз, ки нишон ва аломати дӯстони Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, чист ва чанд аст?

ал-Ҷавоб ва биллоҳи-т-тавфиқ, шайхулислом фармуд, қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-азиз: Бидон, нишон ва аломати дӯстони Ҳақ, ҷалла ҷалолуҳу, панҷ чиз аст...» [25, 339].

Таъкид бамаврид аст, ки аз чандин осори насрии Аҳмади Ҷом, ба монанди «Анис-ул-мустаънисин», се ҷилди «Сироҷ-ус-соирин», «Футуҳ-ул-қулуб» «Футуҳ-ур-руҳ», «Эътиқоднома», «Тазкирот», «Зуҳдиёт» дар китобҳои «Мифтоҳ-ун-наҷот»-у «Кунуз-ул-ҳикмат»-и худи ӯ, «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ ва дигар сарчашмаҳои адабӣ сухан рафтааст, аммо ин китобҳо то замони мо омада нарасидаанд ё то ҳол шинохта нашудаанд.

Аз омӯзиши мундариҷа ва сохту таркиби осори насрии Аҳмади Ҷом чунин натиҷаҳо ба даст меояд:

а) Аҳмади Ҷом аз ҷумлаи орифон ва суханварони соҳибтаълиф буда, бо нигошти чандин асари насрӣ дар ташаккули адабу ирфони форсии тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштааст;

б) Аз Аҳмади Ҷом беш аз даҳ асари насрӣ ба мерос монда, ҳама дар мавзуи ирфон навишта шудаанд;

в) Чанде аз осори Аҳмади Ҷом мафқуд буда, аз онҳо танҳо ном боқӣ мондааст. Аз исми ин осор пайдост, ки онҳо низ дар мавзуи ирфон ба қалам омадаанд;

г) Дар осори насрии Аҳмади Ҷом мавзуи меҳварӣ ирфон аст, чи ирфони амалӣ ва чи ирфони назарӣ;

ғ) Бахши умдаи осори насрии Аҳмади Ҷом бар мавзуи тасфияи ботин ва тазкияи нафс алоқаманд буда, аксар ба муридону аҳли хонақоҳ нигаронида шудаанд;

д) Осори насрии Аҳмади Ҷом аз нигоҳи тарҳи масоил ва баёни матолиб бештар ба асарҳое шабоҳат дорад, ки дар маҷолису ҳалқаҳои мавоиз ба қалам омадаанд.

## Хулосаи боби дуюм

Нусхашиносии осори насрии Аҳмади Ҷом равшан намуд, ки мероси мансури ӯ дар тамоми қаламрави забони форсӣ ва берун аз он интишор ёфтааст. Дастхатҳои муҳиму нодири осори насрии Аҳмади Ҷом дар Китобхонаи Асъад Афандӣ (Истамбул), Китобхонаи Боязид (Истамбул), Китобхонаи Лоло Исмоил (Истамбул), Китобхонаи Мурод Мулло (Истамбул), Китобхонаи Нофизпошшо (Истамбул), Музейи Мавлоно (Қуния), Китобхонаи Юсуфоғо (Қуния), Китобхонаи Анҷумани Осиёии Бангол (Калкутта), Китобхонаи Вазорати иттилоот ва фарҳанги Афғонистон (Кобул), Китобхонаи Ганҷбахш (Исломобод), Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, Китобхонаи Остони қудси разавӣ (Машҳад) ва ғ. маҳфуз мебошанд.

Инчунин, нусхаҳои нодире аз осори насрии Аҳмади Ҷом дар китобхонаҳои бонуфузи Аврупо, ба монанди Китобхонаи Донишгоҳи Тюбинген (Баден-Вютемберг) ва Музейи салтанатии Вен (Утриш) нигаҳдорӣ мешаванд.

Ҳанӯз ҳамаи дастхатҳое, ки дар китобхонаҳои болозикр нигаҳдорӣ мешаванд, дар баррасии илмии мероси мансури Аҳмади Ҷом мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Теъдоде аз нусхаҳо, ба мисли нусхаи хаттии «Мифтоҳ-ун-наҷот» аз Китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи хаттии «Биҳор-ул-ҳақиқат» аз Китобхонаи Боязид, нусхаи хаттии «Равзат-ул-музнибин» аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам ва ғ. бори нахуст дар ин рисола муаррифӣ гардидаанд ва ба муомилоти илмӣ кашида шудаанд.

Мавзуи меҳварии осори насрии Аҳмади Ҷом ирфони амалӣ ва назарӣ мебошад. Ӯ кӯшида, то мавзуоту мабоҳиси тасаввуфиро бо такя бар асноди муътамад таҳлил намояд ва бо тамассул бар ақволу гуфтори орифон тавзеҳ диҳад. Аҳмади Ҷом дар тақвияти андеша аз ашъор, амсолу ҳикам ва нақлу ривоёт бисёр баҳра бурда, насри худро ҷаззобияти хоса бахшидааст.

Асарҳои «Анис-ут-тоибин» ва «Равзат-ул-музнибин» бештар фарогири масъалаҳои ирфони амалӣ мебошанд. Асарҳои «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат» ва «Рисолаи Самарқандия»-и Аҳмади Ҷом асосан бо усули саволу ҷавоб ва шеваи баёни хитобиву минбарӣ ба қалам омадаанд.

Бояд тазаккур дод, ки чанде аз осори насрии Аҳмади Ҷом дар хориҷа ба нашр расидааст, аммо ҳеҷ яке аз онҳо дар кишвари мо мунташир нашудааст.

# БОБИ III
# БАРРАСИИ ХУСУСИЯТҲОИ ПОЭТИКӢ ВА МАТНШИНОСИИ ОСОРИ НАСРИИ АҲМАДИ ҶОМ
## III.1. Сабки насри мероси мансури Аҳмади Ҷом

Асрҳои XI-XII дар таърихи насри форсии тоҷикӣ аз дурахшонтарин давраҳо ба ҳисоб меравад. Шуморе аз шоҳкориҳои насрии миллати мо, ба монанди «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Калила ва Димна»-и Насруллоҳи Муншӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Сиёсатнома»-и Низомулмулки Тӯсӣ, «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷабуддини Ҷувайнӣ, «ат-Тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддини Муншӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Роҳат-ус-судур»-и Ровандӣ, «Мақомоти Ҳамидӣ»-и Ҳамидуддини Балхӣ, «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Таърихи Сиистон», «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Равз-ул-ҷинон»-и Абулфутуҳи Розӣ, «Тоҷ-ут-тароҷим»-и Шоҳфури Исфароинӣ, осори арзишманди Носири Хусрав, Абдуллоҳи Ансорӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ ва ғ. дар ҳамин давра ба қалам омадаанд.

Дар ин давра сабки наср марҳилаҳои муҳими таҳаввулро гузаронида, ба авҷи салосату пухтагӣ расидааст. Устод Саид Нафисӣ дар таъкид бар ин назар чунин навишта: «Қарнҳои ёздаҳуму дувоздаҳуми мелодӣ ҳам аз ҳар ҳайс лаёқати худро барои ҷонишинии қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ нишон дод… Тааддуди мавзуоте, ки дар ин ду қарн барои наср интихоб шуд, воқеан қобили мутолиа аст ва гузашта аз таъриху сиёсат ва матолиби иҷтимоиву масоили гуногуни адабӣ, дар ин давра дар ҳикмат, тиб, табииёт, риёзиёту нуҷум, фиқҳ, тафсир, калом, ҷуғрофиё, шарҳи аҳвол ва, махсусан, дар тасаввуф китобҳои мутааддиди маъруф навишта шуд. Забони адабӣ, яъне забони форсии дарӣ дар ин китобҳо камоли расоиву пухтагии худро ба даст овард… Шеваи нависандагон дар ҳамаи ин осор устувору устодона ва холӣ аз ҳар гуна айбу халале аст ва ҳатто, бояд гуфт, бисёре аз шоҳкориҳои насри

форсиро, хоҳ дар насри сода ва хоҳ дар насри маснуъ, дар ин давра бояд ҷустуҷӯ кард» [146, 1, 10].

Бояд таъкид намуд, ки осори ирфонӣ бахши муҳими мероси мансури ин давраро фаро гирифта, насри аҳди мазкурро дар таърихи насрнависии форсии тоҷикӣ барозандагии хоса бахшидааст. Маъруфтарин осори ирфонӣ, аз қабили «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Нур-ул-улум»-и Харақонӣ, «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммади Мунаввар, «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, асарҳои Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Шиҳобуддини Суҳравардӣ, Аҳмади Ҷом ва ғ., ки дар шукӯҳмандии насри форсии тоҷикӣ нақши хеле бориз доранд, дар ҳамин аҳд навишта шудаанд.

Аҳмади Ҷом, он гуна ки тавзеҳ ёфт, бо таълифи беш аз даҳ асари насрии арзишманди ирфонӣ дар ташаккули насри ин аҳд саҳми босазо гузоштааст.

Осори насрии Аҳмади Ҷом, бо вуҷуди дар ҷараёни таҳаввули сабки насри давраи мазкур қарор доштан, дар таълифоти сабкшиносии муҳаққиқон ба таҳлилу баррасӣ гирифта нашудааст. Ба занни ғолиб, дар замони таълифи асарҳои бунёдии сабкшиносӣ мушкил будани дастрасӣ ба нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ҷом ва ҳанӯз чоп нагаштани онҳо мӯҷиб гардида, то хусусиятҳои сабкии мероси мансури ин насрнавис аз доираи омӯзиш берун монад. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ қайд менамояд: «Агар устод Маликушшуаро Баҳор ба ҳангоми нигориши китоби беҳамтои «Сабкшиносӣ» осори Аҳмади Ҷомро дар ихтиёр медошт, бегумон, насри ӯро дар радаи барҷастатарин намунаҳои насри содаи форсӣ дар канори насри Байҳақӣ, Низомулмулк, Кайковус ибни Искандар ва «Асрор-ут-тавҳид» қарор медод» [179, 86].

Ба ҳамин сабаб аст, ки осори насрии Аҳмади Ҷом дар кутуби соҳавии сабкшиносӣ ҳамчун манобеи маърифати сабки наср ва шеваи баён мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Он чи дар ин замина ба назар мерасад, кӯшиши донишмандонест, ки дар тасҳеҳу нашр ва омӯзиши таълифоти Аҳмади Ҷом

анҷом ёфтааст. Дар ин маврид, нахуст хидмати устод Алии Фозил бештар қобили таваҷҷуҳ мебошад. Мавсуф дар муқаддимаҳои нашрҳои анҷомдода аз осори Аҳмади Ҷом дар зарфияти муайян ба таҳқиқи масъалаи мавриди баҳс пардохта, дар ин замина чунин фармудааст: «Огоҳии Шайх аз услубҳои гуногуни баён, таркиботи пухтаву устувори оҳангин, истеъмоли вожаҳои сараву дастнозада ва асили хуросонӣ, ба кор набурдани луғоти ғариб ва маҳорати эъҷобовари вай дар порсӣ гардонидани алфозу иборoти арабӣ ба осори ӯ равонӣ ва бепироягии хоса бахшидааст» [44, 20].

Дигар, устод Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар муқаддимаи китоби «Дарвеши ситеҳанда» (аз мероси ирфонии Шайхи Ҷом) бо баррасии кӯтоҳе сабки осори насрии Аҳмади Ҷомро ба таҳқиқ кашидааст. Ба таъкиди ӯ: «Ҳатто, ҷавониби хитобӣ ва отифии насри ӯ сабаб мешавад, ки насраш аз насри Ғаззолӣ ҳам зеботар ҷилва кунад» [179, 85].

То имрӯз чанд нафар аз пажуҳишгарони эронӣ, аз қабили Ядуллоҳ Баҳмании Мутлақ, Муҳаммади Худододӣ, Ҳасан Насирии Ҷомӣ, Сайид Муҳаммади Устувор, Маҳдии Зарқонӣ, Ғуломризо Баҳромпур, Муҳаммадризо Қурбони Саббоғ ва чанде дигар доир ба таҳлили сохтори забонии насри ирфонии Аҳмади Ҷом мақолаҳои алоҳида навишта, дар онҳо сабки забони осори ӯро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Муаллифон дар мақолаҳои худ асосан ду асари нависанда «Анис-ут-тоибин» ва «Кунуз-ул-ҳикмат» (аввалин ва охирин асари Аҳмади Ҷом – М.М.)-ро ба таҳлилу баррасӣ гирифтаанд. Китобҳои дигари Аҳмади Ҷом, ба монанди «Равзат-ул-музнибин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Сироҷ-ус-соирин», «Рисолаи Самарқандия» ва чанд номаҳои хаттии бозмондаи ӯ аз омӯзиш берун мондааст.

Ин ҷо мекӯшем, то умдатарин мухтассоти сабки мероси мансури Аҳмади Ҷомро дар мабҳасҳои хоса баррасӣ намоем.

1. Равониву содагии калом. Боризтарин вежагии сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом ин содагии калом мебошад, ки бо забони гуфтории он рӯзгор

хеле наздик ба қалам омадааст. Ин вежагӣ аз хусусиятҳои намоёни насри мурсал маҳсуб мегардад. Хусусияти мазкур дар осори насри Аҳмади Ҷом комилан мушоҳидашаванда аст. Ба нуманаҳои зер таваҷҷуҳ менамоем:

«Анис-ут-тоибин»: «Агар даст фаро хок кунад, зар гардад ва ба дари марг башорат ёвад ва дар гӯр равза ёвад ва дар қиёмат сафедрӯй бархезаду бар сирот ҷавозаш диҳанд ва бо вай ҳисоб ба лутф кунанду дар биҳишт дараҷаи аъло ёвад» [40, 49].

«Равзат-ул-музнибин»: «Ҳамчунон ки дар рӯз чароғ ба кор наёяд ва ранҷи чароғ набояд кашид, орифро дар партави нури маърифат ба ҳеҷ далелу роҳбаре ҳоҷат набошад дар Худой шинохтан» [47, 35].

«Сироҷ-ус-соирин»: «Беҳтарини корҳо дар миёни халқ илм асту осоиши мардумон, бадтарини корҳо ҷаҳл асту озори мусалмонон ва дурӯғ гуфтану дин ба дунё фурӯхтан» [50, 45].

«Мифтоҳ-ун-наҷот»: «Ҳар кореро асле аст ва аслу бунёди ин кор бо чаҳор чиз гардад: Аввал, амал кӯтоҳ кардан; дигар, ба ваъдаи Худой эмин будан; се дигар, қисмати қассом рост дидан; чаҳорум, шикамро аз ҳаром боздоштан» [45, 110].

«Кунуз-ул-ҳикмат»: «Чун он рӯз, ки малоикаро ба суҷуди Одам (а) фармуданд, малоика эъзози ӯ бididанд ва ба Иблис нафрин карданд ва ӯ малъуни ду ҷаҳон шуд ва Одамро ба равиши муқаррабон ба биҳишт расониданд» [44, 98].

«Рисолаи Самарқандия»: «Иблисро он ҳол ки афтод, донӣ, ки аз куҷо афтод? Аз он афтод, ки такаббур кард ва худпиндошт кард, муаззами даргоҳ буд, то лоҷарам захмхӯрда гашт, ки ҳаргиз он захми ӯ беҳ нашавад» [25, 334].

2. Такрор. Аҳмади Ҷом аз корбурди мухталифи такрори аркони ҷумла, махсусан феъл ба гунаҳои мухталиф истифода намудааст. Чунин хусусият гоҳе насри ӯро дилангез сохтааст.

Такрори феъл яке аз мухтассоти насри давраи сомонӣ аст. Ҳусайн Хатибӣ такрори корбурди феълро «равобити маъмулан ба ҳамон равиши

қадим ба кор рафта» медонад [165, 183]. Дар насри Аҳмади Ҷом низ ин хусусият ба таври васеъ ба кор рафтааст.

Намунаҳо: «Анис-ут-тоибин»: «Чашм чунон нигарад, ки ҳаво хоҳад, гӯш он шунавад, ки ҳаво хоҳад, забон он гӯяд, ки ҳаво хоҳад, ба даст он гирад, ки ҳаво хоҳад, пой чунон равад, ки ҳаво хоҳад ва ба дил он андешад, ки ҳаво хоҳад» [40, 57].

«Мифтоҳ-ун-наҷот»: «Он қавм бошанд, ки ҳисоб ба ин ҷо рост кунанд: Чун гӯянд, ба ҳуҷҷат гӯянд, чун нигаранд, ба ҳуҷҷат нигаранд, чун хӯранд, ба ҳуҷҷат хӯранд, чун раванд, ба ҳуҷҷат раванд» [45, 144].

«Кунуз-ул-ҳикмат»: «Агар нон диҳад, равост, агар гурусна дорад, равост, агар ташна дорад, равост, агар пӯшида дорад, равост, агар урён дорад, равост, агар сармо диҳад, равост, агар гармо диҳад, равост, агар ҷафо гӯяд, равост, агар ато диҳад, равост, агар беморӣ диҳад, равост, агар шифо диҳад, равост ва агар хазлон диҳад, ҳукм ҳукми ӯст» [44, 32].

«Рисолаи Самарқандия»: «Анбиё, ки илми нубувват ёфтанд, аз баҳри хотамии ту ёфтанд, авлиё, ки илми вилоят ёфтанд, аз баҳри хотамии ту ёфтанд, сиддиқон, ки илми садиқат ёфтанд, аз баҳри хотамии ту ёфтанд» [25, 333].

Дар баъзе мавридҳо такрори вожаҳои хос низ хеле назаррас ба чашм мерасад. Мисол: «Гиристани беҳангом, кори беҳангом, сухани беҳангом, ин ҳама аз хандаи беҳангом. Хандаи беҳангом обрӯи мард бирезад» [40, 334].

«Ҳеҷ кас инсофи якдигар бинамедиҳад ва ҳар кас, ки инсоф дар дил накунад, инсоф наёвад. Чун дар дил кардӣ, ки инсоф диҳӣ, инсоф ёвӣ» [44, 131].

3. Корбурди матн ва луғоту таъбироти арабӣ. Раҳёбии луғату таъбирҳои арабӣ ба забони форсӣ ба таври бесобиқа аз асри XI шуруъ мешавад. Дар ин замина, тағйири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Чунин хусусият дар осори мазҳабӣ ва ирфонӣ бештар

падидор аст. Албатта, мавридҳои хосе ба назар мерасад, ки насрнависон дар онҳо аз истифодаи луғоту таъбироти арабӣ ногузир буданд.

Фахриддин Насриддинов умдатарин мавозеъ ва усулҳои истифодаёбии луғоту таъбироти арабиро дар тафосири ин аҳд чунин муайян намуда, ки бо осори насрии Аҳмади Ҷом низ созгор меояд:

«а) корбурди калимаҳои мустаъмали арабӣ;

б) овардани ҷумлаи дуруду саноӣ;

в) истифодаи ҷумлаҳои маъмули арабӣ;

г) нақли ахбору осори тафсирӣ ва ҳикамӣ;

ғ) овардани феълҳое, ки аз калимоти арабӣ ва масдари форсӣ сохта шудаанд;

д) ҳангоми тавзеҳи калимоти қуръонӣ» [102, 329].

Аҳмади Ҷом низ аксар дар чунин мавридҳо калимаву ибороти арабиро истифода намудааст. Дар чунин мавридҳо гоҳе пас аз матлаби арабӣ онро ба форсӣ низ баён кардааст.

Намунаҳо: «Анис-ут-тоибин»: «Бандагони худро ҳама ба тавба муҳтоҷ кард … ва гуфт: «Ва ман лам ятуб фаулоика ҳум-уз-золимун». Ҳар ки на тоиб аст, золим аст» [40, 13].

«Мифтоҳ-ун-наҷот»: «Ва Расул, алайҳиссалом, фармуд: «ан-Носу ъолимун ав мутаъаллимун ва соир-ун-носи ҳамаҷун ло хайра фиҳи» – Гуфт: Мардум олим аст ё мутааллим ва ҳар чи на ин аст, хармагас аст» [45, 111].

«Равзат-ул-музнибин»: «Маълум аст, ки осиро ба тавба фармоянд ва нашояд қавли Худойро, азза ва ҷалла, хилоф кард ва дар он шак кард» [47, 28].

«Кунуз-ул-ҳикмат»: «Аммо марди муъмини орифи муваҳҳиди мухлиси мумаййиз бояд он сирру алоният аз ҳадду ҳудуд… ва ҳалолу ҳаром, ки дар зимни он аст, бидонад» [44, 8].

«Рисолаи Самарқандия»: «Аломати дӯстони Ҳақ, ҷалла ҷалолуҳу, панҷ чиз аст…» [25, 338].

4. Истифодаи калимаҳои куҳан. Осори насрии Аҳмади Ҷом чун мероси мансури дигари он аҳд дар маърифати калимаҳои асили форсии тоҷикӣ ва куҳан аз манбаъҳои пурбор ба ҳисоб меравад. Корбурди чунин калимаҳо асарҳои ӯро арзиши хоса бахшида, дар омӯзиши сабки насри онҳо асноди муҳимро пешорӯи муҳаққиқон мегузорад.

Намунаҳо: *Шукӯҳ доштан* – яъне, гиромӣ доштан, арҷ гузоштан, эҳтиром намудан. «Ва ҳар кӣ мардумонро шукӯҳ дорад» [50, 72]; «Шукӯҳ дор муъминонро, чи хурдро, чи бузургро» [45, 45].

*Афсӯс кардан* – ба маънии истеҳзо кардан ва масхара намудан. «Ту чунин бар ман афсӯс мекунӣ, бо ин ҳама ранҷу банд, ки дар пеш дорӣ» [47, 110]. Ин вожа дар насри он аҳд, бахусус дар он гурӯҳи осор, ки бо мероси мансури Аҳмади Ҷом ҳамсабк ҳастанд, фаровон истифода меёфт. Масалан, дар «Басоири Яминӣ» чунин истифода шуда: «Худойи таоло ҷазои афсӯси эшон бад-эшон расонид» [56, 34-35]. Ё дар «Тоҷ-ут-тароҷим» ин гуна корбурд ёфта: «Ё Хадича, ҳаме афсӯс дорӣ бар ман» [30, 2, 961].

*Хоста* – ба маънии сарват, доройӣ ва мол. «Боре дар ин ҷаҳон саломат ёфт ва зану фарзанд ва молу хостаи вай дар банд омад» [40, 249]. Ин вожаи куҳан дар осори насрии ҳамсабки он давра мустаъмал буд. Аз ҷумла, дар «Тафсири Сурободӣ» чунин омада: «Достони он касон, ки ҳазина кунанд хостаҳои эшонро дар роҳи Худой» [52, 1, 230].

*Пиндошт* – яъне, занну гумон. «Дар ин пиндошт мунқатеъ шуданд» [40, 82]; «Осиро аз гуноҳ тавба бояд кард ва мутеъро аз тоат дидан ва қурроъро аз пиндошт ва олимро аз ҳасад…» [45, 104]. Шоистаи таъкид аст, ки дар «Кунуз-ул-ҳикмат» ин вожа бисёр истифода гардидааст [*барои тафсил ниг.:* 44, 58, 82, 91, 133].

5. Корбурди калимоти лаҳҷавӣ. Дар осори насрии Аҳмади Ҷом корбурди калимоти лаҳҷавӣ, бахусус шеваи гуфтори мардуми онзамони Хуросон, бисёр ба назар мерасад.

Намунаҳо: «Ошноб» дар ивази «ошно», «шино». «Батбачаро ошноб набояд омӯхт, ки ӯ ошноб кардан аз шиками модар берун овардааст» [40, 287].

«Шувон» ба ҷои «шубон». Чунончи: «Уламои орифи оқил чун шувон аст ва уламои томеу муқаллид чун гургу дузд … ҳар зиён, ки афтад, ғаромат бар шувон бошад» [47, 196].

«Агар» ба ҷои «ё»: «Ҳар касе, ки гусфанде чанд, агар шутуре чанд, агар аспе чанд, агар море чанд…» [47, 149].

«Фо зин» дар ивази «бо ин»: «Аммо фо зин кор ва фо зин сухан кас бинад, ки Худой, азза ва ҷалла, ӯро ин ато дода буд» [40, 155].

6. Усули хоси навиштани ададҳо. Яке аз хусусиятҳои сабки осори Аҳмади Ҷом дар навишти ададҳо падидор аст. Дар ин замина, ба ҷои дувум, «дигар» ё «ду дигар» ва ба ҷои севум, «се дигар»-ро истифода намудан бештар қобили таваҷҷуҳ ҳаст.

Намунаҳо: «Ду дигар, ба якто нон бовар доштан ва ба ваъдаи ӯ эмин будан; се дигар,  худро бад-ӯ таслим кардан ва аз худ дифоъ кардан» [40, 312].

«Акнун ин кимиёҳои динӣ бидон, ки чист: Аввал, кимиёи ҳидояту маърифат аст, ду дигар, кимиёи ихлосу сафоват аст, се дигар, кимиёи ақлу илму ҳуҷҷат аст, чаҳорум, кимиёи тақвову заҳодат аст» [47, 114].

«Аввал, амал кӯтоҳ кардан; дигар, ба ваъдаи Худой эмин будан; се дигар, қисмати қассом рост дидан» [45, 110].

«Ду дигар он ки ӯро дар дунё зоҳид гардонад; се дигар он ки ӯро басир гардонад ба айби дунё» [44, 34].

7. Ҷамъбандии калимаҳои ҷамъи арабӣ. Аҳмади Ҷом дар мавридҳое калимаҳои ҷамъи арабиро ба шакли форсӣ ҷамъбандӣ намудааст.

Намунаҳо: «Бингаред, то чанд оётҳо ва далеҳост дар осмонҳо…» [40, 278].

«Роҳи сиддиқону абдолону зоҳидон ба ҳақиқат на ин аст, ки қавме мегӯянду медонанд ва мепиндоранд» [44, 171].

«Султони оламро дар ҳама ҷаҳон кутубҳои некӯ бошад» [47, 5].

«Мис ва ҷавоҳирҳои ҳаргуна ва обҳои ҳартаъм ва хокҳои ҳарранг» [45, 67].

«Аз ахбори Расул (с) дастовезҳо барсохтанд ва фазоилҳо ба доми ин беилмони беҳиммат пошиданд» [44, 10].

Чунонки мушоҳида мешавад, ҷамъбандии калимаҳои ҷамъи арабӣ, ба мисли «оётҳо», «кутубҳо», «ҷавоҳирҳо», «фазоилҳо» ва ғ. низ дар насри Аҳмади Ҷом истифодаи хоса дорад.

8. Вожагузинӣ дар баробари калимоти арабӣ. Яке аз хусусиятҳои намоёни сабки насри Аҳмади Ҷомӣ овардани вожаҳои ноби форсии тоҷикӣ дар баробари калимаҳои арабист. Чунин мавридҳо намоёнгари тавонмандии забони форсии тоҷикӣ ва ғановатмандии насри ин донишманд аст.

Намунаҳо: «Заманту лаҳу ал-ҷанната» – Ман пойбандони ваям ба биҳишт» [50, 74]. Ин ҷо калимаи «заманту» (зомин шудам, замонат додам) ба «пойбандон» тарҷума гардида, ки комилан форсии тоҷикист ва маъниро низ бо як лафз адо намудааст.

Дар мисоли зер калимаи «солиҳин» бо баробарии зебои «басомонон» тарҷума гардида: «Зикр-ус-солиҳин каффоратун ли-з-зунуб» – Ёдкарди басомонон каффорати гуноҳон аст» [50, 73].

Дар шоҳиди дигар дар баробари калимаи арабии «равосӣ», ки ба маънии лангар, муҳкам, собит ва устувор аст, вожаи «беховар» гузиниш ёфтааст. Чунончи: «ҷибол-ур-равосӣ» – куҳҳои беховар» [47, 118].

9. Корбурди оёт ва аҳодис. Аҳмади Ҷом дар мероси мансури худ аз оёт ва аҳодис ҳамчун сарчашмаҳои фикрӣ ва далелҳои назарӣ истифода намудааст. Ӯ гоҳе бидуни иқтибоси шакли арабии онҳо, тарҷумаи форсии тоҷикии онҳоро овардааст.

Намунаҳо: «Анис-ут-тоибин»: «Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ, мо аз кор мепурсем ва ту аз илм ҷавоб медиҳӣ. Гуфт: Зеро ки кори беилм ҳеҷ қимат надорад» [40, 74].

«Мифтоҳ-ун-наҷот»: «Чун гуфтам, ки ҳар ки ин китоб бархонаду бад-ин интифоъ гирад, аз ҷумлаи мутааллимон ва талабаи илм гардад, зеро ки Расул (с) чунин мефармояд: «Ло хайра фӣ ман кона мин умматӣ лайса биъолимин ва ло мутаъаллимин (Яъне: Ҳар кӣ аз уммати ман, ки олим ё мутааллим  набошад, дар ӯ хайре нест – М.М.)» [45, 69].

«Равзат-ул-музнибин»: «Худой, азза ва ҷалла, мегӯяд: Аз раҳмати ман навмед мабошед, ки ҳар кӣ аз раҳмати ман навмед бошад, аз зиёнкорон ва бегонагон бошад» [47, 39-40]. Ин ҷо мазмуни ояти 87-уми сураи Юсуф омадааст, ки муаллиф матни арабии оятро зикр накарда, мустақиман ба тарҷума пардохтааст. Боз метавон аз сураи Зумар ояти 53-юм ва дигар сураҳо ном бурд, ки ҳамин мазмунро ифода мекунанд.

«Кунуз-ул-ҳикмат»: «Акнун ба сари ин сухан ва ба сари фасли аввал шавем, ки сухан дароз мешавад, ки мегӯяд: «Фаалҳамаҳо фуҷураҳо ва тақвоҳо…» (Яъне: Сипас шинохти гуноҳи ӯву парҳезгории ӯро дар дилаш андохт – М.М.) [44, 12].

10. Шеваи баёни хитобӣ ва воизона. Яке аз хусусиятҳои сабки насри Аҳмади Ҷом шеваи баёни хитобӣ ва воизона аст. Аз он ҷиҳат, ки пораҳое аз осори насрии Аҳмади Ҷом дар маҷлис дар ҳузури мухотабон гуфта шудааст, каломи ӯ ҷанбаи хитобӣ гирифтааст. Аҳмади Ҷом дар осори хеш бо хитобҳои «Эй дӯстон ва азизони мо» [40, 155; 44, 3, 11; 47, 176], «Эй дӯстон ва бародарони мо» [40, 207; 44, 160; 45, 136; 47, 152], «Бидонед, бародарони мо» [47, 80], «Эй ёрони ман» [44, 155; 45, 136], «Фарзандони ман» [45, 166], «Эй дӯстон ва бародарон» [45, 157], «Эй бародарон ва азизони мо, гӯш фаро кори худ доред, ки намедонед, ки мо дар чӣ рӯзгоре гирифтор омадаем» [44, 120] ва ғ. мухотабонро мавриди ваъзу хитоб қарор медиҳад.

Намунаҳо: «Эй дӯстон ва бародарони ман! Қарини бад падруд кунед» [40, 155]; «Акнун, бародарони мо, бидонед ва хирад кор бандед ва ин суханро самоъ кунед» [44, 64]; «Макунед эй бародарон! Гуш ба аҳволи хеш доред» [45, 107]; «Эй дӯстон ва бародарон! Ҳар киро Худой, азза ва ҷалла, бад-ин ва монанди ин мубтало накардааст, Худойро, азза ва ҷалла шукр кунад» [47, 152].

11. Ҳикояпардозиҳо. Аҳмади Ҷом ҷиҳати афзунии ширинии калом ва таъсиргузории он аз ҳикояҳои тамсилӣ ва қиссаҳои ҷаззоб баҳра бурда, насри худро шевогии хоса бахшидааст. Мисол: «Шутури хаpосӣ бо шутури корвонӣ мунозира кард. Шутури харосӣ гуфт: Худой, азза ва ҷалла, ба ман фазли бисёр кардааст, ки маро бар як ҷой медорад ва шуморо дар такопӯю ранҷ дарафкандааст.

Шутури корвонӣ гуфт: Ҳоли хуши маро баргӯй, то туро чун медоранд, ки ту ин ҳама шукр мекунӣ?! Шутури харосӣ гуфт: Ман дар як рӯз даҳ харос бикунам ва худованди ман маро чашм бозбинад ва дар он харрос мегардонад, то он гаҳ, ки равған аз катон берун ояд. Гуфт: Чанд бор кашӣ? Гуфт: Осиёсанге мекашам ва ҷуволе пуррег. Ин ҳар ду бор кашидани ман бошад. Гуфт: Чӣ хӯрӣ? Гуфт: Кунҷора, коҳ ва пундона! Шутури корвониро ханда омад, гуфт: Эй бечора, ки хабар надорӣ аз он тамошоҳои мо, саҳроҳои пургиёҳ ва марғзорҳои хуш. Ҳар рӯз ҷои дигару шаҳрҳои дигар дидану тамошо кардан ва бар муроди хештан рафтану хӯрдан ва ошомидан» [47, 148-149]. Ҳамчунин, барои ҳикоёти дигар ниг. «Мифтоҳ-ун-наҷот» [147-154, 159], «Кунуз-ул-ҳикмат» [103-104, 111, 143] ва ғ.

12. Корбурди санъатҳои бадеӣ. Аҳмади Ҷом дар осори худ аз санъатҳои бадеии саҷъ, ҷинос, ташбеҳ, истиораву киноя ва ирсоли масал фаровон истифода намудааст.

*Саҷъ.* Санъати саҷъ аз маъмултарин санъатҳои лафзии бадеъ аст. «Саҷъ он аст, ки калимоти охири қаринаҳо дар вазн ё дар ҳарфи равӣ ё ҳар ду мувофиқ бошанд» [169, 39]. Дар насри Аҳмади Ҷом ҳамаи анвои саҷъ – саҷъи

мутарраф, саҷъи мутавозӣ ва саҷъи мутавозин мавриди истифода қарор гирифтааст.

Намунаҳо: Саҷъи мутарраф: «Тавонои баркамол, подшоҳи безавол, қуддуси беайбу бемисол…» [47, 20].

Саҷъи мутавозӣ: «Пас, нидо омад, ки ё Муҳамммад! Берун ой ба қудрати мо ва биист ба ҳазрати мо ... Берун омад ба ҳурмат, биистод ба хидмат дар мақоми ҳайбат ва хӯ гирифт аз ҳашмати ҳазрати ҷаллат» [44, 109].

Саҷъи мутавозин: «Агар ҳафт осмони борифъат ва курсии бовусъат ва арши боазамат дар пеши нури маърифат ояд» [44, 95].

*Ҷинос.* «Ҷинос» яке аз муҳимтарин санъатҳои лафзии бадеъ аст ва каломро дилнишинии хоса мебахшад. Ин санъат дар насри Аҳмади Ҷом зиёд истифода мешавад.

Намунаҳо: «Ҳаргиз мапиндор, ки муҳаббат бе меҳнат бошад. Ҳар куҷо ки муҳаббат меравад, меҳнат бо вай ба ҳам меравад... Ба ҳақиқат, муҳаббат, меҳнат ва муханнас ҳар се дар сурат яке ҳастанд. Агар дар муҳаббат аз меҳнат битарсӣ, дар роҳ ба ҷуз муханнас набошӣ» (اگر در محبت از محنت بترسی در راه به جز مخنث نباشی) [40, 325];

«Аммо ғараз аз навиштани ин китоб на он будааст, то фазле намуда шавад ва ё фасле гуфта ояд» (...تا فضلی نموده شود و یا فصلی گفته آید) [47, 6].

«Дар сунъи сонеъ ва дар малакути мулк ва дар мулки молик наззорае бикун» (در صنع صانع و در ملکوت ملک و در ملک مالک نظاره ای بکن) [44, 8].

*Ташбеҳ*. Санъати «ташбеҳ» низ дар насри Аҳмади Ҷом истифодаи хоса дорад.

Намунаҳо: «Аммо нури фақр, мурғи ғариб аст ва бо ҳар касе ором нагирад» [44, 108]. Ин ҷо муаллиф «нури фақр»-ро ба «мурғи ғариб» ташбеҳ намудааст.

«Марди зоҳирбин, ҳамчу марди нодон ва рустоӣ бошад» [47, 87]. Нависанда ин ҷо «марди зоҳирбин»-ро бо «марди нодон ва рустоӣ» ташбеҳ намудааст.

«Азм дар истиқомати тоат ҳамчун кимиёст, ки бар мис афкананд, ҳама зари холис гардад» [45, 133]. Ин ҷо «азм дар истиқомати тоат» ба «кимиё» ташбеҳ шудааст.

«Ҳар кӣ илми сир надонад, бар ӯ ва бар имони ӯ бибояд гирист. Ин имон ва ин илми сир ҳамчун гӯсфанд бошад... » [44, 133]. Дар ин ҷо «имон» ва «илми сир» ба «гӯсфанд» монанд карда шудааст.

*Кинoя.* Сируси Шамисо чунин қайд менамояд, ки: «Киноя дар асл байни ду нафар ё ду гурӯҳ ба вуҷуд меояд ва андак-андак дар миёни гурӯҳҳои дигари ҷомеа ривоҷ меёбад…. Аз он ҷо, ки киноя низ расидан аз як сатҳ ба сатҳи дигар аст ва иртиботе байни ду сӯй – ҳозир ва ғоиб эҷод мекунад, ҷанбаи адабӣ ва ҳунарӣ пайдо мекунад» [178, 277].

Аҳмади Ҷом дар мероси мансури худ аз ин санъат васеъ истифода бурдааст.

Намунаҳо: «Гуфтаанд, ки мунофиқ ҳар вақт ки хоҳад, бигиряд, аммо мухлисро, ки буни мижа тар гардад, оташ дар малакут занад» [47, 37].

«Эй дӯстони мо, бингаред бад-ин рӯзе чанд, ки дар дунё мебошед, бад-ин сабзаи ӯ ғарра машавед, ки ӯ чун ману ту бисёр ба бод додааст ва хоҳад дод» [44, 181].

«Чун ман ҳар чи мегӯям, аз қавли Худой ва Расул мегӯям ва бо илҳоми Ҳақ мегӯям. Чун касе онро мункир бошад ва фаро доварӣ ояд, ҷуз аз он набошад, ки имони хеш ба бод диҳад» [44, 2].

*Ирсоли масал.* Аҳмади Ҷом, илова бар истифодаи дигар санъатҳои бадеӣ, дар корбурди ирсоли масал низ аҳамияти хоса зоҳир намудааст. Ӯ дар осораш ин санъати бадеиро хеле васеъ мавриди корбурд қарор додааст.

Намунаҳо: «Чунон ки дар масал гӯянд: Хирмансӯхта, сӯхта хоҳад хирман» [40, 53, 152].

Масали мазкур дар он аҳд роиҷ будааст [ниг. 102, 362-363]. Ин масал дар «Амсол ва ҳикам»-и Деҳхудо ба гунаи «Сӯхтахирман ҳамаро сӯхтахирман хоҳад» омадааст [129, 2, 995].

«Шогирд аз устод ҳамон омӯзад, ки бинад. Гуфтаанд, ки: «Гурбабача бонг аз модар омӯзад» [40, 130].

Дар китобҳои амсолу ҳикам ин масал пайдо нагардид. Яке аз хусусиятҳои мероси насрии Аҳмади Ҷом дар он аст, ки баъзе гӯишҳо ва зарбулмасалҳои нодиреро овардааст, ки дар замони зиндагии нависанда мавриди истифода будаанд.

«Некӯии ӯ бар асли поки ӯ гувоҳӣ медиҳад ва мардумон дар масал чунин мегӯянд: «Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст» [40, 525]. Зарбулмасали болоӣ яке аз масалҳои маъруф аст, ки дар осори суханварон бисёр мавриди истифода қарор гирифтааст [129, 1, 127, 142 ва 3, 1226].

«Ман лам язуқ лам ядри – Ҳар кӣ начашид, надонад. Чизҳост ҳам дар хабар ва ҳам дар Қуръон, ки Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло, дар он таъбияҳо кардааст. Агар мо дарандешему аз Худой тавфиқ хоҳем, Худой он бар мо бозкушояд» [47, 19]. Ин масал дар назми ирфонӣ низ истифодаи фаровон дорад. Мавлавӣ ин масалро чунин истифода намуда:

Лек чун «Ман лам язуқ лам ядри» буд,
Ақлу тахйилоти ӯ ҳайрат фузуд [3, 811].

«Касе коре мекунад ва чун ӯро тимори он кор гирифта бошад, ба ҳама ҳолҳо ба неку бади он менигараду меҷӯяд. Ҳеҷ коре нест, ки дар он баду нек нест. Мардумон дар масал чунин гӯянд: «Некаш набувад, ҳар кӣ ба бад хурсанд аст» [47, 81]. Ин масал аз китобҳои амсолу ҳикам пайдо нагардид. Зоҳиран, ин масал дар рӯзгори муаллиф иштиҳор доштааст.

«Алқисса, қарини нек мардро аз даракот ба дараҷот расонад ва қарини бад аз дараҷот ба даракот расонад… Ағлаби мардумони Худойро рангу бӯе бошад, ки ҳар ки он бӯю ранг бишнавад ва бибинад ҳам, аз он нагардад.

Аммо чунон набояд, ки бар пиндошт ин кор кунад, ки он гаҳ чунон гардад, ки дар масал гӯянд: «Хар шуд, ки ду шох оварду бениҳод ду гӯш» [45, 188].

Аз баррасиҳое, ки дар мавриди хусусиятҳои намоёни сабки мероси мансури Аҳмади Ҷом сурат гирифт, чунин натиҷаҳо ба даст меояд:

а) Насри Аҳмади Ҷом аз ҷиҳати сабк баёнгари сабки насри хуросониву байнобайн буда, дар он муҳимтарин вежагиҳои сабки осори насрии XI-XII инъикос ёфтааст;

б) Дар мероси мансури Аҳмади Ҷом санъатҳои бадеии саҷъ, ҷинос, киноя, ташбеҳ ва ирсолу масал васеъ истифода шудааст;

в) Осори насрии Аҳмади Ҷом аз нигоҳи куллӣ, фарогири хусусиятҳои муҳими сабки насри асри XI буда, дар онҳо гӯишҳои маҳаллӣ ва истифодаи калимаҳои лаҳҷавӣ низ бисёр мушоҳида мешавад;

г) Корбурди калимаву ибороти арабӣ мувофиқи меъёри забонии он аҳд ва тақозои мавзуъ сурат гирифтааст. Муаллиф кӯшида, то дар баъзе мавридҳо бидуни овардани асли арабии матлаб, тарҷумаи онро пешниҳод намояд.

## III.2. Истифодаи ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом

Шеър ва каломи мавзун дар назди сӯфия аз эътибори хоса бархурдор будааст. Сӯфиён дар маҷолису маҳофили худ завқиёту таҷаллиёти ботинии худро бо шеър баён медоштанд, бо шеър изҳори ваҷду самоъ мекарданд ва шеърро мувофиқтарин қолаб дар ифодаи асрори ишқу бехудӣ меҳисобиданд. Теъдоде аз сӯфиён худ шоир низ буданд ва бар назми арабу аҷам тасаллути комил доштанд. Дар ин замина, дар зикри аҳволу савонеҳи сӯфиён ва таълифоти ин тоифа асноди зиёд матраҳ аст. Худ нигоҳе ба аҳволу осори бузургони сӯфия, ба монанди Абӯсаиди Абулхайр, Абулқосими Қушайрӣ, Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Аҳмади Ғаззолӣ ва ғ. кофист, то ҷойгоҳи хосаи шеър дар назди ин тоифа маърифат гардад.

Чунин хусусият дар андешаву афкори Аҳмади Ҷом низ хеле возеҳ падидор буда, осори ӯро ҳамчун сарчашмаи пурбори ашъори сӯфиёна мешиносанд.

Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ аз шеър дар борварии андеша, таъйиди назар, таъкиди матлаб, таъсиру тазйини бештари калом ва дигар мавридҳо баҳра бурдааст. Дар осори насрии Аҳмади Ҷом ашъор мувофиқи мавзуъ истифода ёфтааст. Гоҳе як мисраъ ва гоҳе чандин байт оварда шудаанд. Ашъор бештар таҳти унвонҳои «мисраъ», «байт», «рубоӣ», «ғазал», «абёт» ва ғ. мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аҳмади Ҷом дар «Анис-ут-тоибин» аз анвои шеърии гуногун, ба мисли рубоӣ (3 маврид), ғазал (1 маврид), қитъа (2 маврид), байти арабӣ (7 маврид), фардбайт (26 маврид) ва ғ. истифода намудааст. Дар «Равзат-ул-музнибин» бошад, аз ғазал (4 маврид), рубоӣ (5 маврид) ва байт (9 маврид) баҳра ҷустааст. Дар «Мифтоҳ-ун-наҷот» ба ду мисраъ ва ду байт тамассул варзидааст. Ашъореро, ки Аҳмади Ҷом дар матни «Кунуз-ул-ҳикмат» ба кор бурдааст, аз ғазал (2 маврид), рубоӣ (6 маврид), фардбайт (10 маврид), байти арабӣ (1 маврид) ва мисраъ (2 маврид) иборат мебошанд. «Биҳор-ул-ҳақиқат» низ шомили ашъоре, чун қитъа (2 маврид), ғазал (2 марид), рубоӣ (10 маврид) ва фардбайт (1 маврид) мебошад. Аҳмади Ҷом дар «Сироҷ-ус-соирин»-и худ аз ғазал (1 маврид), рубоӣ (10 маврид) ва байт (7 маврид) истифода намудааст. Дар матни боқимондаи «Рисолаи Самарқандия»-и ӯ низ истифодаи рубоӣ (2 маврид), байт (1 маврид) ва мисраъро (1 маврид) мушоҳида мекунем.

Метавон хусусиятҳои корбурди ашъорро дар осори насрии Аҳмади Ҷом дар бахшҳои умдаи зерин ба баррасӣ кашид:

*1. Истифодаи ашъори шуарои пешин.* Дар осори насрии Аҳмади Ҷом ашъори шоирони ҳамаср ва пешин борҳо истифода гардидааст. Дар шуморе аз онҳо муаллиф гӯяндаашро ёд намудааст, аммо соҳиби теъдоде аз онҳо равшан нест. Аз ин рӯ, истифода аз ашъори шуароро метавон ба ду сурат бозшиносӣ намуд:

*а)Истифода аз ашъоре, ки гӯяндагонаш маълуманд.* Муаллиф ба ашъори Бӯзари Бузҷонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ ва диг.

таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо ҷумлаҳои «шоир байте гӯяд» [47, 158], «чунонки Бӯзари Бузҷонӣ гӯяд» [40, 214], «дарвеше байте баргӯяд» [44, 48], «шоирон гӯянд» [47, 342], «Фирдавсӣ низ яке аз ҳукамои уммати Муҳаммад (с) будааст. Дар «Шоҳнома» дидам, ки ӯ гуфтааст…» [44, 143] ва ғ. ба ашъори онҳо истишҳод намудааст. Ин ҷо ҳамчун намуна чанд шавоҳид меорем:

Намуна:

«Чунонки Бӯзари Бузҷонӣ мегӯяд, байт:

*Бар дари марг божвононанд,*
*Боздоранд бо ҷавоз басе [47, 173; 139, 151].*

Осори насрии Аҳмади Ҷом сарчашмаи асосии ашъори боқимондаи Бӯзари Бузҷонӣ ба шумор меравад. Дар байни мероси мансури Аҳмади Ҷом чанд намунаи ашъори Бӯзари Бузҷониро пайдо карда метавонем, ки дар дигар манобеъ ба назар намерасанд.

«Агар маъюб будем ҳам, ту медидӣ ва бад-ин айб моро бихаридӣ, дар карам насазад, ки боздиҳӣ. Бӯзари Бузҷонирост:

Байт:

*Ту ба илми азал маро дидӣ,*
*Дидӣ, он гаҳ ба айб бихридӣ.*
*Ту ба илм ону ман ба айб ҳамон,*
*Во мазан он чӣ худ писандидӣ» [47, 143-144; 139, 151].*

Ҳамон гуна ки мушоҳида мешавад, муаллиф сароҳатан аз номи шоир ёд мекунад.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс»-и хеш ба шарҳи ҳоли Бӯзари Бузҷонӣ пардохта, аз мероси адабии ӯ як байти арабӣ ва як рубоии форсӣ меоварад, ки ҳардуи онҳоро мо дар осори насрии Аҳмади Ҷом дида метавонем. Аз ҷумла, мисраи охирони рубоии дар боло оварда шуда, дар «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ба шакли *«Рад макун, он чӣ худ писандидӣ»* омадааст. Дар нусхаи хаттии асари болозикри Аҳмади Ҷом, ки таҳти шумораи 7628 дар китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ нигаҳдорӣ

мешавад ва дастнависи соли 856 ҳ. (1452 м.) мебошад, мисраъ тарзе омада, ки дар матни асар омадааст [47, 143-144; 48, 47б].

Аҳмади Ҷом, ҳатто, ғазале аз Бӯзари Бузҷониро чунин иқтибос овардааст:

«Шайх Бӯзари Бузҷониро байте аст, бо ин сухан сахт лоиқ аст:

*Байт:*

*Мо бор Худои босазоем*
*В-андар ду ҷаҳон яке Худоем.*
*Мо нуру сурури орифонем,*
*Мо чашму чароғи авлиёем.*
*Намруд ба гоҳи Пури Озар,*
*Гуфто, ки: «Худои халқ моем».*
*Бечоратарини халқ ӯ буд,*
*Бечора бимурду мо ба ҷоем.*
*Бас дасти муборизони корӣ,*
*Мо банд зи ҳам фурӯ гушоем.*
*Бас бевазанон, ки бева кардем,*
*Бас шоҳ, ки дар лаҳад ниҳодем.*
*Касро нарасад чарой бар мо,*
*Ҷуз он набувад, ки мо ниҳодем [44, 27-28; 139, 151].*

Мудаввини китоби «Шарҳи аҳвол ва ашъори шоирони бедевон» ҳангоми шарҳи ҳол ва мероси Бӯзари Бузҷонӣ чунин баён дошта: «Аз ашъори ӯ, ки ранги сӯфиёна дорад, 13 байт боқӣ аст, ки батамом дар осори Шайх Аҳмади Ҷоми Жандапил – шоиру нависанда ва сӯфии маъруфи авоили қарни шашум ҳифз шудааст» [139, 150].

Аҳмади Ҷом дар «Кунуз-ул-ҳикмат»-и хеш аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чунин ёдоварӣ мекунад:

«Фирдавсӣ низ яке аз ҳукамои уммати Муҳаммад (с) будааст, дар «Шоҳнома» дидам, ки ӯ гуфтааст ва маро аз ин сухан сахт хуш омадааст:

*Ҷаҳонро чӣ созӣ, ки худ сохта-ст,*
*Ҷаҳондор аз ин кор пардохта-ст.*

Дар идома меоварад: «Сухани бузургон агарчи дар кӯи даъво лоф набошад, ҳама пурмаънӣ бувад» [44, 143]. Байти болоӣ дар қиссаи «Пурсидани Суҳроб номи сардорони Эрон аз Ҳаҷир» омадааст [6, 278].

Табъи ҷустуҷӯгари Аҳмади Ҷом сабаб гардида, то дар шинохти маърифат ба осори назмии суханварони ориф рӯй оварад ва аз онҳо суд ҷӯяд. Аз ҷумла, аз шеъри Ҳаким Саноӣ, ки меоварад: «Саноӣ низ байте гӯяд, бадин ҷой лоиқ аст:

*Даргаҳи халқ ҳама зарқу фиреб асту ҳавас,*
*Кор даргоҳи Худованди ҷаҳон дораду бас» [44, 147; 62, 307].*

*б)Истифодаи ашъоре, ки гӯяндагонаш муайян нест.* Таваҷҷуҳ ба ашъоре, ки аз шоирони пешин дар осори насрии Аҳмади Ҷом корбурд ёфтаанд, нишон медиҳад, ки муаллиф ба гӯяндагони баъзе аз онҳо ишорае накардааст. Бо ҷустуҷӯ дар давовини шуаро ва манобеи ирфонии куҳан низ шинохти гӯяндагонаш мушкил аст. Ин хусусияти истифода аз ашъор дар он аҳд маъмул буд. Ӯ дар ин гуна мавридҳо маъмулан қабл аз тамассул ба шеър калимоте чун «байт», «шоире гӯяд», «ҳакиме мегӯяд» ва ғ.-ро сабт менамояд. Намуна: «Дар роҳи Миср басо касон буданд, ки он боду он бӯй бар эшон гузар мекард, аммо чун ишқи яъқубӣ набуд, аз бӯй ҳеҷ насиб наёфтанд. Агар Яъқуб бошӣ, бӯйи Юсуф шунавӣ, вагарна ҳама гуфтугӯй аст. Чун бӯй ба вай расид, худ чашми нобино бино гардид.

Байт:

*Эй ошиқи сарсарӣ, такаллуф чӣ кунӣ?!*
*Бо ишқи такаллуфӣ тасаллуф чӣ кунӣ?!*
*Бозори мураққаи тасаввуф чӣ кунӣ?!*
*Яъқуб наӣ, ҳадиси Юсуф чӣ кунӣ?!» [47,121].*

Ҷои дигар Аҳмади Ҷом дар талаби матлаб сухан карда, фикри худро бо овардани намунае аз ашъори пешиниён тақвият медиҳад.

Мисол:

*«Дурӣ зи ману ҷуфти ғаму теморам,*
*Андӯҳи туро ба ёди ту медорам.*
*Азбаски ба дил васфи туро бингорам,*
*Дар ҳар чӣ назар кунам, ту мепиндорам.*

Иброҳим (а), ки ситора дид, гуфт: «Ҳозо раббӣ». Ҳам аз он буд, ки ҳар чӣ медид, ҳама ҷамоли маъшуқи хеш медид» [40, 147].

Зимни ҷустуҷӯ маълум гардид, ки ду мисраи охир дар тарҷумаи «Авориф-ул-маориф» ба сурати зер омадааст:

*Ин бас, ки ду дида дар ҷамолат дорам,*
*Дар ҳар чӣ назар кунам, туро пиндорам.*

Шабеҳи ин байт ба қалами Садруддини Ашнаҳӣ – муосири Атобак Абӯбакр ибни Саъд ибни Зангӣ (ҳукм. 623 – 658 ҳ./1226 – 1259 м.) низ тааллуқ дорад [60, 10, 31]. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ низ дар ин маъно суруда:

*Дар саҳни замин ба зери нуҳ тоқи фалак,*
*Бар ҳар чӣ назар кунам, туро мебинам [3, 945].*

Зоҳиран, байти болоӣ аз ҷумлаи он сурудаҳост, ки шоирону орифони зиёд аз он баҳра ҷустаанд.

Аҳмади Ҷом дар поёни ҳикояте, ки марбут ба мавзуи озодиву офият аст, барои тақвияти орои хеш чунин меорад: «Ҳар киро бо банди балое биозмоянд…

Ҳакиме низ байте мегӯяд, байт:

*Надонад банда қадри офиятро,*
*Ки то банди балоро н-озмояд» [40, 140].*

Мисоли дигар:

*«Эй кош, ман ин ду дида бардӯхтаме,*

*То кам задаме дидаву кам сӯхтаме.*

Аммо чун мебинем, мешӯрем ва чун мешӯрем, менолем…» [40, 158].

Дар «Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом ба чунин хусусият истифода шудани ашъор корбурди бештар дорад. Дар мисоли зерин ба байте рӯдакивор чунин тамассул ҷустааст:

«Чунонки шоир гӯяд:

*Он хол нигар бар рухи он ёри мано,*

*Ҳар холеро баҳо хироҷи Ямано» [47, 158].*

Намунаи дигар: «Чанд ҷоҳост, ки нахуст шабро ёд кард, он гаҳ рӯзро… Шоир низ байте мегӯяд:

*Ин он масал аст, ки ошиқонро шояд,*

*То шаб набувад, рӯз накӯ нанмояд» [47, 158].*

Мисоли дигар: «Дар ҳикоят аст, ки як бор марди навтоиб дар саҳрое мерафт. Ҷавоне аз сари ҷавонии хеш байте мегуфт. Он марди тоиб худ он байт бисёр гуфта буд, аммо бар рӯйе дигар. Чун бар сари тавба буд, ӯро аз он байт самоъе дигар афтод ва ҳолате бар вай омад. Чунонки ҳар кӣ бо ӯ буданд, ҳамаро вақт хуш шуд.

Чун ӯ боз ҷой омад, ӯро пурсиданд, ки: Моро бигӯй! ... ва он байт ин буд:

*Чун боди сапедадам вазидан гирад,*

*Зоғ аз рухи ёри ман паридан гирад.*

*Ошиқ нашикебаду тапидан гирад,*

*То пардаи рози худ даридан гирад» [47, 159].*

Шоҳиди дигар: «Мардумонро ҳама ғалат дар сар аз чунин чизҳо афтодааст, ки мепиндоранд, ки анбиё ва авлиё на одамианд, таому шароб нахӯранд, дар бозорҳо фаро нараванд, ин аз ҷаҳли эшон аст. Дӯсту душман, сиддиқу зиндиқ, анбиёву фиръавнон ҳама дар саҳрои дунё фаро вомераванд ва ҳама халқ эшонро мебинанд. Ҳамон мехӯранд, ки дигарон мехӯранд ва ҳамон мешунаванд, ки дигарон мешунаванд ва ҳама аз Одаманду аз

Ҳаввоанд. Аммо фазли Худой… кори Ӯст ва давлат давлати Ӯст. Ӯ гӯйи саодати азал ба майдони абад афганд ва гуфтугӯй ба дасти дигарон бимонд! Яке байте мегӯяд:

*Гар ба бода дигарон айб кунандам, ту макун,*

*Бода дар дасти ману бод ба дасти дигарон [44, 149].*

Теъдоде аз ашъори истифодашуда рубоиву таронаҳои маъмулу сайёри сӯфиён ба назар меоянд. Аз ин рӯ, гӯяндагони онҳо ба таври дақиқ собит нест. Аҳмади Ҷом низ онҳоро аз забони дарвешон нақл намудааст. Мисол: «Дарвешон бад-ин сухан байте гӯянд:

Байт:

*То рӯз бувад, кор салим аст, салим,*

*То шаб н-ояд, набошад аз ҳиҷрон бим.*

*Карданд намози шому бастанд дари тим,*

*Шаҳре ба назораву маро дил ба дуним» [44, 48].*

Мавриди дигар чунин менависад: «Ҳар кӣ мехоҳад, ки ӯро имони ҳақиқӣ рӯй намояд, дар ин боб ба эътиқоди дуруст бояд назар кард, то ба ҳақиқат бидонад, ки ин ҳама корҳо на имрӯзина аст. Ин байт, ки дарвешон бигӯянд, лоиқи ин ҳадис аст:

*Кори ҳама дар азал бипардохтаанд,*

*Қадри ҳама кас, ки ҳаст, бишнохтаанд.*

*Имрӯз таваққуфе дарандохтаанд,*

*Фардо ҳама он кунанд, ки дӣ сохтаанд» [44, 143].*

Шоистаи ёдоварист, ки ду мисраи охири шеъри болоӣ дар «Кунуз-ул-ҳикмат»-и Аҳмади Ҷом боз истифода шудааст [44, 227].

*2. Истифодабарӣ аз шеъри худ.* Аҳмади Ҷом дар осори насриаш аз ашъори худ васеъ истифода намудааст. Ашъори Аҳмади Ҷомро, илова бар муқобалаву ҷустуҷӯ дар девони ашъори ӯ, аз рӯи тахаллусаш, ки ба сурати «Аҳмад» ва «Аҳмадӣ» меояд ва ҷумлаҳои қабл аз ашъор, аз қабили «ин байтҳо аз сари ин кӯй гуфта омадааст» [47, 125], «хуш байте чанд аст, ин ҷо

дар ин маънӣ гуфта омад» [47, 125], «ин байтҳо аз сари ин кӯй ва аз сари ин воқеа гуфта шуд» [40, 32-33] ва ғ. низ метавон шинохт. Таваҷҷуҳ бар ин нуктаҳо далолат менамояд, ки мавзуи мазкур дар ду бахш қобили баррасӣ аст.

*а)Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом мавҷуд аст.* Намуна: «Хоби ғафлат нафси ғофилро дар банди худ карда буд, чун аз хоб бедор гардид, чашм боз кард, сазоро басазо диду бишинохт ва зулмат рафту роҳат омад. Ин байтҳо аз сари ин кӯй ва аз сари ин воқеа гуфта шуд.

Абёт:

*Рафт он шаби торику дамид субҳи саодат,*
*Овард яке вард ба ман боди иноят.*
*Бидмид аз он вард яке бӯи висолаш,*
*Афганд дар ин ҷону дилам нори муҳаббат.*
*З-он нори муҳаббат тани ман гашт ба фарёд,*
*К-ин чист кунуну чӣ бад он хоби ба ғафлат.*
*Бархез аз ин хоб, ки ин кор на бозист*
*В-инро натавон ёфт ба тадбиру ба ҳилат.*
*Онро ки ниҳодаст, фиристанд бари ӯ,*
*Аз чоҳ барорандy нишонанд ба мулкат.*
*Ин давлати ориф бувад аз фазли Худованд*
*В-ин хилъат маъруф аст аз кони сафоват.*
*Эй Аҳмадӣ, аз фазли Худованд ҳаменоз,*
*Мангар сӯи дунйиву марав аз сӯи ҷаннат» [40, 32-33; 43, 83].*

Намунаи дигар:

*Кардам гунаҳе зи заллати Одам беш,*
*Дил буд маро аз ин қибал хаставу реш.*
*Дил дод маро ҳабиб, гуфто: «М-андеш,*
*Ту дархури худ куниву мо дархури хеш» [43,454;47,56].*

Аҳмади Ҷом дар «Равзат-ул-музнибин»-и худ аз ашъори хеш бисёр суд ҷустааст.

Мисол:

«Ишқ, ҳамчунин, атои Худой аст ва мурғе ғариб аст. Дар ҳар ҷой ошёна насозад ва бо ҳар касе мақом нагирад, бар ҳар шохе нанишинад ва бо ҳар касе унс нагирад. Ва ин байтҳо аз сари ин кӯй гуфта омадааст:

*Наёяд ошиқӣ андар иборат,*
*Наёрад гуфт ӯро ҳар забоне.*
*Диле хоҳад зи кулли кавн озод,*
*Нарӯяд ишқ андар ҳар маконе.*
*Насозад ошиқӣ бо ҳар ҳарифе,*
*Диле хоҳад салиму пок ҷоне.*
*Даруни бими қатъу бими ҳиҷрон,*
*На хавфу на раҷову на гумоне.*
*Аё Аҳмад, бурун шав аз миёна,*
*Ки ошиқро набояд тарҷумоне [43,388; 47,125].*

Намунаи дигар: «Бидон, ки касеро завқ ба ҷой нест, заввоқон ҳама даст аз таоми лазиз бознатавонанд дошт, ҳамчунони касе, ки мубарсим аст. Хуш байте чанд аст, ин ҷо дар ин маънӣ гуфта омад. Тааммул бояд кард.

Байт:

*Бар ишқ магар гузар надорӣ,*
*З-ӯ бар дилу ҷон асар надорӣ.*
*Аз дарди дилам ҷаҳон ба дарданд,*
*Ту аз дили ман хабар надорӣ.*
*Гар ишқ ба санг рух намояд,*
*Онро ба ҳаҷар дигар надорӣ.*
*Пӯлод аз ӯ чу мум гардад,*
*З-ӯ дар дилу ҷон шарар надорӣ.*
*Аз гуфти шакар чӣ таъм ёбӣ,*

*Чун дар даҳанат шакар надорӣ?!*

*Мо чокари хоки ошиқонем,*

*Ту ҷуз сафаҳу самар надорӣ.*

*Мақсуд зи халқ ошиқонанд,*

*Ту дафтарашон зи бар надорӣ.*

*Моро падар асту модар аз ишқ,*

*Ту ин насаб аз падар надорӣ.*

*Эй Аҳмадӣ, зинда бош аз ишқ,*

*Шояд, ки ту симу зар надорӣ» [43, 386; 47, 127].*

*б) Ашъоре, ки дар девони Аҳмади Ҷом ба назар намерасанд.* Ашъоре, ки дар мероси мансури Аҳмади Ҷом истифода шудааст, барои такмили девони ӯ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро дар мероси мансури ӯ ашъоре маҳфузанд, ки аз назари мураттибони девони ӯ дур мондаанд ё вақти ҷамъоварии девон ин сарчашмаҳоро зери даст надоштаанд. Ба ашъори зерин таваҷҷуҳ менамоем:

*«Онро, ки роҳи ғайби бару бар муяссар аст,*

*Ӯро вуҷуду катму адам дар баробар аст.*

*Дар ҳимматаш наёяд кавнайну оламайн,*

*Он ҷо, ки ваҳмҳо нарасад, з-он фаротар аст.*

*Ҳар-ч одамист, хок чу гардад ба хок боз,*

*Он-ч ӯ на одамист, зи кавнайн бартар аст.*

*Машнав ҳадиси ҳар касу инро ба ҷон шунав,*

*Дунҳимматӣ макун, ки ҳама корро сар аст.*

*Ҷуз з-ин ҳадис, к-он зи азал то абад бувад,*

*Инро абад надиму азал низ модар аст.*

*Дар фаҳми кас наёяд, ҳар к-ӯ на ин бувад,*

*Онро, ки ҳаст маънӣ, чун ҷон фарох(в)ар аст.*

*Онро, ки ҳимматаш ба биҳишт асту ҳури ъийн,*

*Дар вай гумон мабар, ки варо аз ту бовар аст.*

*Роҳе, ки роҳ нест, дар ӯ як қадам дигар,*

*Бар тарфи роҳ низ наҳангони мункар аст.*

*Он кас, ки роҳ рафт, дар ӯ гашт мустақим,*

*Ӯро ҳаёту руҳу дилу ҷони дигар аст.*

*Гар боди ин ҳадис бар Аҳмад вазидааст,*

*Бешак, баландбахту саиду мушаҳҳар аст» [47, 119-120].*

Мисоли дигар: «Эшон ҳеҷ чиз набинанд, магар «Ҳу», дӯст надоранд, магар «Ҳу», лаззат наёбанд, магар аз «Ҳу», илтиҷо накунанд, магар ба «Ҳу», умед надоранд, магар ба «Ҳу», шиква надоранд, магар аз «Ҳу», таваккул накунанд, магар ба «Ҳу», эътисоми эшон набувад, магар ба «Ҳу», мӯниси эшон нест, магар «Ҳу», оромии эшон нест, магар ба ёди «Ҳу». Дар дунё унси эшон ба «Ҳу», дар қиёмат, «Ҳу», дар дараҷот, «Ҳу», агар дар даракот боздоранд ҳам, «Ҳу», ба ҳама вақтҳо, «Ҳу», то нафс доранд, «Ҳу», то рӯҳ доранд, «Ҳу» ва «Ҳу» ва «Ҳу»… Ин ҳадис ҷуз бад-ин берун натавон дод. Шеър:

*«Ҳу» бенишону ҳарф аст, з-ӯ чун баён кунам?!*

*Аз «Ҳу» ба «Ҳу» самоъе, он чун аён кунам?!*

*Ҳар-ч андар ин бигӯям, он ҷуз ҳадис нест,*

*«Ҳу»-ро дил аст маскан, чун бар забон кунам?!*

*Тафсили ин ҳадис ба ҳақ гар кунам баён,*

*Ошӯбҳо бихезад, ҷон андар он кунам.*

*Ҳаргиз кӣ дид роҳати «Ҳу» бе балову ранҷ,*

*То ман бар он тариқ равонро равон кунам?!*

*Фарёд чун кунам, ки ба ҷонаш харидаам,*

*Парҳез чун кунам, ки ба ҷонаш замон кунам?!*

*Корест ин бурун зи хирадҳову илмҳо,*

*Аз ваҳму ақлу илм бар ин раҳ зиён кунам.*

*«Ҳу» нуқтаи муҳаббати «мим» аст, дарнигар,*

*«Ҳу»-ву ҳабиб ҳар ду аниси ҷинон кунам.*

*То сирри ин надонанд номаҳрамони Ҳақ,*

*Бустони ишқу фитнаи халқи ҷаҳон кунам.*

*Гӯянда ин ҳадис нагуфтаст, ҷуз ба ҳақ,*

*Аз «Ҳу» ба «Ҳу» ишорати ҷонро макон кунам.*

*Аҳмад, аз ин ҳадис туро тавбагоҳ буд,*

*Тоиб забон кунам ва дилам тарҷумон кунам [47, 133-134].*

Мисоли дигар: «Ин байт сахт лоиқи ин рӯзгор аст:

*Бо чунин қоида надонам, то куҷо манзил бувад,*

*Андар ин айём манзил ҳеҷ беҳ аз гӯр нест.*

*Роҳи дин аз раҳнамои дин харобу хор гашт,*

*Ҳиммат андар шаръи дин ҷуз табъи мору мӯр нест.*

*Гар касеро фазли ӯ з-ин чоҳи зулмат баркашад,*

*Халқро гӯӣ, ки бо з-ӯ ҷуз ҷидолу шӯр нест.*

*Ҷанги нобино надонӣ чун азиму мункар аст,*

*Ҳар куҷо хоҳад занад, ҳарчанд к-ӯро зӯр нест.*

*З-ин гурӯҳи кӯри нобино нафир, эй мардумон,*

*Инчунин бедоду ҷавр андар ҷиболи Ғӯр нест.*

*Чун тавонӣ ҷаст, Аҳмад, аз миёни ин гурӯҳ,*

*Мар туро аспи саманди сабзу хинги бӯр нест?! [44, 121].*

*3. Корбурди ашъори арабӣ.* Аҳмади Ҷом дар мероси мансури худ борҳо аз ашъори арабӣ баҳра бурдааст. Дар осори насрии ӯ аз шеъри арабии Алӣ ибни Абӯтолиб (рз), Бӯзари Бузҷонӣ ва ғ. истифода шудааст.

Намунаҳо: «Чунонки Шайх Абӯзари Бузҷонӣ гӯяд:

*Яърифуна ман кона мин ҷинсино,*

*Ва соир-ун-носи лано мункируно [40, 102].*

Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дар «Нафаҳот-ул-унс» ин байтро аз номи Бӯзари Бузҷонӣ овардааст [81, 235].

Қайд кардан бамаврид аст, ки Аҳмади Ҷом дар осори мансури худ ашъори арабиро оварда, ба овардани тарҷумаи онҳо низ таваҷҷуҳ намудааст. Тарҷумаҳои манзуми ашъори арабӣ аз фавоиди бештари адабӣ бархурдор

ҳастанд. Ин гуна тарҷумаҳо дар омӯзиши робитаи адабии арабу аҷам асноди муҳим мебошанд.

Намуна: «Ҳар муриде, ки бар пайи ин пир равад, ба ҷуз мурдор наёбад. Пири мурдорҷӯй, муридро мурдорҷӯй кунад. Чунонки ҳакиме гуфтааст:

*Фаман кона-л-ғуробу лаҳу далилун,*

*Фановус-ул-маҷусина лаҳу мақилун.*

***

*Ҳар кӣ бо дунон нишинад, ҳамчу дунон дун шавад.*

*Бо хирадмандон нишин, то мидҳатат афзун шавад» [40, 129-130; 44, 12].*

Дигар ҷо меоварад: «Қола Амирулмуъминин Алӣ (рз):

*«Ланақл-ус-сахрати мин қулали-л-ҷиболи*

*Аҳаббу илайя мин минани-р-риҷоли.*

*Яқул-ун-носу лӣ фи-л-касби ъорун,*

*Фақулту ал-ъору фӣ зулли-с-суоли.*

***

*Ба нохун сангро кандан зи куҳсор,*

*Беҳ аз миннат зи марди носазовор.*

*Маро гӯянд, касби даст ор аст,*

*Маро зулли суол ояд ҳаме ор» [50, 21].*

Шеъри болоӣ, ки Аҳмади Ҷом аз Алӣ (рз) овардааст, инчунин дар «Қут-ул-қулуб»-и Абӯтолиби Маккӣ [35, 456] ва «Илоҳинома»-и Аттори Нишопурӣ [53, 36] истифода шудааст.

Ҳамчунин, Мавлоно Шавқӣ онро дар девони Алӣ ибни Абӯтолиб (рз) [10, 107] интишор додааст.

Ба матни зер таваҷҷуҳ менамоем: «Маҷнун ҳамвора бар сари кӯйи Лайлӣ нишаста будӣ. Гуфтанд: Ё Маҷнун, ҳамвора бар сари ин кӯй чӣ мекунӣ? Гуфт: Зеро ки нахуст як бор Лайлиро ин ҷо дидаам. Шеър:

*Ва мо ҳубб-уд-диёри шағафна қалбӣ,*

*Валокинна ҳуббу ман сакана-д-диёро [44, 104; 47, 386].*

Ин байт дар «ал-Лумаъ фи-т-тасаввуф»-и Абӯнаср Сарроҷи Тусӣ [68, 386], «Шарҳ ат-Таарруф лимазҳаби-т-тасаввуф»-и Исмоил Мустамиллии Бухорӣ [17, 680], «Эҳёу улуми-д-дин»-и Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ [24, 2, 359] ва «Тамҳидот»-и Айнулқуззоти Ҳамадонӣ [75, 139] низ ба назар мерасад.

Баррасии истифодаи ашъор дар осори мансури Аҳмади Ҷомро метавон дар нуктаҳои зерин хулосакашӣ намуд:

а) Дар мероси мансури Аҳмади Ҷом шеър бештар барои таъйиди фикр ва хулосабардорӣ аз калом мавриди истифода қарор гирифтааст;

б) Қисме аз ашъор, ки Аҳмади Ҷом дар мероси мансури худ истифода бурдааст, аз сурудаҳои худи ӯ мебошанд;

в) Дар мероси мансури Аҳмади Ҷом бештар аз анвои шеърии қитъа, ғазал, рубоӣ ва фардбайт баҳрабарӣ сурат гирифтааст;

г) Муаллиф аз ашъори арабӣ низ истифода бурда, дар зери аксари онҳо тарҷумаи манзуми он шеърҳоро овардааст;

ғ) Аз ашъоре, ки дар осори насрии Аҳмади Ҷом истифода шудаанд, метавон дар такмили девони ӯ истифода намуд.

### III.3. Мероси мансури Аҳмади Ҷом ва шарҳи истилоҳоти сӯфия

Дар осори насрии Аҳмади Ҷом истилоҳоти сӯфия пайваста мавриди тавзеҳу баён қарор гирифтаанд. Ӯ андешаҳои худро бо такя бар ишороту румузи аҳли тасаввуф баён доштааст. Дар осори насрии Аҳмади Ҷом суханони орифони номваре, чун Иброҳими Адҳам, Боязиди Бастомӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Ҷунайди Бағдодӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯбакри Каттонӣ, Абӯбакри Шиблӣ, Абӯзари Бузҷонӣ, Хоҷа Имом Асъад ва диг. таҳлилу тавзеҳ гардидаанд.

Бояд таъкид дошт, ки Аҳмади Ҷом таъбироти ирфонӣ ва истилоҳоти сӯфияро бо умқу вусъати хоса таҳлилу тавзеҳ намудааст. Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар мавриди вежагиҳои назару биниши

ирфонии Аҳмади Ҷом гуфта: «Нигоҳи ҷамолшиносона ва ҳунарии ӯ ба илоҳиёти исломӣ вежагиҳое дорад, ки метавон онро мактаби Жандапил дар тасаввуфи исломӣ номид» [179, 38].

Амир Ҳусайни Мадани роҷеъ ба осору афкори ирфонии Аҳмади Ҷом чунин навишта: «Бисёре аз осору андешаҳои ирфонии вай маҳҷур ё дар ҳолае аз ибҳом ва ношинохтагӣ боқӣ мондааст» [136, 124].

Аз ин нигоҳ таҳқиқ намудани осори насрии ӯ метавонад дар такмили фарҳангҳои таъбирот ва истилоҳоти ирфонӣ хидмати шоистаро анҷом диҳад. Ин ҷо бо овардани намунаҳо ба таҳлили мавзуъ мепардозем.

***Абдол.*** Муаллифи «Нафаҳот-ул-унс» дар тавзеҳи «абдол» навишта: «Заминро ҳафт иқлим аст ва ҳар як аз он ҳафт иқлимро як тан аз бандагони Худо муҳофизат кунад ва онҳоро «абдол» номанд». Ҳамчунин, «абдол» дар назму насри сӯфиён ба сурати ҳафт мард, ҳафт мардон, ҳафттанон, чиҳилтанон, ахёр, мардони Худо, сарҳангони даргоҳи Ҳақ ва ғ. низ истифода ёфтааст [192, 36]. Истилоҳи ирфонии абдолро Аҳмади Ҷом дар «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и худ аз забони Паёмбар (с) чунин зикр менамояд: «Абдолони уммати ман дар биҳишт шаванд, на ба бисёрии намозу рӯза, балки ба биҳишт шаванд ба ҷиҳати Худо ва ба ҷавонмардӣ, ки дар тани эшон ниҳода бошад ва ба раҳмату шафқате, ки эшонро бошад бар халқи Худой, хоса бар мусалмонон» [45, 173].

Дар «Кунуз-ул-ҳикмат» чунин овардааст: «Абдолону хосагон ба ҳақиқатанд ва баргузидагони азалу абад. Он қавманд, ки Муҳаммади Мустафо (с) бад-он фахр мекард. Он қавманд, ки Худой, азза ва ҷалла, ризои худ дар ризои эшон баста, имрӯз дар рӯи замин азизтар аз эшон кас нест» [44, 140].

Дар осори насрии Аҳмади Ҷом истилоҳи «абдол» бо диди ирфонии тоза шарҳ ёфтааст. Нависанда ба ин истилоҳ маънии нави ирфонӣ дода, ки дар такмили фарҳангҳои мусталаҳоти ирфонӣ ба кор меояд.

***Адаб.*** Дар истилоҳи сӯфиён «адаб» малакаест дар шахс, ки ӯро аз корҳои ношоиста бозмедораду пок месозад [205, 69]. Ҳамчунин, омада: «Сӯфиён ин калимаро марбут медонанд ба ҳифзи ҳудуде, ки дар Қуръон ба сурати «ва-л-ҳофизуну лиҳудудиллоҳ» омадааст ва маъхуз медонанд аз ҳадиси набавӣ, ки фармуд: «Аддабанӣ раббӣ ва аҳсана таъдибӣ» [192, 135]. Аҳмади Ҷом дар «Анис-ут-тоибин» боберо ба шарҳи «адаб» ихтисос дода, зимни баҳс адабро ба ду қисм – «адаб бо Ҳақ ва адаб бо халқ» ҷудо намудааст. Аз ҷумла меоварад: «Адаб бо Ҳақ нигоҳ доштан, аз сирати анбиёву авлиё ва абдолону сиддиқон аст. Бар эшон воҷиб аст, ки аз фарқи сар то қадам чунон нигаҳ доранд, ки бар эшон ҳеҷ тарке наравад ва адаб нигоҳ доштан бар зоҳир бошад, адаб бори ҳурмат бошад» [40, 326].

Адаб бо халқро чунин тавзеҳ дода: «Адаб бо халқ нигоҳ доштан, аз сирати уқало ва хирадмандон аст. Бар хирадманду оқил воҷиб аст, ки чунон зияд, ки ҳар хирадманд, ки дар вай бингарад, ҳеҷ асари беадабӣ бар ӯ набинад ва ҳафт андоми хеш дар банди адаб нигоҳ дорад, ки касе бар вай эрод нагирад» [40, 340].

Аҳмади Ҷом лозим медонад, ки бояд рафтору гуфтори шахс бо ҳам мувофиқ ояд ва барои ин понздаҳ чизро лозим медонад ва мегӯяд, ки муроотии ин понздаҳ адаб боиси ба тақво гардидани солик мегардад. Ӯ таъкид менамояд, ки: «Пас, чун ба ҳақиқат бингарӣ, асли ҳамаи бандагӣ адабу ҳурмат аст ва дар ин понздаҳ чиз адаб бояд нигаҳ дошт» [40, 326-340].

Аҳмади Ҷом истилоҳи ирфонии «адаб»-ро дар осори худ бо тафсили бештар шарҳ дода, онро васеъ маънидод намудааст.

***Дарвеш.*** Сайид Ҷаъфар Саҷҷодӣ дар тавзеҳи истилоҳи мазкур чунин оварда: «Дарвеш – касе ки нисбат ба дунё ва тааллуқоти он эътино накунад» [205, 383]. Ҳамин гуна, «дарвеш ба назари сӯфиён ҳам ба маънии фақир ва тангдаст аст ва онро неъмате азим шуморанд» [192, 213]. Аҳмади Ҷом боби ҳабдаҳуми «Анис-ут-тоибин»-и хешро ба тавзеҳи таъбири «дарвеш» бахшидааст [40, 216-227]. Аҳмади Ҷом сӯфӣ ва дарвешро ду шох аз як асл

медонад: «Бидон, ки сӯфӣ ва дарвеш ҳар ду яке аст дар асл, аммо ҳамчунон ки мусалмонон ҳама мусалмонанд ва мазоҳиб бисёр аст, сӯфӣ ва дарвеш низ ҳамчунон аст» [40, 217]. Ҳамчунин, Аҳмади Ҷом ба шарҳи сифот, одоб, ахлоқ, ҳол ва дигар паҳлуҳои сулуки дарвешӣ изҳори назар намудааст [40, 220-227].

«Ин қавми дарвешон азизони ду ҷаҳонанд ва кори эшон мубтанӣ бар ду чиз аст: ниёз ба Ҳақ ва бениёзӣ аз халқ, ҳастӣ ба кори Ҳақ ва нестӣ ба кори дунё» [40, 194].

«Дарвеши дилреш мумтаҳан мебошад, аз халқ дур ва аз худ нуфур ва ба тан ранҷур ва ба дил масрур ва ба сир пурнур… сифати дарвешони ҳақиқӣ ин аст» [40, 293].

Аҳмади Ҷом истилоҳи «дарвеш»-ро бо баёни нуктаҳои тозаи болозикр тавзеҳи бештари ирфонӣ бахшидааст. Ӯ кӯшида, то таъкид намояд, ки «дарвеш» шахси комил буда, амалҳои ӯ набояд авомфиребона бошад.

***Дил.*** Истилоҳи «дил» назди мутасаввифа ба маънои «махзани асрори Ҳақ, назаргоҳи Худо, асоси коргоҳи одамӣ» ва ғ. шарҳ ёфтааст [205, 387-390]. Сайид Содиқ Гавҳарин дар тавзеҳи истилоҳи «дил» чунин менависад: «Дил ва қалб рукни аъзам, асос, поя ва бунёни тасаввуф аст ва танҳо василаи маърифату шинохт ба шумор меравад» [192, 243]. Аҳмади Ҷом низ монанди дигар урафо ба шарҳи «дил» пардохта, навиштааст: «Агар асли дил нур надорад, агар сад ҳазор ҳилат бикунӣ ва ҳама муҷоҳидатҳои олам бикунӣ, як зарра суд надорад, чун асл набошад, фаръ аз куҷо бошад?!» [40, 198]. Инчунин, оварда: «Шинохти Ҳақ ҷуз ба ҳидояти Ӯ натавон ёфт ва он ҳидоят ба касби банда нест, балки ба шарҳи дил аст ва атои Худой, азза ва ҷалла. Ҳар киро ба нури ҳидоят ва чароғи маърифат дили ӯро равшан гардониданд, ӯро ба Ҳақ шиносо карданд» [45, 75-76].

Аҳмади Ҷом дар тавзеҳи ин истилоҳ таъкид намуда, ки «дил» ҷои маърифат ва қароргоҳи нури шинохту ҳидоят аст. Асли ҳамаи муваффақиятҳои ориф аз «дил» сарчашма мегирад.

***Зулф.*** Муҳаққиқон истилоҳи «зулф»-ро чунин шарҳ додаанд: «Зулф дар истилоҳи сӯфиён гоҳе ба маънии таҷаллии сифати ҷалолати Ҳақ, яъне сифоти қаҳри Ӯст ва гоҳе ба маънии шайтону иблис ва васвасаҳои ӯ, ки боиси кудурати ҷон ва зулмати дил мешавад ва замоне, ба маънии мутлақи куфр аст, ки ба зулмату табоҳӣ ва кудурат ҳамроҳ аст» [192, 171].

Аҳмади Ҷом дар гуфтори зерини худ ин истилоҳро чунин тавзеҳ намудааст: «Эшонро дар вақти муноҷот аз ҳар гуна сухан равад, ки бо Ҳақ, субҳонаҳу, рост бошад ва бо халқ куфр намояд. Ҳадиси эшон бештар бар ин гуна бошад: Яке рӯй бо имон дорад ва дигар рӯй бо куфр. Эшонро бар ин сухан байте аст, ки мардумонро бар он доварӣ афтад:

*То дод сари зулфи ту аз куфр нишон,*
*Рӯйи ту ҳаме нишон диҳад аз имон.*
*Ман монда миёни куфру имон ҳайрон,*
*Гаҳ гӯям, аз инаму гаҳе гӯям, аз он.*

Бад-ин сари зулф, ибтидо рақами залолат хоҳанд ва бад-ин рӯй, рақами ҳидояту саодат» [40, 316].

Чунонки мушоҳида мегардад, Аҳмади Ҷом «зулф»-ро нишонаву аломати залолату бероҳӣ тавзеҳ намуда, ки ба дарки бештари ин истилоҳ мусоидат менамояд.

***Зуҳд.*** Дар «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ» ҳангоми тафсири ин истилоҳ омада: «Зуҳд–тарки динору дирҳам ва неъмати дунё» [205, 447]. Муаллифи «Шарҳи истилоҳоти тасаввуф» мафҳуми «зуҳд»-ро чунин тавзеҳ дода: «Дар назари сӯфиён зуҳд асли ҳама чизҳо, поя ва асоси ҳама аҳволу мақомот аст» [192, 188]. Аҳмади Ҷом ҳамчунағлаби машоихи пешнин зуҳдро бунёди корҳои нек ва мартабаи волои инсонӣ дониста, чунин қайд менамояд: «Асли ҳамаи хайрот, тоот, каромот, илми нофеъ, ҳикмат ва саодат дар зуҳди дунё бастааст» [45, 180].

Дар мавриде дар тафсири ин мафҳум оварда: «Гуфт: Тафсири зуҳд чист? Гуфт: Он ки дӯст дорӣ, он чи Офаридгори ту он дӯст дорад ва он ки душман дорӣ, он чи Офаридгори ту душман дорад» [44, 160].

***Ихлос.*** Дар нази сӯфиён «ихлос – раҳоии банда аст дар ибодату тоат аз ҳар гуна амре, ки дар он шоибаи риё, нифоқ, худхоҳӣ ва худбинӣ равад» [192, 104].

Аҳмади Ҷом дар тавзеҳи ин истилоҳ навишта: «Ихлос он аст, ки дил бо забон яке бошад ва ҳар чи дил бо забон яке набошад, ранги ихлос надорад» [41, 37].

«Ҳар коре, ки дар вай мағзи ихлос нест, он корро асле набошад» ё «Ҳар кӣ кори Худой, азза ва ҷалла, ба ихлос кунад, дар ду ҷаҳон аз он бархурдорӣ ёбад» [41, 89-91].

***Манозил ва дараҷот.*** Орифон муътақиданд, ки солик барои расидан ба маҳбуб бояд марҳила ба марҳила ин роҳро тай намояд ва зинаҳои зиёдро гузарад, ки инро бо истилоҳи «манозил» ва «дараҷот» ёд менамоянд.

Аҳмади Ҷом дар ин замина чунин овардааст: «Ибтидои кори эшон то интиҳои он ҳазору як мақом аст, ба қавли Хизр (а) ва они Боязиди Бастомӣ (рҳ) ва ба қавли Ҷунайд, ҳазор қаср ва ба қавли Зуннуни Мисрӣ (рҳ), ҳазор олам ва ба қавли Абӯбакри Каттонӣ (рҳ), ҳазор манзил» [40, 11].

Дар мавриде ба тафсили хоса ин мафҳумҳоро чунин тавзеҳ дода: «Ва ин дараҷот, ки дар ин оят аст, он ҳазору як мақом аст, ки гуфта омад ва хабари дуруст аст ба иттифоқи уммат. Ин ҳазор мақому манзилҳост ба сӯи Ҳақ равандагонро. Ва бошандагонро низ мақомот аст, то мардро дар кадом мақом фуруд оранд, он мақоми вай аст. Ва ҳар касро мақоми маълум аст, ҳамчунонки фариштагонро. Камо қолаллоҳу субҳонаҳу ва таоло: «Ва мо минно илло лаҳу мақомун маълум». Ва ҷои дигар гуфт: «Улоика-л-лазина ядъуна ябтағуна ило раббиҳим-ул-василата айюҳум ақрабу». Шайхулислом Абдуллоҳи Ансорӣ гуфта: «Равандагони ин роҳ се гурӯҳанд: Муҳаққиқонанд, муддаиёнанд ва гӯяндагонанд. Ҳар якро нишоне аст: Онон, ки

муҳаққиқонанд, нур бар сухани эшон пайдост ва онон, ки муддаиёнанд, беҳурматӣ бар сухани эшон пайдост ва онон, ки гӯяндагонанд аз самоъ, бегонагӣ бар сухани эшон пайдост» [40, 12].

Сипас, ба шарҳи ин се гурӯҳ пардохта, қайд менамояд: «Ин ҳар се қавм ҳар яке сухан аз сари кӯи хеш гӯянд ва ин коре аст, ки устоди ин кор, ёфти ин аст. Ҳар чизеро нахуст ҷӯянд, он гаҳ ёбанд, ин ҳадисест, ки нахуст ёбанд, он гаҳ ҷӯянд. Талаби ин беёфтӣ, ин бегонагӣ аст аз ин ҳадис. Дурустии ин ҳарф он бувад, ки як турфатулайн аз шаш чиз холӣ набошад: Аз таъзими амр, бими марг, лузуми узр, хидмат ба суннат, зистан ба фоқат ва бар халқ шафқат. Бори ин ҳадис шаш чиз аст, ки аз вай пайдо ояд, то шариат ба ҳақиқат яксон гардад. Ҳарчанд ки шариат ҳама ҳақиқат аст ва бинои ҳақиқат бар шариат аст» [40, 12].

Чунонки равшан аст, Аҳмади Ҷом бо нигоҳи фарохтар ба тавзеҳи манозилу мақомот ва дараҷоти соликон пардохтааст. Ӯ равандагони ин роҳро ба гурӯҳҳо тақсим намуда, ҳар яки онро дар алоҳидагӣ шарҳ додааст.

***Маърифат.*** Аз назари орифон, асли маърифат, ин шинохти Худованд аст. Қушайрӣ дар баёни маърифат чунин навишта: «Бар забони уламо, «маърифат» илм бувад ва ҳама илм, маърифат бувад… Аз устод Абӯалии Даққоқ (рҳ) шунидам, ки гуфт: Маърифат ҳайбат доштан аст аз Худой, азза ва ҷалла. Ҳар кӣ маърифаташ беш бувад, вайро ҳайбат беш бувад» [33, 540-541].

Аҳмади Ҷом навишта: «Бидон, ки маърифат нур асту шарҳи дил аст. Маърифат атову бахшиш аз ҷониби Ҳақ, субҳонаҳу ва таоло аст, ки ҳеҷ кас ба шукри он атову неъмат натавонад расид, аммо муқаддамоти онро бояд фароҳам оварад ва риоят кунад, то маърифат ба ӯ рӯй намояд» [40, 22-23].

Ҳамчунин, фармуда: «Маърифат ҳаммонанди чароғе аст дар тоқе ниҳода, ки обгинаҳое дар пеши ӯ ниҳода. Маърифат нури сӯзон асту чароғ ҳам нури сӯзон ва синаи ориф садафи он аст. Ҳамчунон ки он чароғ обгинаро гарм медорад, нури маърифат орифро гарм медорад ва ҳамчунон ки ҳар чӣ ба

он чароғ диҳӣ, онро бисӯзонад, ҳар гуноҳе, ки нури маърифат бар он битобад, нест мешавад. Ҳамчунон ки чароғ дар рӯз ба кор наояд, ориф дар партави нури маърифат ба ҳеҷ далел ва раҳбаре ниёзманд нест, то ба маърифати Ҳақ бирасад. Зеро ҳамчунонки чароғ дар шаби торик фоида мерасонад, ҳар куҷо, ки зулмати гуноҳ ва торикии бидъат ошкор шавад, чароғи маърифат фоидаи хеш бидиҳад» [47, 35].

Дар нигоҳи Аҳмади Ҷом маърифат ин «нур» ва «шарҳи дил» аст. Маърифат аст, ки орифро гарм медорад, ӯро раҳбарӣ менамояд, аз зулмати маъсияту бидъат раҳоӣ мебахшад ва ӯро пероста медорад.

***Ориф.*** Муҳаққиқон «ориф»-ро чунин таъриф намудаанд: «Дар истилоҳ касе аст, ки ҳазрати илоҳӣ ӯро ба мартабаи шуҳуди зот ва асмоу сифоти худ расонида» [205, 566]. Аз нигоҳи Аҳмади Ҷом: «Ориф – муъмини мухлис, ки куҳли ҳидоят дар дидаи маърифати ӯ кашида бошанд ва чашми ӯ бар дарёҳои ҷуду карам ва лутфу раҳмати Ӯ афтода бошад, ҳамаи маъсияти осиён дар девони хеш бинад, ҳаргиз аз раҳмати Ӯ навмед нагардад ва агар ҳар маъсият, ки ҷумлаи ҷинну инс кардаанд ва хоҳанд кард, дар девони як муъмини ориф бинад, ҳаргиз рақами куфру бегонагӣ бар вай накашад ва ӯро аз раҳмати Худой, азза ва ҷалла, навмед накунад. То маъсияти осӣ аз раҳмати Худой зиёдат нагардад, ҳеҷ осиро рӯи навмедӣ нест ва ҳаргиз гумон мабар, ки ин хоҳад буд ва ба дили ҳеҷ ориф ин худ дарнаёяд. Аммо, ҳам шарт аст, ки орифро ҳамчунонки бар хазинаи раҳмат меафтад, ҳамчунон бар хазинаи азоб ва адл меафтад ва ҳамчунон ки ғаффорӣ ва ғафурии Ӯ мебинад, ҷабборӣ ва қаҳҳории Ӯ мебинад ва аз кирдори хеш метарсад, ки набояд, ки шумии кирдори ман фаро ман расад ва шарму ташвир мехӯрад, аммо ба ҳеҷ ҳол марди орифро қатъ дар миён на. Зеро ки маърифат атои Ӯст ва ато бозситонидан кори карим нест ва набувад» [47, 68].

Инчунин, ҷои дигар дар мақоми «ориф» навишта: «Мақоми ориф он қадар баланд аст, ки яқин бояд донист, ки иблис аз марди ориф чандон ҳайбату сиёсат дорад, ки ҳар ҷо ки марди ориф бошад, иблис он ҷо мақом

накунад ва натавонад кард. Аз он ҷо бигрезад, ки тоқати нури маърифати ӯ надорад. Агарчи иблис душмани ӯст, аммо душмани бузург аст, силоҳи хеш нигаҳ дорад, то саломат ёбад» [41, 247].

Ба назари Аҳмади Ҷом, «ориф» шахси назаркардаи илоҳӣ ва муъмини перостаботин аст. Ӯ муътақид аст, ки ориф вазоиф ва рафтори хос дорад. Ориф инсони комилест, ки ба тақлиду пайравии касе ниёз надорад.

***Самоъ.*** Аз нигоҳи сӯфия «самоъ» ин «шунидан, сурур ва пойкубӣ ва дастафшонии сӯфиён» аст [205, 491]. Дар тавзеҳи самоъ Сайид Содиқ Гавҳарин оварда: «Сӯфиён завқу чашишро аз ҳавоси хамсаи зоҳир мадад медиҳанд ва барои он чи ба чашм мебинанд ва аз роҳи гӯш мешунаванд, ки мушоҳидаву суҳбат таъбир менамоянд, аҳамияти хос қоиланд... Самоъ ва ғано яке аз ин ҷумлаи зебоиҳост ва сӯфӣ чун дорои машраби васеъ аст, аз бархурдорӣ аз он парвое надорад ва онро рукне аз аркони тасаввуф медонад» [192, 104].

Дар осори насрии Аҳмади Ҷом истилоҳи «самоъ» васеъ тавзеҳ ёфтааст. Ӯ боби сиву чоруми «Анис-ут-тоибин»-ро ба шарҳи «самоъ» бахшидааст. Аз ҷумла оварда: «Ҳар самоъ, ки на аз рӯҳ хезад, онро асле набошад. Он на ваҷд бошад, на вақт бошад ва на ҳол бошад. Ҳар чи аз рӯҳ хезад, ҳама тараби рӯҳ бошад. Самоъ, ки на аз сари маърифату муҳаббат бархезад, ҳама бо тахлит аст. Аммо самоъи бетахлит ва беташбеҳ аз муҳиббе дар вуҷуд ояд, ки ӯ ошиқ бошад. Ҳар кӣ ошиқ нест, ӯро самоъ мусаллам нест, зеро ки ошиқ ҳарчи шунавад, аз маъшуқи хеш шунавад ва ҳарчи гӯяд, аз ӯ гӯяд ва ҳарчи бинад, аз ӯ бинад. Самоъи беистиғфор ӯро раво бошад, ки ғизои рӯҳу тан ва ҷони ӯ самоъ бошад. Ошиқ бесамоъ маҷнун гардад ва ӯро банд барбояд ниҳод» [40, 226].

Дар мавриди дигар чунин меоварад: «Мо намегӯем, ки самоъи дарвешон ҳаром аст. Аммо мегӯем, ки ин самоъи дарвешон нест, балки самоъи муфсидон аст ва ҳар ки самоъ чунин донад, дарвеш нест. Ва ҳаргиз кай шунидӣ ва аз кӣ шунидӣ, ки дарвешони аҳли суффа ин пеша гирифтанд

ва шабу рӯз дар ин фаро сар овარданд? Аммо, раво бошад, ки дарвешонро аз чизҳо самоъ афтад, ки дигаронро наяфтад ва ин мусаллам аст» [45, 164].

Назари Аҳмади Ҷом дар бораи «самоъ» чунин аст, ки он раво бошад, аммо на ҳар равандаи роҳро. Ӯ самоъро ба қисматҳо ҷудо менамояд. Самоъро сирри Ҳақ медонад, ки барои дӯстони Ӯст ва Ӯ дӯстони худро бо розҳо ошно месозад.

***Солик.*** Ин таъбири ирфонӣ чунин шарҳ шуда: «Солик ба касе итлоқ мешавад, ки зери назари шайхи комил, роҳдон ва таҳти иршоди ӯ тариқи тасаввуфро тай кунад ва манозили аҳволу мақомотро нисбат ба ҳол ва истеъдоди худ бипаймояд» [192, 204].

Аҳмади Ҷом дар тавзеҳи «солик» ва равандаи роҳи тариқат менависад: «Дар роҳе, ки касе биравад, худро ва матои худро аз дуздони бегона нигоҳ бояд дошт дар ин тариқ, ҳарчанд ки мард ошнотар аст. Ҳамаи халқи ҷаҳон ва ҳамаи худовандони арвоҳ ба ҷону нафс нозанд ва ҳеҷ азизтар ба наздики эшон аз ин ду набошад ва душмани марди роҳрави болиғ ин ду аст» [44, 5].

Дар мавриди дигар менависад: «Марди роҳрав чунон бояд, ки пай гум карда равад, то ҳар касе бар он тариқ аз пайи вай наравад, ки заҳмати ғавғо нохуш бошад» [47, 174].

Аҳмади Ҷом пеш аз он ки ба таърифи «солик» пардозад, сараввал аз сахтиҳо ва мушкилоти роҳи сулук ёдовар мешавад. Ӯ мегӯяд, ки дар ин роҳ дуздон фаровонанд ва бояд марди солик дур аз назари мардуми оддӣ роҳи худро тай намояд. Агар орифон ҳангоми таърифи «солик» аз мушкилии роҳу хатари он ёдоварӣ карда бошанд ва баҳри иҷрои ин вазифаҳо камари ҳиммат бастани худро нишон диҳанд, муаллиф дар нигоштаҳояш ба роҳнамоии васеътари соликон мепардозад ва ӯро аз хатарҳои роҳ ҳушдор медиҳад, ки чунин андешаҳои Аҳмади Ҷом аз гузоришҳои дигарон навъе фарқ дорад.

***Тавҳид.*** Дар истилоҳ «тавҳид» раҳо кардани дил ва холӣ сохтани он баҳри шинохти Ҳақ мебошад. Ирфоншиносон ду дараҷаи тавҳидро муайян

намудаанд: а) иқрор шудан, яъне Худоро ягона шинохтан; б) Худоро ягона донистан ва ба ғайр аз Ӯ ҳама чизро ҳеҷ шинохтан [205, 266-267].

Аҳмади Ҷом тавҳидро чунин тавзеҳ дода: «Бидон, ки асли ҳамаи корҳо тавҳиди пок аст ва эътиқоди дуруст ва агар касе сад сол ибодат кунад ва Парвардигори ҷаҳонро ба тавҳиди пок ёд накунад, ибодати ӯ ҳама бод бошад ва беҳосил» [40, 25].

Дар мавриди дигар чунин зикр намуда: «Гуфтани тавҳид, аз имону шинохти Ҳаққу сифоти Ӯ аз гуфтор ҷудост. Зеро гуфтани тавҳид ва имон ба тақлиди муаллим метавон омӯхт, аммо шинохти Ҳақ ҷуз ба ҳидояти Ӯ мумкин нест. Зеро агар имкони шинохти Ҳақ бо ақл буд, ҳамаи доноён худошинос буданд, ки нестанд ва агар шинохти Худованд аз тариқи муаллим муяссар мешуд, ҳамаи дарсхондагон ва таълимёфтагон худошинос буданд, дар ҳоле ки чунин нест» [45, 73].

Аҳмади Ҷом дар давоми баҳс аз тавҳид чунин натиҷагирӣ мекунад: «Ҳар кас ба таълим ва омӯзиши муаллим Худойро бишносад, ҳаргиз аз имони вай бӯи шинохт наёяд ва ин имоне аст тақлидӣ, ки холӣ аз ширк нест, ба ин далел, ки то муаллим нагӯяд ё ба вай омӯзиш надиҳад, омӯзгиранда наметавонад дар бораи он изҳори назар кунад. Имони банда бе ҳидояти Худованд, ҳамчун имони мунофиқон аст, аммо агар ҳидояти Ҳақ бошад ва таълими омӯзгор бо он ёр шавад, суд бар суд бошад» [47, 15-18].

Чунонки мебинем, истилоҳи «тавҳид» дар осори насрии Аҳмади Ҷом ба эътиқоди дуруст маънӣ ёфтааст ва он асли ҳамаи корҳо муаррифӣ гардидааст.

***Таваккул.*** Урафо таъбири мазкурро бештар «дилбастагӣ ва эътимоди комил ба Худо» таъриф кардаанд [205, 272].

Аҳмади Ҷом дар аксари осори насрии худ мабоҳисеро ба «таваккул» ихтисос додааст. Дар мавриде менависад: «Асли бандагӣ ин аст, ки банда бояд бидонад, ки аз таваккул мол ва аз пешаварӣ рӯзӣ каму беш нашавад, аммо ин таваккул нишонаи бандагӣ, фармонбардорӣ, некуимонӣ ва

дурустэътиқодии банда аст» [44, 32]. Дар «Сироҷ-ус-соирин» чунин менависад: «Инсони мутаваккил дилаш аз молу маслиҳати дунё фориғ мешавад ва чун ба оромиш мерасад, аз ҷумлаи ағёр бозмераҳад. Он гоҳ аст, ки намози ӯ, намоз аст ва ҷумлаи намози ӯ, ноз аст» [47, 138]. Аз нигоҳи Аҳмади Ҷом «таваккул» яке аз фарзиятҳои сулук мебошад. Ӯ имонро ба дарахте шабоҳат медиҳад, ки решаи он «таваккул» аст [40, 161-164].

***Хавфу раҷо***. Аҳмади Ҷом ин истилоҳотро чунин шарҳ дода: «Солик барои растагорӣ, ҳам ниёзманди бим асту ҳам ниёзманди умед ва ин ду гоме аст, ки дар роҳи Худо мегузорад. Агар як гом дар роҳ бигзорад ва бозистад, ҳаргиз роҳе рафта нашавад ва агар як гом бигзорад ва гоми дувум бардорад ва фаро пеш бигзорад, роҳ тай мешавад. Гоми аввал, хавф аст ва гоми дувум, раҷо. Бино бар ин, хавфу раҷо мукаммили якдигаранд ва бо ҳам ба сари манзили мақсуд мерасонанд» [40, 313].

Дигар ҷо навишта: «Солики тоиб пас аз тавба набояд ба тавбаи худ фирефта шавад. Вазифаи ӯ ин аст, ки бар гузашта ҳасрат хӯрад ва аз карда пушаймон бошад ва хавф дар дил дорад, ки оё гуноҳони ман бахшида хоҳад шуд ё маро азоб хоҳанд кард. Нафасеро дар бим бояд бигузаронад ва лаҳзаҳоеро дар умед ва шабу рӯз ба ибодати Ҳақ бояд машғул бошад, то растагор шавад» [45, 106].

Ҳамон гуна ки мебинем, Аҳмади Ҷом дар осори насрии худ истилоҳи «хавфу раҷо»-ро бо мисолу ташбеҳоти тозаву фаҳмо тавзеҳ дода, онҳоро ду унсури муҳими соликон дар сулуки тариқат донистааст.

***Ҳол.*** Дар назди орифон «ҳол» аҳволест, ки аз олами боло ба дили сӯфиён ворид мегардад ва ё солик бо ҷазабаи илоҳӣ аз мақоми бехудӣ ба олами аъло пайваст мегардад. Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ дар «Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ» истилоҳи мазкурро чунин таъриф медиҳад: «Дар назди орифон ҳарчи ба маҳзи мавҳибат бар дили поки солики роҳи тариқат аз ҷониби Ҳақ ворид мешавад, бе тааммуди солик ва боз ба зуҳури сифоти нафс зоил мегардад, онро «ҳол» меноманд» [205, 307].

Истилоҳи ирфонии «ҳол» дар осори насрии Аҳмади Ҷом чунин шарҳ ёфтааст: «Аммо он кас, ки хушҳол ва соҳибҳолат аст, ӯро нишоне нест. Ин нукта нишони он аст, ки соҳибҳоли ростин дар он замон ҳеҷ бар дили вай гузар накунад, магар Худой, азза ва ҷалла, ва дар вақти ҳол ҳеҷ фасоде кам ё зиёд аз вай содир нашавад. Худо ҳар вақт ҳолати вайро маъсум дорад ва шарри шайтону нафс аз вай боздорад ва риёву ҳавову тасаннуъ аз рӯзгори вай дур дорад дар он ҳолат ва дар он вақт» [47, 6].

Дигар маврид чунин шарҳ дода: «Ҳар киро вақт хуш аст, муборак бод. Ҳақ таоло ёри он кас бод, ки ӯро аз сар бинаяфканд ва аҳволи вай бинашулад, то баракати он ба ҷумла қавм фаро расад ва ҳама аз он насиб ёбанд. Ҳамчунон ки касе мушку уд бар оташ афканад, ҳамаи хона хушбӯй шавад ва он бӯйи хуш ба ҳамсоя низ бирасад» [45, 199].

Дар маҷмуъ, бо такя бар тавзеҳу таҳлили истилоҳоти ирфонии тазаккурёфта ва шарҳу тавзеҳи онҳо метавон гуфт, ки мероси мансури Аҳмади Ҷом як ганҷинаи таъбироти ирфонӣ ва сарчашмаи муҳим барои шинохти бештари истилоҳоти сӯфия мебошад. Бо такя ба шарҳу тавзеҳоте, ки дар осори насрии ӯ болои истилоҳоти ирфонӣ сурат гирифтааст, метавон фарҳанги таъбироти тасаввуфиро мукаммалтар намоем.

Аз баррасии мавзуъ чунин натиҷаҳо ба даст меоянд:

а) Фарҳангҳои истилоҳоти ирфонӣ ҳамеша ба такмилу иловаҳо ниёз доранд. Дар ин замина ба осори ноомӯхтаи орифон рӯй овардан хеле судманд мебошад. Осори насрии Аҳмади Ҷом дар ин маврид асноди зиёдро дар худ маҳфуз доштааст;

б) Осори насрии Аҳмади Ҷом аз ҷумлаи сарчашмаҳои пурбори истилоҳоти тасаввуфӣ буда, то ҳол мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд ва дар шарҳу тавзеҳи мусталаҳоти сӯфия аз онҳо истифода ба амал наомадааст;

в) Баррасии истилоҳоти тасаввуфии дар осори насрии Аҳмади Ҷом тавзеҳёфта равшан менамояд, ки муаллиф дар баёни маонӣ ва кашфи румузи

таъбироти ирфонӣ бо такя бар сарчашмаҳои муътамад изҳори назар намудааст.

### III.4. Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом

Матншиносӣ аз самтҳои асосии пажуҳишҳои суханшиносӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва таҳқиқи амиқу ҳамаҷонибаи осору афкори суханварон пеш аз ҳама ба матни саҳеҳ алоқаманд аст. Риояи меъёрҳои равишманди тасҳеҳи матн мӯҷиб мегардад, то матни асл ё наздик ба асл ба сурати илмӣ-интиқодӣ пешниҳод гардад. Аз ҳамин ҷост, ки устод Абдулманнони Насриддин зимни баёни мақосид ва аҳдофи матншиносӣ ба ин нуктаҳо чунин таъкид намуда: «Ҳадаф ва мақсадҳои матншиносӣ ҳамчун бахши бунёдии сухансанҷӣ дар масъалаҳои зерин мушаххас мешавад:

1. Таҳқиқи таърихи пайдоиш ва таҳаввули осори хаттӣ.

2. Нақду тасҳеҳи осори хаттӣ бо мақсади ба миён овардани нусхаи ба асл наздик.

3. Бар мабнои усулҳои равишманд мунташир сохтани мероси хаттӣ» [101, 18].

Мусаҳҳеҳ бояд бо риояи амонат, камоли диққат ва шинохти асолати сухани муаллиф кори тасҳеҳи матнро анҷом диҳад. Барои матншинос, пеш аз ҳама, риояи амонати илмӣ муҳим мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки Наҷиб Моили Ҳиравӣ бо таъкид ба оростагии шахсияти мусаҳҳеҳ аз амонатдорӣ навишта: «Шарти бунёдӣ дар тасҳеҳи мутун мутаҳаллӣ будан ба ҳиляи амонат аст» [168, 413].

Аз байни осори насрии Аҳмади Ҷом китобҳои «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» ва «Кунуз-ул-ҳикмат» нашр шудаанд.

Баррасии матншиносии осори нашрёфтаи Аҳмади Ҷом равшан менамояд, ки кӯшишҳои анҷомгирифта, бо вуҷуди муҳассаноти зиёд, аз чанд ҷиҳат ба такмил ва тасҳеҳ ниёз доранд.

*Якум, нусхаҷӯии густарда.* Дар матншиносӣ таъкид меёбад, ки дар тасҳеҳи матнҳои куҳан, бахусус он мутун, ки пештар аз асри XV таълиф гардидаанд, бояд ба нусхаҷӯӣ таваҷҷуҳи хоса мабзул гардад. Кӯшиш бояд кард, то аксари нусхаҳои асари тасҳеҳшаванда ва ё ақаллан муътамадтарини онҳо бозҷӯӣ гардад ва бар онҳо дастрасӣ сурат гирад. Муаллифи «Таърихи нусхапардозӣ» дар ин замина бамаврид навишта: «Тасҳеҳи интиқодии асаре, ки байни садаи чаҳорум то нимаи дувуми қарни ҳаштум таълиф шудааст, муяссар намешавад, магар он ки ҷамеи нусахи мавҷуд аз он асар, ки то охирин лаҳазоти кори тасҳеҳи он шиносонида шудааст ва ё лоақал(л) нусхаҳои муътабари он таҳия шавад» [168, 428].

Матншинос Ҷӯё Ҷаҳонбахш дар ин мавврид чунин таъкид намуда: «Дар тасҳеҳи мутуни қадимтар, мутуне, ки пеш аз садаи ҳаштуми ҳиҷрӣ падид омадаанд, бояд ҳама ё бештаринаи нусахи хаттии асарро барои тасҳеҳи матн мавриди баррасӣ қарор дод» [170, 16].

Мебинем, ки мусаҳҳеҳи гиромӣ Алии Фозил матни «Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷомро бар асоси ду нусхаи хаттии ин китоб – нусхаи шумораи 7628 аз китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ ва нусхаи шумораи 6466 аз Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон тасҳеҳ ва нашр намудааст.

Тасҳеҳи матни ин асар, ки дар асри шашуми ҳиҷрӣ, дувоздаҳуми мелодӣ таълиф гардидааст, тақозо менамояд, то болои нусхаҷӯии он ковишҳои амиқу густарда анҷом гирад. Бо ковиши нусхаҷӯӣ болои «Равзат-ул-музнибин»-и Аҳмади Ҷом равшан намудем, ки чандин нусхаи хаттии куҳани асари мазкур аз назари мусаҳҳеҳ дуру ношинохта мондааст. Чун нусхаи шумораи 3687 аз Китобхонаи Боязид (Истамбул), нусхаи шумораи 1103 аз Китобхонаи Масҷиди Аъзам (Қум), нусхаи шумораи 4238 аз Китобхонаи Ганҷбахш (Исломобод), нусхаи шумораи 10235/1 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ (Теҳрон) ва нусхаи 149 аз Китобхонаи Лоло Исмоил (Истамбул).

Ҳамин тавр, бо таҳқиқи нусхашиносӣ маълум намудем, ки аз «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом ҳафт нусхаи муҳим аз назари мусаҳҳеҳ дур

мондааст ва, ҳатто, ба вуҷуди онҳо ишорае нарафтааст. Инҳо нусха шумораи 682 аз Китобхонаи Лоло Исмоил, нусхаи шумораи 14389/1 аз Китобхонаи Маръашӣ, нусхаи шумораи 7699/3 аз Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳрон, нусхаи шумораи 3321 аз Китобхонаи Донишгоҳи Теҳрон, нусхаи шумораи 19754 аз Китобхонаи миллии Эрон, нусхаи шумораи 3206 аз Китобхонаи Юсуфоғо ва нусхаи шумораи 1042/2 аз Китобхонаи Ҳоҷӣ Маҳмуд Афандӣ мебошанд.

Бояд дар тасҳеҳҳои оянда аз ин нусхаҳо баҳрабарӣ сурат гирад ва забтҳои асилу куҳани онҳо мавриди истифода қарор дода шавад.

*Дувум, нусхашиносии равишманд.* Бояд дар шинохти нусхаҳо ва маълум намудани арзиши воқеии онҳо ба ҳамаи марҳилаҳои нусхашиносӣ – тавсифӣ, таърихӣ ва татбиқӣ таваҷҷуҳ намуд. Танҳо ҳамин навъ таҳқиқу омӯзиш заминаи дурусти интихоби нусхаи асос ва нусхаҳои ёрирасонро фароҳам меоварад. Ҳамчунин, танҳо бо такя бар натиҷаи нусхашиносии равишманд шеваи тасҳеҳи матни асар муайян мегардад. Чун дар тасҳеҳи «Равзат-ул-музнибин» дар ин маврид тасоҳул сурат гирифта, матн бо такя бар нусхаи Муҳаммадаъзами Ҷомии Аҳмадӣ, ки дар асри XX китобат ёфтааст, таҳия шуда, нусхаи дувум, ки панҷ аср пештар дар асри XV (соли 856 ҳ./1452 м.) китобат гардидааст ва комилу нодир аст, нусхаи ёрирасон қарор дода шудааст. Нусхашиносии равишманд метавонист дар интихоби нусхаи асосу муътамад мусоидат намояд.

*Севум, пойбандӣ ба қавоиди шеваи тасҳеҳ.* Самараи матлуб аз тасҳеҳи матн ба риояи қавоиди шеваи тасҳеҳ аз оғоз то анҷом алоқаманд аст. Дар ҳоли пойбанд набудан ба шеваи равишманд, матн бо нуқсу кутоҳӣ ба хонанда пешниҳод мешавад ва аҳдофу мақосиди аслӣ ба даст намеояд. Ба ҳамин мӯҷиб аст, ки устод Наҷиб Моили Ҳиравӣ менависад: «Ин ҳама огоҳиҳо ва хасисаҳои таҳсилӣ он гоҳ камол меёбад ва он гоҳ бозтоби матлубе ба бор меорад, ки мусаҳҳеҳ дар нақду тасҳеҳи асари мавриди назар ба қоида ва равише мушаххасу маълум пойбанд бошад» [168, 425].

Яке аз муҳиммоти тасҳеҳи матн, ин сабти дақиқи ихтилофи нусхаҳо ва забтҳои гуногуни онҳост. Соҳиби китоби «Таърихи нусхапардозӣ» ихтилофу дигарсониҳои нусахи хаттиро ин гуна тавзеҳ фармуда: «Ихтилофи нусхаҳо иборатанд аз забтҳои нусхаҳои бадал ва аҳёнан забтҳои нусхаи асос дар шеваи илтиқотӣ, ки мабнӣ бар ваҷҳе аз вуҷуҳи зер бошад:

а) Забтҳое, ки бар асари таъсири гунаҳои забони котибон дар нусхаҳои як асар роҳ ёфтааст;

б) забтҳое, ки ба лиҳози расми хатти забони форсӣ дархури эътиност;

в) забтҳои номанқуте, ки метавон бо манқут кардан онҳоро ба ду ваҷҳ ё бештар мафҳум кард;

г) забтҳое, ки ба қиёс бо забтҳои нусхаи асос аз асл дур менамоянд.

Илова бар нусхабадалҳое, ки дар чаҳор фақраи мазкур аз онҳо сухан гуфтем, ҳар навъ забтҳое, ки ба қиёс бо матни мусаҳҳаҳ ихтилоф дошта бошад ва воҷиди ваҷҳеву маъное бошад, метавон онҳоро ба унвони ихтилофи нусхаҳо дарҷ кард» [168, 484].

Муҳаққиқи матн бояд нусхаҳоро дақиқ рамзгузорӣ намуда, ихтилофи нусхаҳоро бетасоҳул аз оғоз то анҷоми кор дар бахши нусхабадал сабт намояд.

Мусаҳҳеҳи «Равзат-ул-музнибин» нусхаи шумораи 7628 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллиро бо ҳарфи шартии «م» ва нусхаи шумораи 6466 аз Китобхонаи марказии Донишгоҳи Теҳронро бо ҳарфи шартии «د» рамзгузорӣ карда, роҷеъ ба шеваи кори худ чунин қайд менамояд: «Бад-ин қадар басанда шуд, ки саҳеҳтарин сурати калимаҳо ва асилтарин сохти ҷумлаҳову иборот ёфт шавад ва дар матн забт гардад ва он сурати дигар, ки воҷиди ваҷҳе аз сиҳҳат бошад, дар зернавишт ҷой гирад», ё «калимаҳо ва иборатҳои соқитшуда аз як нусха аз нусхаи дигар тармим шуд» [47, 106].

Аммо ҳангоме ки матни нашргаштаро бо асли нусхаи шумора 7628 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ муқобала намудем, маълум гардид, ки

аксари ихтилофи нусхаҳо нишон дода нашудаанд ва дар сабти нусхабадал пойбандӣ ба равиши кор сурат нагирифтааст.

Ҳамин гуна, ин навъ кутоҳӣ дар нашри «Мифтоҳ-ун-наҷот»-и Аҳмади Ҷом, ки аз ҷониби мусаҳҳеҳи мазкур анҷом гирифта ва «Биҳор-ул-ҳақиқат»-и ӯ, ки ба кӯшиши Ҳасан Насирии Ҷомӣ сурат пазируфтааст, ба назар мерасад. Чун матнҳо бо асли нусхаҳо муқобала карда шуд, ихтилофи зиёди нусхаҳо равшан гардид, ки қисме аз онҳо дар идома оварда мешаванд.

Пойбанд набудан ба риояи меъёрҳои тасҳеҳи матн мӯҷиб гардида, то дар мавридҳое лағзишу тасарруфоти котибон бидуни таҳқиқ ва дур аз амонати илмӣ ба матн раҳ ёбад, ихтилофи умдаи нусхаҳо нишон дода нашавад ва афтодагиву нуқсҳо дар матн падид ояд. Ҳол он ки мусаҳҳеҳ дар тасҳеҳи матн бояд ҳамчун ноқили амин муомила намоянд.

Муҳаддиси Урмавӣ роҷеъ ба амалкарди мусаҳҳеҳ дар мавриди матни асар мефармояд, ки ӯ «муншид аст, на муншӣ ва ноқил аст, на ноқид» [168, 413]. Ҷӯё Ҷаҳонбахш менависад: «Мусаҳҳеҳ дар қиболи матн, на виростори илмӣ аст ва на муншиву нависанда, балки амине аст, ки мекӯшад ғубори тасарруфоти котибон ва аҳли азминаи пешро аз чеҳраи асар бизудояд ва бар мабнои дарёфте, ки аз ҳаёту рӯзгор ва забону боварҳои нависандаи асар дорад, дар чорчӯби завобити илмӣ ва эҳтиётоти амонатдорона, матне мутобиқ ё монанди он чи муаллиф тасвид кардааст, ироа бидиҳад» [170, 13].

Дар зер бо таҳқиқи матншиносӣ порае аз саҳву иштибоҳоти раҳёфта ба осори насрии Аҳмади Ҷомро дар зерфаслҳои алоҳида тавзеҳ медиҳем.

*а) Ғалатхонӣ ва адами таваҷҷуҳ дар тасҳеҳи матн.* Тасҳеҳ ва нашри осори хаттӣ аз мусаҳҳеҳ таваҷҷуҳу диққати хосаро талаб менамояд. Адами таваҷҷуҳ ва бидуни диққат бо матн муомила намудан, сабаб мегардад, то асари пешниҳодшаванда пурғалат интишор ёбад.

Яке аз мавридҳое, ки дар он имкони раҳёбии ғалату иштибоҳот ба матн бештар аст, ин бетаваҷҷуҳӣ ба нуқтаи ҳарфҳо ва ғалатхонии калимот аст. Зеро афзудан ё кам кардани як нуқта ва ё дар мавриди ҷои нуқта ғалат

намудан матлабро тағйир медиҳад ва маъниро халалдор месозад. Ҳамчунин, мавридҳое ҳаст, ки калима дар нусха бидуни нуқта навишта шудааст. Дар хониш ва сабти ин навъ калимаҳо бояд бештар диққат намуд. Имкон дорад, ки чунин калимаҳо ба чанд сурат хонда шаванд. Бетаваҷҷуҳӣ дар ин навъ мавридҳо, метавонад ба калима тамоман сурати дигар диҳад ва матн бидуни маънии матлуб пешниҳод шавад. Барои мусаҳҳеҳ дар ин гуна мавридҳо таваҷҷуҳ ба маънӣ ва диққат ба нуқтагузории саҳеҳи калимаҳо мусоидат менамояд.

Ба иқтибоси зерин менигарем: «Чун зиёни маломат дароз кунанд» [47, 120-121]. Ин ҷо ибораи «зиёни маломат» бо маънии ҷумла таноқуз дорад. Таваҷҷуҳ бояд намуд, ки калимаи «зиён» дар хатти ниёкон ба сурати «زيان» навишта мешавад. Ин ҷо мусаҳҳеҳ нуқтаеро зиёд хондааст. Шакли дурусти он «забон» (زبان) аст. Камтаваҷҷуҳии мусаҳҳеҳ сабаб гардида, то маънӣ аз байн равад ва чунин иштибоҳ дар матн роҳ ёбад. Дар нусхаи хаттии шумораи 7628 Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ, ки дар тасҳеҳи ин матн дар истифодаи мусаҳҳеҳ қарор дошта, шакли дурусти матн чунин сабт ёфтааст: «Чун забони маломат дароз кунанд» [48, 40а].

Мисоли дигар: «Аз сари шавқу ниёзи ӯ ба маҳбуби ӯ, чандон шарари дилсӯз, ҷойфазой, рӯҳнавоз, куфргудоз ва залолатзудою дилафрӯз аз он садри машруҳ ӯ ба олами суғрову кубро пайдо кунад» [47, 37]. Ҳамон гуна ки мушоҳида мешавад, ин ҷо лафзи «ҷойфазой» фоқиди маъност. Мусаҳҳеҳ ҳарфи «ن»-и ин калимаро «ى» хондааст. Ҳол он ки ин матлаб дар нусхаи хаттии матн ба сурати дуруст сабт шуда, аммо мусаҳҳеҳ ба забти нусхаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир нанамудааст. Чунонки дар нусха омада: «Аз сари шавқу ниёзи ӯ ба маҳбуби ӯ, чандон шарари дилсӯз, ҷонфазой, рӯҳнавоз, куфргудоз ва залолатзудою дилафрӯз аз он садри машруҳ ӯ ба олами суғрову кубро пайдо кунад» [48, 13а].

Намунаи дигар аз матни чопӣ: «Ман ӯро Худовандам, ки гуноҳ омурзам ва бад-он бигирам» [47, 57]. Ин ҷо дар маънӣ халал ба назар мерасад. Бояд

«бо»-и калимаи «бигирам» «нун» хонда мешуд ва ҷои нуқта аз зер бар забар мерафт. Андаке таваҷҷуҳ ба маънӣ кофӣ буд, то матлаб аз нусха дуруст хонда шавад. Чунонки дар нусха дарҷ гардида: «Ман Худои ваям, ки гуноҳ омурзам ва бад-он нагирам» [48, 20б].

Мавриди дигаре, ки аз мусаҳҳеҳ таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд, ин хониши дурусти ҳарфҳоест, ки дар навишт ба ҳам шабеҳ ҳастанд. Ба мисоли зерин менигарем: «Туро бар ман чӣ шаноат расад» [45, 95]. Ин ҷо хониши калимаи «шаноат» (شناعت) диққати бештар мехоҳад ва он бояд «шафоат» (شفاعت) хонда мешуд. Чун дар дастнавис ҳарфҳои «нун» ва «фо» ба ҳам шабеҳ навишта мешаванд, мусаҳҳеҳ «шафоат»-ро барғалат «шаноат» хондааст. Нусхаи хаттии матн низ сиҳҳати ин забтро таъйид менамояд, ки дар он ба сурати «Туро бар ман чӣ шафоат расад» [46, 21а] омадааст.

Намунаи дигар: «Ҳар хоҳандаеро он чи муҳими ӯ бад-он расад» [47, 169]. Дар ин маврид шабоҳати навишти калима сабаб гардида, то матн ғалат хонда шавад. Матн бояд ин гуна хонда мешуд: «Ҳар хоҳандаеро он чи фаҳми ӯ бад-он расад». Калимаи «муҳим» ва «фаҳм» дар расмулхатти куҳан хеле шабеҳи ҳам навишта мешаванд. Илова бар шабоҳати навишт, адами таваҷҷуҳи ҷиддӣ дар қироати дуруст ва дарки маънӣ мӯҷиб гардида, то калима ғалат хонда шавад. Боздиди мо аз асли дастхатти матн низ сиҳҳати хониши «фаҳм»-ро таъкид мебахшад [48, 21а].

Шоҳиди дигар аз матни чопӣ: «Марди зоҳирбин ҳамчун марде бошад, ки бар дарё гузарад бар рӯи об, аз дурру гавҳарҳо чӣ хабар дорад?» [47, 86]. Дар яке аз нусхаҳои хаттии матн матлаб ба ин сурат омада: «Марди зоҳирбин ҳамчун марде бошад, ки бар дарё гузарад бар рӯи об, аз дурру гавҳари дарё чӣ хабар дорад?» [48, 29б]. Равшан аст, ки дар забти нусха маънӣ возеҳтар ва матлаб саҳеҳтар аст. Зоҳиран, «ё»-и калимаи «дарё» «ҳо» хонда шуда ва «дол»-у «ро»-и «дарё» аз ҷониби котиб исқот гардида ё мусаҳҳеҳ аз бетаваҷҷуҳӣ онро афкандааст.

Мусаҳҳеҳ бояд ба шеваи нигориши ҳарфҳо ва навишти тамоми унсурҳои калима таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд. Нодида гирифтани ҳатто як унсури ҳарф метавонад дар пешниҳоди матни асл халал ворид намояд. Ба ҷумлаи зерин аз «Равзат-ул-музнибин» менигарем: «…бе маъшуқ натавонад буд» [47, 73]. Вақте ки ин матлаб бо асли нусхае, ки дар амри тасҳеҳ зери дасти мусаҳҳеҳ қарор дошта, нигоҳ мекунем, дар он ба шакли «бе маъшуқа» омадааст. Ин забт, бо назардошти калимаи «домод», ки дар оғози ин ҷумлаи дароз зикр гардидааст, дуруст ба назар мерасад. Ин ҷо дар хониши «ҳо»-и калимаи «маъшуқа» таваҷҷуҳи кофӣ сурат нагирифтааст.

Яке аз марҳилаҳои муҳими тасҳеҳи матн нақди забти нусхаҳо мебошад. Мусаҳҳеҳ бояд бо такя бар меъёрҳои нақди матн забтҳои мухталифи нусхаҳоро таҳлил намуда, сурати саҳеҳтарини онҳоро дар матн ва боқиро дар нусхабадал ҷой диҳад. Ба мисоли зер таваҷҷуҳ менамоем: «Ва фурӯмондагони тиҳи залолат ба нури чароғи маърифат аз торикии накирату залолат ба роҳи наҷоту ҳидояту мағфират оянд» [47, 48]. Матлаб бо ҳамин сурат дорои маънӣ буда, маънӣ низ возеҳ аст. Аммо дар нусхаи шумораи 7628, ки яке аз ду нусхаи мусаҳҳеҳ будааст ва моро низ дастрас аст, ҷумла ба ин шакл омада: «Ва фурӯмондагони шаби залолат ба нури чароғи маърифат аз торикии накирату залолат ба роҳи наҷоту ҳидояту мағфират оянд» [48, 17б]. Дар матни чопӣ, ки забти нусхаи Муҳаммадаъзами Ҷомӣ баргузида шудааст, таъбири «тиҳи залолат», зоҳиран, муносибтар талаққӣ гардидааст. Аммо дар забти нусхаи куҳан таносуб байни «шаби залолат» ва «чароғи маърифат» бештар барқарор аст. Ин ҷо беҳтар буд, то забти нусхаи куҳанро, ки панҷ аср пештар аз нусхаи Муҳаммадаъзами Ҷомӣ китобат ёфтааст, дар матн қарор дода, забти нусхаи муаххарро дар нусхабадал нишон медоданд. Аммо ишорае ба забти нусхаи куҳан дида намешавад ва нусхабадале низ сурат нагирифтааст.

Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар тасҳеҳи матн ба сурати саҳеҳ овардани оёт аз муҳиммот буда, қавоиди хосаи худро дорад [ниг. 170, 49-51].

Мусаҳҳеҳ дар тасҳеҳи матни аҳодису ахбор то ҷое ихтиёр дорад. Метавонад ба забти нусха эътимод варзад ё ба ривоёти саҳеҳи ҳадисномаҳо такя намояд, аммо дар мавриди оёт бояд комилан ба амонат пойбанд бошад. Иқтибоси оётро бо асли Мусҳаф муқоиса намуда, бояд мувофиқи он сабт фармояд. Агарчи барояш собит ҳам гардад, ки хато на аз котиб, балки аз муаллиф аст, бояд ба ин асл муқайяд бимонад. Дар ин гуна мавридҳо, аз одоби тасҳеҳ аст, ки ба ислоҳи худ ва иштибоҳи муаллиф дар поварақ ишора фармояд.

Ба мисоли зерин таваҷҷуҳ мефармоем: «Маърифат чун чароғе аст дар тоқе ниҳода, ки обгинае дар пеши ӯ бувад. Ва низ мегӯяд: «Ва лав тамсасҳу норун» [47, 35]. Дар ҳамин сурат иқтибоси арабӣ чунин маънӣ дорад: «Ва агарчи оташе ба он расида бошад». Асли иқтибос қуръонӣ буда, порае аз ояти 35-уми сураи «Нур» мебошад. Сурати саҳеҳи он чунин аст: «Ва лав лам тамсасҳу норун» [2, 354]. Дар сурати саҳеҳ маънӣ ин гуна аст: «Ва агарчи оташе ба он нарасида бошад». Таваҷҷуҳе ба асли Мусҳаф басанда буд, то сурати саҳеҳи матн оварда шавад.

Дар матни чопии «Биҳор-ул-ҳақиқат» омада: «Аммо муваддатро гуфт: «Қад шағфафаҳо ҳуббан» [41, 56]. Сурати саҳеҳи матлаби арабӣ, ки бахше аз ояти 30-уми сураи Юсуф аст, ин гуна мебошад: «Қад шағафаҳо ҳуббан» [2, 238].

*б) Тасарруф аз рӯи таассуб.* Ба матн қисме аз тағйиру таҳриф ва иловаву илҳоқот ба сабаби таассуби котибону таҳиягарон раҳ меёбад. Абдуманнони Насриддин дар шарҳи ин масъала оварда: «Дар бораи он ки нусханависон бар асари тамоюлҳои ақидатию мазҳабӣ нусхаҳои хаттиро тағйир медиҳанд, устод Абдулҳусайни Зарринкӯб чунин навишта: «Исқот ва илҳоқ дар ағлаб маворид аз қасду ғарази котиб ношӣ аст. Чи бисёр, ки котиби шиъӣ ҳангоми рӯнависе аз «Куллиёт»-и Саъдӣ ва «Хамса»-и Низомӣ ашъор ва абётеро, ки дар онҳо мадҳи асҳоби пайғамбар будааст, ҳазф карда ва чи басо, ки ашъору абёте сусту бемоя дар мадҳи аиммаи шиъа бад-онҳо илҳоқ намудааст» [101, 88]. Аз ин рӯ, мусаҳҳеҳро мебояд, ки аз сарчашмаҳои маърифати динӣ ва

ҷаҳонбинии муаллифи асари тасҳеҳшаванда ба хубӣ огоҳ бошад, то матни таҳиянамудаи ӯ аз таҳрифу тасарруфоти носихону котибон орӣ бимонад.

Ба мисоли зер аз «Мифтоҳ-ун-наҷот» менигарем: «Наҷот дар он аст, ки ӯ ва саҳобаи ӯ дар он буданд» [45, 58]. Дар нусхаи хаттие аз ин асар матн ба ин сурат омада: «Наҷот дар он аст, ки ӯ ва ёрони ӯ, ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаин, бар он буданд ва бар он рафтанд» [46, 1б]. Бояд қайд намуд, ки Аҳмади Ҷом дар тамоми осори насрии худ саҳобагонро бо ҷумлаи дуоия зикр менамояд. Чӣ тавре ки мебинем, дар нусхаи чопӣ таассуби котиб ва ё мусаҳҳеҳ бар матн соя афканда, мӯҷиби тасарруфи ноҷо гардидааст.

Мебинем, ки котиби нусхаи шумораи 7628 аз Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ, бино ба таассуби мазҳабии худ, чанд ҷо матнро таҳриф намуда, даст ба тасарруфи он задааст. Масалан, мусаллам аст, ки ҷумлаи «салавотуллоҳи алайҳи» (яъне, дуруди Худованд бар ӯ бод) ба паёмбарон хос аст. Аммо котиби нусха, бино ба таассуби хеш, ин матлабро пас аз зикри Имом Ҷаъфари Содиқ овардааст. Чунончи: «Имом Ҷаъфар ибни Муҳаммад, салавотуллоҳи алайҳи» [48, 41а]. Тибқи қоидаи марсум ва забти нусхаҳои дигар, бояд ҷумлаи дуоияи «раҳматуллоҳи алайҳи» ё «раҳимаҳуллоҳу таоло» сабт меёфт.

Ба матни ҳадиси зерин аз нусхаи ёдшуда менигарем: «Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Лав вузина имону Алийин биимони аҳли-с-самои ва-л-арзи лараҷаҳа имону Алӣ» (Яъне, Агар имони Алӣ бо имони аҳли осмону замин ба тарозу гузошта шавад, ҳамоно имони Алӣ гаронтар хоҳад омад – М.М.) [48, 54б]. Шакли саҳеҳу аслии матн дар мутуни ҳадисӣ ва нусхаҳо ба ин сурат аст: «Паёмбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфт: Лав вузина имону Абибакрин биимони аҳли-с-самои ва-л-арзи лараҷаҳа имону Абибакрин» (Яъне, Агар имони Абӯбакр бо имони аҳли осмону замин ба тарозу гузошта шавад, ҳамоно имони Абӯбакр гаронтар хоҳад омад – М.М.). Аммо котиби нусха аз рӯи таассуби хеш лафзи «Абӯбакр»-ро ба «Алӣ» тағйир додааст.

*в) Афтодани матн ва фарқиятҳои он бо нусха.* Таҳиягари матн бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд, то калимаҳо наафтад ва матн пурра пешниҳод гардад. Гоҳе бедиққатӣ ва эҳтиёти илмиро аз даст додан, сабаб мешавад, то матн бо нуқсу афтодагӣ интишор ёбад. Муқобалаи аминонаи матн бо асл ва аҳамият додан ба маънӣ метавонад мавридҳои ноқису афтодаи матнро барои мусаҳҳеҳ равшан намояд.

Ба мисолҳо ва баррасиҳои зерин, ки бо муқобалаи матни чопӣ ва нусхаи хаттӣ пешниҳод мегардад, таваҷҷуҳ менамоем:

Матни чопӣ: «Ҳар киро хуш наёяд, дар ин нангарад, аз ин китоб ва нафъи ин бебаҳра монад» [47, 12].

Нусха: «Ҳар киро хуш наёяд, дар ин нангарад, аз ин китоб ва аз нафъи ин бебаҳра монад» [49, 5а].

Матни чопӣ: «Зеро ки агар роҳи хавф биравад» [47, 39].

Нусха: «Зеро ки агар дар роҳи хавф биравад» [48, 14а].

Матни чопӣ: «Ҳар чӣ аз он бӯи риёву нифоқ ояд, ба даргоҳи Иззат як зарра қимат надорад» [47, 172].

Нусха: «Ҳар чӣ аз он бӯи риёву нифоқ ояд ва шакку уҷбу ҳасад ояд, ба даргоҳи Иззат як зарра қимат надорад» [48, 54б].

Матни чопӣ: «Дар мақоми қурбат лиқоу руъят ёбад, то абадулобод давлат бар давлат ёбад» [47, 199].

Нусха: «Дар мақоми қурбат лиқоу руъят ёбад ва дар қиёмат сад ҳазор каромат ёбад ва дар биҳишт бо ҳуру қусур хилват ёбад, то абадулобод давлат бар давлат ёбад» [48, 63а-63б].

Матни чопӣ: «Аввал, мақоми туфулият. Омадем ба мақоми дуюм...» [41, 121].

Нусха: «Аввал, мақоми туфулият: Ҳар чи мехоҳад, мегӯяду мешунавад ва надонад, ки чӣ мегӯяд ва бо кӣ мегӯяду аз кӣ мешунавад. Омадем ба мақоми дуюм...» [42, 26а].

Матни чопӣ: «Бар рӯзи растохез имон дорад ва ҳам Худои таоло мефармояд» [45, 59].

Нусха: «Бар рӯзи растохез имон дорад ва ҳароина, ки ӯ иқтидо ба Мустафо кунад, алайҳиссалом, ва ҳам, азза исмуҳу, мегӯяд» [46, 2а]

Матни чопӣ: «Шайхулислом, қудватулабдол, қутбулолам, ҳоким-ул-адл фӣ билодиллоҳ Абӯнаср Аҳмад» [45, 56].

Нусха: «Шайхулислом, қутбулолам, ҳуҷҷатулҳаққи ъало ал-халқ, ҳоким-ул-олим-ул-одил, ад-доъӣ илаллоҳ, ал-муҷтаҳид фӣ сабилиллоҳ Абӯнаср Аҳмад» [46, 1а].

Матни чопӣ: «Суҳбати азизони даргоҳ бадал гардонид» [45, 62].

Нусха: «Суҳбати азизони даргоҳ ва аҳли салоҳ бадал гардонид» [46, 2б].

Матни чопӣ: «Ва эътисом бад-ин кунад» [45, 64].

Нусха: «Ва эътисом бад-ин ҳабл кунад» [46, 3а].

Матни чопӣ: «Ё тарсое, ё мушрике, ин қавли шаҳодат бишнавад» [47, 28].

Нусха: «Ё тарсое ва ё аз ҷумлаи аҳли куфру ширк ин қавли шаҳодат бишнавад» [48, 9б].

Матни чопӣ: «Ҳар чӣ дар фаҳм ояд, ки подшоҳи мо чунон аст» [47, 20].

Нусха: «Ҳар чӣ дар фаҳму хотири ту ояд, ки подшоҳ чунон аст» [48, 8б].

Матни чопӣ: «Он чи ман дорам, аз они илм беҳтар аст» [41, 173].

Нусха: «Он чи ман дорам, аз они ҳама олам беҳтар аст» [42, 1б].

Матни чопӣ: «Шайхулислом, қудватулабдол, қутбулолам» [47, 23].

Нусха: «Шайхулислом, қудватулабдол, ад-доъӣ илаллоҳ, ал-муҷтаҳид фӣ сабилиллоҳ, ал-ҳоким-ул-адл фӣ билодиллоҳ» [48, 9а-9б].

Матни чопӣ: «То ӯро наҷот додем» [47, 62].

Нусха: «То мо ӯро аз он наҷот додем» [48, 22а].

Матни чопӣ: «тааммул бояд кард» [47, 127].

Нусха: «тааммул бояд кард, онро то бидонӣ» [48, 41б].

Матни чопӣ: «Аммо Худойро, азза ва ҷалла, калом собит аст» [47, 31].

Нусха: «Аммо ба ҳақиқат Худойро, азза ва ҷалла, калом собит аст» [48, 11а].

Матни чопӣ: «…роҳи саломат ин аст. Зеро ки надонӣ, ба худ ҳавола кунӣ, беҳ аз он ки дари ташбеҳ кӯбӣ ва дар фитна афтӣ» [47, 32].

Нусха: «…роҳи саломат ин аст, ки эшон ихтиёр кардаанд. Зеро ки нодида бо худ ҳавола кунӣ, беҳтар аз он ки дар таътилу ташбеҳ кӯшӣ ва дар фитна афтӣ» [48, 11б].

Матни чопӣ: «Ин китоб аз баҳри шикастадилон ва гунаҳкорони орифи мухлисрост» [47, 6].

Нусха: «Ин китоб аз баҳри шикастадилон ва гунаҳкорони орифи мухлис ниҳодем» [48, 2б].

Матни чопӣ: «Ҳеҷ коре нест, ки дар он қолу қил нагуфтаанд» [47, 169].

Нусха: «Ҳеҷ коре нест, ки дар он чандон қилу қол нагуфтаанд» [49, 5а].

Матни чопӣ: «Ҳафт субъи Қуръон аст, ки амр, наҳй, ҳалол, ҳаром ва ҷумла бандагӣ бад-ин ҳафт мегардад» [45, 66].

Нусха: «Ҳафт субъи Қуръон аст, ки амру наҳй, ҳалолу ҳаром, ваъду ваъид ва қисос аст, бандагӣ бад-он бидонанд» [46, 4а]. Дар матни чопӣ «ҳафт субъ» оварда шуда, танҳо чаҳори онҳо зикр ёфтааст. Аммо дар нусхаи хаттӣ ҷумла пурратар оварда шудааст ва зери ибораи ҳафт субъ, ҳафт мавзуи Қуръон, ки иборат аз амр, наҳй, ҳалол, ҳаром, ваъд, ваъид ва қисос аст, сабт гардидааст.

Он гуна ки мебинем, дар асли нусхаҳое, ки матн аз рӯи онҳо таҳия гардидааст, маънӣ комилтару матлаб пурратар дарҷ гардидааст. Мебоист мусаҳҳеҳон бо муқобалаи дақиқи матн бо асли нусха афтодагиҳои калимаву ибора ва ҷумлаву пораматнҳоро бартараф месохтанд.

Ҳосили баррасии матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷомро дар нуктаҳои зерин хулоса намудан мумкин аст:

а) Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом ҳанӯз дар марҳилаи муқаддамотӣ қарор дошта, ба омӯзиш нусхаҳои омӯхтанашуда ва пажуҳишҳои равишманди текстологӣ ниёз дорад;

б) Агарчӣ дар тасҳеҳ ва нашри осори Аҳмади Ҷом теъдоде аз дастхатҳои навиштаҳои ӯ мавриди истифода қарор гирифтаанд, аммо ҳанӯз ба нусхаҳои ноомӯхтаи нодир ниёз ҳаст. Бояд бо такя бар забтҳои асили онҳо ибҳомоти дар матн ҷойдоштаро аз байн бурд ва асолати матнро барқарор намуд;

в) Баррасии матни нусхаҳо ва бо татбиқу муқоиса арзиши воқеии онҳоро муайян намудан, барои дастёбӣ ба нусхаҳои муътамади осори Аҳмади Ҷом хеле муҳим мебошад. Ҳамин кӯшиш, асоси тасҳеҳи дуруст ва таҳияи матни мунаққаҳро фароҳам меоварад, ки то ҳол ҷояш холист;

г) Пажуҳиши матнҳои чопшудаи осори Аҳмади Ҷом ва муқоисаи онҳо бо нусхаҳои истифодашуда равшан фармуд, ки тасҳеҳу нашри минбаъдаи осори ин суханвар диққату ҳавсалаи бештарро тақозо менамояд;

ғ) Таҳқиқи матншиносии осори нашршудаи Аҳмади Ҷом муайян сохт, ки саҳву иштибоҳоти ба матн роҳёфта бештар ба ғалатхонии ҷои нуқта ва ҳарфҳо, афтодагии матн, раҳёбии забтҳои суст, таассуби котиб ва ғ. рабт мегирад.

## Хулосаи боби севум

Пажуҳиши хусусиятҳои поэтикӣ ва матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом равшан месозад, ки дар мероси мансури ӯ муҳимтарин мухтассоти сабки насри хуросониву байнобайн инъикос ёфтаанд. Дар насри ӯ санъатҳои лафзиву маънавии бадеъ, ба монанди саҷъ, ҷинос, киноя, ташбеҳ, ирсоли масал ва ғ. ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Ашъор дар осори насрии Аҳмади Ҷом барои таъйиди андеша, ҷамъбасти матлаб ва таъсири бештар бахшидани калом истифода шудаанд. Қисме аз ашъор, ки Аҳмади Ҷом дар осори насрии хеш истифода бурдааст, сурудаҳои худи ӯ мебошанд. Аҳмади Ҷом бештар аз анвои шеърии қитъа, ғазал, рубоӣ ва фардбайт баҳра ҷустааст. Ашъори арабӣ низ дар осори

мансури Аҳмади Ҷом корбурди хоса дорад. Мавридҳое низ ба назар мерасанд, ки муаллиф ашъори арабиро дар қолаби назм тарҷума намудааст.

Дар осори насрии Аҳмади Ҷом истилоҳоти ирфонӣ ба таври васеъ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Аз ин сабаб, аз осори ӯ бояд барои такмили фарҳангҳои истилоҳоти сӯфия баҳра бурд.

Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом возеҳ сохт, ки масъалаи нақду таҳлили матни онҳо ҳанӯз дар марҳилаи муқаддамотӣ қарор дорад. Нақду баррасии матнҳои чопшудаи осори насрии Аҳмади Ҷом равшан намуд, ки дар онҳо иштибоҳоту лағзишҳо роҳ ёфтаанд. Ин иштибоҳот қисме ба назарияи матнпажуҳӣ ва қисме ба амалияи он алоқаманд ҳастанд. Иштибоҳоте, ки дар матнҳои нашрёфтаи осори Аҳмади Ҷом роҳ ёфтаанд, бештар ба ғалатхонии ҷои нуқта ва ҳарфҳо, афтодагии матн, раҳёбии забтҳои суст, таассуби котиб ва ғ. марбут мебошанд.

# ХУЛОСАҲО

## I. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ:

Аҳмади Ҷом аз орифон ва суханварони соҳибсухани адабиёти форсии тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ бо таълифи беш аз даҳ асари мансури ирфонӣ дар ташаккули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII нақши назаррас гузоштааст. Осори насрии Аҳмади Ҷом аз арзиши баланди филологӣ бархурдор буда, баррасии онҳо аз ин нигоҳ хеле боаҳамият мебошад. Дар рисола, бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, маърифат ва таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом мавриди пажуҳиш қарор гирифт ва чунин натиҷаҳо ба даст омад:

1. Мақоми баланди адабию ирфонии Аҳмади Ҷом сабаб гардид, то таълифи маноқибу мақомоти ӯ аз рӯзгори худи ӯ оғоз ёбад. Дар ин замина, «Нур-ул-ҳақоиқ»-и Заҳируддин Исо, «Рисола дар исботи бузургии Шайх Аҳмади Ҷом»-и Шиҳобуддин Исмоил, «Мақомоти Жандапил»-и Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ ва «Хулосат-ул-ҳақоиқ»-и Имодуддини Форёбӣ ба қалам омадаанд, ки куҳантарин сарчашмаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом ба ҳисоб меравaнд.

2. Тадвини осор дар ҷамъи ақволу аҳвол ва мақомоти Аҳмади Ҷом пас аз асри XII низ идома пайдо намуд, ки «Хулосат-ул-мақомот»-и Абулмакорими Ҷомӣ, «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Абулфатҳи Мутаҳҳар, «Равзат-ур-раёҳин»-и Дарвешалии Бузҷонӣ, «Таърихи Тархистонӣ»-и Аҳмади Тархистонӣ аз ҷумлаи онҳо ба шумор меоянд.

3. Афзун бар маноқибу мақомоти хос ба Аҳмади Ҷом ва тазкираҳои адабию ирфонӣ, осори таърихию адабӣ, ба монанди «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайфи Ҳиравӣ, «Таърихи гузида» ва «Нузҳат-ул-қулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Муҷмал»-и Фасеҳии Хофӣ, «Равзот-ул-ҷаннот»-и Исфизорӣ, «Маҷолис-ул-муъминин»-и Қозӣ Нуруллоҳи Шуштарӣ ва ғ. низ роҷеъ ба рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом маълумотҳои нодирро дар худ маҳфуз доштаанд.

4. Зикри ному мақом ва баёни андешаву каломи Аҳмади Ҷом дар осори ҳамрӯзгорон ва суханварони номваре, чун Мир Маъсуми Бакрӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Қосими Анвор, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва ғ. ба назар мерасад, ки ҷойгоҳи баланди ин орифу суханварро дар таърихи илму адаби форсии тоҷикӣ ошкор месозад **[7–М]**.

5. Бар асари тарбияи Аҳмади Ҷом ва таваҷҷуҳи минбаъдаи сарварони хонадони ӯ ба илму адаб афроди баландноме дар таърихи миллат арзи ҳастӣ намуда, дар гӯшаву канори қаламрави забони форсии тоҷикӣ бар интишори илму ирфон хидмат намудаанд, ки фарзандонаш Заҳируддин Исо ва Шиҳобуддин Исмоил, яке аз наводагонаш Абулмакорими Ҷомӣ ва Абулфатҳ Қутбиддин Муҳаммади Ҷомӣ, Юсуфи Аҳли Ҷомӣ аз зумраи онон мебошанд.

6. Аҳди Аҳмади Ҷом аз пурбортарин давраҳои насри форсии тоҷикист. Насри ирфонии ин аҳд бахши муҳиме аз мероси мансури асрҳои XI-XII-ро ба худ ихтисос дода, адабу ирфони ин давраро бар дигар давраҳо бартарият бахшидааст **[4–М]**.

7. Насри ирфонии аҳди Аҳмади Ҷом дар қолаби таълифоти мухталиф ва тарҳу мавзуъбандиҳои хоса арзи ҳастӣ намуда, ки умдатарини онҳо аз ин қабил аст: осори ирфони амалӣ ва назарӣ; маноқиб, табақот ва зиндагиномаҳои бузургони сӯфия; тафсирҳои куҳани форсии тоҷикӣ.

8. Осори мансури орифони асрҳои XI-XII аз ҷумлаи шоҳкориҳои насри форсии тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати таҳаввули тафаккури бадеӣ ва ташаккули пурвусъати адабу ирфон дар давраҳои баъдӣ заминаи ҷиддӣ гузоштааст.

9. Омӯзиши мероси мансури сӯфия равшан месозад, ки таълифи осори насрии ин тоифа ба забони форсии тоҷикӣ аз асри XI оғоз гардидааст. Дар ин аср бештар ирфони амалӣ такмил ёфта, масоили ирфони назарӣ марҳалаи таҳкими мабониро бо такя бар оёту аҳодис ва осору ахбор идома додааст.

Дар асри XII ҷанбаи ақлӣ ва таҳлилии ҷаҳонбинии сӯфия хеле рушд намуда, ирфони назариро ба равиши хоса ворид сохтааст.

10. Осори насрии Аҳмади Ҷом ҳама дар мавзуи тасаввуф ба қалам омада, аз замони таълиф мавриди истиқбол қарор гирифтаанд ва пайваста аз онҳо нусхаҳо бардоштаанд **[1–М; 3–М]**.

11. Аҳмади Ҷом дар асарҳои насрии худ бештар ҳамчун воиз, муршид ва муаллими соликони тариқат сухан гуфта, усул ва фуруи тасаввуфро бо далелу бурҳонҳои устувор шарҳ додааст **[6–М]**.

12. Сабки наср ва забони Аҳмади Ҷом дар осори насрӣ мисли аксари мероси мансури сӯфия содаву равон ва холӣ аз тасаннуъву такаллуфоти фаннист. Сухани ӯ бештар барои умуми мардум баён гардида, шеваи гуфтори хитобиву воизона бар он ғолиб аст **[2–М]**.

13. Нусхашиносии осори мансури Аҳмади Ҷом ошкор менамояд, ки таълифоти ӯ дар густураи фарохе паҳн гардидаанд ва аксари асарҳои насрии ӯ то рӯзгори мо маҳфуз мондаанд. Аз бештари онҳо чандин нусхаи хаттӣ дастрас аст. Аммо намунаҳое низ ҳастанд, ки нусхаи онҳо мунҳасир ба фард аст ва то ҳол нусхаи дигаре аз онҳо ба даст наомадааст **[3–М]**.

14. Аз баррасии нусхашиносӣ ва ковишҳои нусхаҷӯӣ бармеояд, ки дар тасҳеҳ ва нашри осори насрии Аҳмади Ҷом ҳанӯз нусхаҳои куҳану муътамади истифоданашуда вуҷуд доранд.

15. Муҳимтарин дастхатҳои осори насрии Аҳмади Ҷом дар ганҷинаҳои нусахи хаттии Лоло Исмоил, Нофизпошшо, Музейи Мавлоно, Маҷлиси Шурои миллӣ, китобхонаҳои Боязид, Остони қудси разавӣ, Донишгоҳи Тюбинген ва ғ. нигаҳдорӣ мешаванд **[8–М]**.

16. Дар тасҳеҳ ва нашрҳои минбаъдаи осори насрии Аҳмади Ҷом бояд аз нусхашиносии равишманд истифода ба амал ояд. Дар ин замина, танҳо нусхашиносии тавсифию таърихӣ кофӣ набуда, бояд нусхаҳо бо меъёрҳои нусхашиносии татбиқӣ мавриди нақду таҳлил ва омӯзиш қарор бигиранд.

17. Истифодаи ашъор ва баҳрабарӣ аз сурудаи шоирон дар асарҳои насрии Аҳмади Ҷом ҷойгоҳи хоса дорад. Муаллиф бо усулҳои мухталиф аз ашъор истифода намудааст. Ҷойҳое басароҳат аз гӯяндаи шеър низ ёд мекунад, ки асомии Бӯзари Бузҷонӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Ҳаким Саноӣ аз ҷумлаи онҳост. Мавридҳое бидуни зикри исми гӯянда, таҳти унвонҳои «ғазал», «рубоӣ», «байт», «мисраъ» ва ғ. аз ашъор баҳрабардорӣ намудааст. Дар чанд маврид, агарчи исми худро наёварда, аммо аз фаҳвои ҷумлаи қабл аз шеър ва ё муқоисаи ашъор ба девони ӯ собит мегардад, ки теъдоде аз шеърҳои дар мероси мансури ӯ омада сурудаи худи ӯст. Ҷойҳое низ ҳастанд, ки муаллиф худ лоиқ ба ҳамон маврид шеър сурудааст.

18. Корбурди шеърҳои арабӣ низ дар асарҳои насрии Аҳмади Ҷом мақоми хоса дорад. Таҳқиқ дар интисоби ин навъ ашъор ва манбаъшиносии онҳо равшан менамояд, ки қисме аз ашъори арабии истифодашуда дар назди сӯфия маъмул буда, дар чандин осори дигари ирфонӣ низ қарор доранд.

19. Аҳмади Ҷом дар чанд маврид пас аз ашъори арабӣ тарҷумаи онро ба назм бо забони форсии тоҷикӣ овардааст. Ин хусусият осори насрии ӯро барои маърифати мазомини муштараки адабиёти форсиву арабӣ ҳамчун манбаи пурбор муаррифӣ менамояд ва дар робитаи адабии арабу аҷам асноди муҳимеро пешорӯи аҳли таҳқиқ мениҳад.

20. Осори насрии Аҳмади Ҷом манбаи пурарзиши истилоҳоти аҳли тасаввуф мебошад. Муаллиф зимни мабоҳиси мухталиф бо истинод ба оёту аҳодис, ахбору осор ва аҳволу гуфтори машоихи сӯфия истилоҳоти ин тоифаро шарҳу тавзеҳ додааст. Чунин хусусияти осори насрии ӯ дар такмили фарҳангномаҳои мусталаҳоти сӯфия сарчашмаи пурбору ноомӯхта мебошанд.

21. Таҳқиқи матншиносии осори насрии Аҳмади Ҷом аз муҳимтарин самтҳои омӯзиши таълифоту тафаккуроти ин орифу суханвар буда, дар ин замина дар адабиётшиносии форсии тоҷикӣ, чи дар Ватан ва чи дар хориҷ,

пажуҳиши ҷиддӣ ба назар намерасад. Баррасие, ки зимни фасли хоса дар рисола анҷом ёфтааст, дар пур сохтани ин холигоҳ кӯшиши муқаддамотист.

22. Теъдоде аз асарҳои мансури Аҳмади Ҷом дар хориҷ аз кишвар чоп шудаанд. Бо вуҷуди он ки ин нашрҳо аз муҳассаноти зиёд бархурдоранд, ҳанӯз ҷои нашри илмӣ-интиқодии асарҳои насрии Аҳмади Ҷом холист. Минбаъд бояд бо назардошти риояи муҳимтарин меъёрҳои тасҳеҳи матн ва истифода аз нусхаҳои асилу навпайдо матни мусаҳҳаҳи ҳамаи осори дастраси ӯ мунташир ёбад **[2–М]**.

## II. ТАВСИЯҲО БАРОИ ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

Ҳосили таҳқиқи масъалаҳои дар диссертатсия баррасиёфта ва хулосаҳои бадастомада водор менамояд, ки роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ чунин тавсияҳо пешниҳод гардад:

1. Омӯзиши масъалаи насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом равшан намуд, ки ҳанӯз китобу рисолаҳои ирфонии омӯхтанашуда дар таърихи илму адаби тоҷик зиёд аст. Минбаъд бояд ин гурӯҳи осор ҳамчун сарчашмаи адабӣ таҳқиқ ёбад ва асноди аз онҳо бадастомада ба муомилоти илмӣ кашида шавад.

2. Баррасии осори насрии Аҳмади Ҷом таъкид менамояд, ки бояд аз ин навъ осор дар таълифи таърихҳои нави адабиёт, нигошти зайлҳо бар тазкираҳои урафову шуаро, такмили фарҳангҳои тафсирӣ ва истилоҳоти сӯфия, тадвини донишномаҳои амсолу ҳикам ва фарҳангномаҳои мавзуии адабу ирфони форсии тоҷикӣ ва ғ. кӯмак гирифт.

3. Аз пажуҳиши масъалаҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом маълум гардид, ки дар оянда аз дигар паҳлу низ метавон мероси мансури ӯро мавриди баррасӣ қарор дод, аз ҷумла: сарчашмашиносӣ, луғатшиносӣ, забоншиносӣ, масъалаҳои равобити адабӣ, назарияи тарҷума ва таърихи он, ташаккули насри ирфонӣ, ҷаҳонбинӣ ва афкори фалсафӣ, нақши ин навъи осор дар тафаккури бадеӣ ва ғ.

4. Таҳқиқи нусхашиносии осори мансури Аҳмади Ҷом возеҳ месозад, ки минбаъд метавон бо омӯзиши равишманди нусхаҳои хаттии осори дигар орифону суханварон заминаи ҷиддиеро дар пажуҳиши фарогири мероси мактуби миллат фароҳам овард ва мактаби нусхашиносии тоҷикро эҳё намуд.

5. Аз маводе, ки дар диссертатсия аз омӯзиши осори насрии Аҳмади Ҷом фароҳам омадааст, метавон дар таҳқиқоти минбаъдаи мероси мансури форсии тоҷикӣ, бахусус баррасии матншиносиву поэтикии онҳо истифода кард.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ


I. Сарчашмаҳо:

а) бо хати кирилӣ:

1. Дорошукӯҳ, Муҳаммад. Сафинат-ул-авлиё [Матн] / Муҳаммади Дорошукӯҳ. Таҳияи матн, тавзеҳ ва муқаддимаи Иззатбек Шехимов. – Хуҷанд: Ношир, 2019. - 390 с.

2. Қуръони карим [Матн] / Мутарҷим Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: Ирфон, 2007. - 616 с.

3. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ [Матн] / Ҷалолуддини Румӣ. Тасҳеҳи Тавфиқ Субҳонӣ. – Теҳрон: Созмони чоп ва интишороти Вазорати иршоди исломӣ, 1373. - 1005 с.

4. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола [Матн] / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Таҳия ва тавзеҳи Фахриддин Насриддинов. –Хуҷанд: Ношир, 2015. - 192 с.

5. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро [Матн] / Давлатшоҳи Самарқандӣ. Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. - 544 с.

6. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ. -Ҷ.2 (4). – Душанбе: Адиб, 2007. - 480 с.

7. Хуҷандӣ, Шайх Камол. Девон [Матн] / Шайх Камоли Хуҷандӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Фахриддин Насриддинов. -Ҷ.1-2. –Хуҷанд: Ношир, 2020. - 1432 с.

8. Ҷом, Аҳмад. Жандапил (Гулчин аз девон) [Матн] / Аҳмади Ҷом. Ҳозиркунандаи чоп: Ромиз Собир. – Душанбе: Адиб, 2007. - 120 с.

ب) با خط فارسی:

б) бо хати форсӣ:

9. علاّمی، ابوالفضل ابن مبارک. اکبرنامه [متن] / ابوالفضل ابن مبارک علاّمی. به کوشش غلامرضا طباطبایی مجد. – تهران، 1372.

(Алломӣ, Абулфазл ибни Муборак. Акбарнома [Матн] / Абулфазл ибни Мубораки Алломӣ. Ба кӯшиши Ғуломризо Таботабоии Маҷд. –Теҳрон, 1372.)

10. ابی طالب، علی. دیوان امام علی [متن] / علی ابن ابی طالب. پدیدآورنده مولانا شوقی. – تهران، 1383. – ص. 107.

(Абитолиб, Алӣ. Девони Имом Алӣ[Матн] / Алӣ ибни Абитолиб. Падидоваранда: Мавлоно Шавқӣ. –Теҳрон, 1383. – С. 107.)

11. انصاری، عبدالله. مناجات نامه [متن] / عبدالله انصاری. – کرمان: خدمات فرهنگی کرمان، 1382. - 84 ص.

(Ансорӣ, Абдуллоҳ. Муноҷотнома [Матн] / Абдуллоҳи Ансорӣ. – Кирмон: Хадамоти фарҳангии Кирмон, 1382. - 84 с.)

12. انصاری، عبدالله. طبقات الصوفیّه [متن] / عبدالله انصاری. تصحیح محمّد سرور مولایی. – تهران: طوس، 1362. - 138 ص.

(Ансорӣ, Абдуллоҳ. Табақот-ус-сӯфия [Матн] / Абдуллоҳи Ансорӣ. Тасҳеҳи Муҳаммадсарвари Мавлоӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1362. - 138 с.)

13. انوار، قاسم. کلیات اشعار [متن ]/ قاسم انوار. تصحیح، مقابله و مقدّمهٔ سعید نفیسی. – تهران: کتابخانهٔ سنایی، 1337.

(Анвор, Қосим. Куллиёти ашъор [Матн] / Қосим Анвор. Тасҳеҳ, муқобала ва муқаддимаи Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Китобхонаи Саноӣ, 1337.)

14. بابور، گلبدن بیگیم. همایون نامه [متن] / گلبدن بیگیم بابور. ترجمه و تصحیح ا.ص. بیویریدژ. – لندن، 1902. -331 ص.

(Бобур, Гулбаданбегим. Ҳумоюннома [Матн] / Гулбаданбегим Бобур. Тарҷума ва тасҳеҳи А.С. Беверидж. – Лондон, 1902. - 331 с.)

15. بوزجانی، درویش علی. روضة الریاحین [متن] / درویش علی بوزجانی. تصحیح حشمت الله موید. –تهران: بنگاه ترجمه و نشر کتاب، 1345. - 187 ص.

(Бузҷонӣ, Дарвешалӣ. Равзат-ур-раёҳин [Матн] / Дарвешалии Бузҷонӣ. Тасҳеҳи Ҳашматуллоҳи Муайяд. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1345. - 187 с.)

16. بخارایی، ابوبکر محمّد ابن ابراهیم کلابادی. التعرّف لمذهب التصوّف [متن] / ابوبکر کلابادی بخارایی. – مصر: مطبعة السعادت، 1933 م. - 127 ص.

(Бухорой, Абӯбакр Муҳаммад ибни Иброҳими Калободӣ. ат-Таарруф лимазҳаби-т-тасаввуф [Матн] / Абӯбакри Калободии Бухорой. – Миср: Матбаат-ус-саодат, 1933 м. - 127 с.)

17. بخارایی، ابو ابراهیم ابن عبدالله مستملّی. شرح التعرّف لمذهب التصوّف [متن] / ابو ابراهیم مستملی بخارایی. محقّق، مصحح: محمّد روشن. -ج.1-5. –تهران: اساطیر، 1363. - 2332 ص.

(Бухорой, Абӯиброҳим ибни Абдуллоҳи Мустамиллӣ. Шарҳ-ут-таарруф лимазҳаби-т-тасаввуф [Матн] / Абӯиброҳим Мустамиллии Бухорой. Муҳаққиқ, мусаҳҳеҳ: Муҳаммад Равшан. -Ҷ.1-5. – Теҳрон: Асотир, 1363. - 2332 с.)

18. ولی، شاه نعمت الله. دیوان [متن] / شاه نعمت الله ولی. محقّق، مصحح: عبّاس خیاطزاده. – کرمان: انتشارات خانقاه نعمت اللهی، 1370. - 1128 ص.

(Валӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ. Девон [Матн] / Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ. Муҳаққиқ, мусаҳҳеҳ: Аббос Хайётзода. – Кирмон: Интишороти хонақоҳи Неъматуллоҳӣ, 1370. - 1128 с.)

19. غزّالی، احمد. مجالس [متن] / احمد غزّالی. تصحیح احمد مجاهد. – تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1376. - 360 ص.

(Ғаззолӣ, Аҳмад. Маҷолис [Матн] / Аҳмади Ғаззолӣ. Тасҳеҳи Аҳмад Муҷоҳид. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1376. - 360 с.)

20. غزّالی، احمد. سوانح [متن] / احمد غزّالی. تصحیح هلموت ریتر. – تهران: مرکز نشر دانشگاهی، 1368. - 410 ص.

(Ғаззолӣ, Аҳмад. Савонеҳ [Матн] / Аҳмади Ғаззолӣ. Тасҳеҳи Ҳелмут Риттер. – Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1368. - 410 с.)

21. غزّالی، احمد. رسالة الطیور [متن] / احمد غزّالی. تصحیح احمد مجاهد (مجموعهٔ آثار فارسی احمد غزّالی). – تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1376. - 32 ص.

(Ғаззолӣ, Аҳмад. Рисолат-ут-туюр [Матн] / Аҳмади Ғаззолӣ. Тасҳеҳи Аҳмад Муҷоҳид (Маҷмуаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ). – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1376. - 32 с.)

22. غزّالی، محمد. کیمیای سعادت [متن] / محمد غزّالی. به کوشش حسین خدیوجم. -ج.1-2. – تهران: انتشارات علمی و فرهنگی، 1380. - 1334 ص.

(Ғаззолӣ, Муҳаммад. Кимиёи саодат [Матн] / Муҳаммади Ғаззолӣ. Ба кӯшиши Ҳусайн Хидевҷам. -Ҷ.1-2. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1380. - 1334 с.)

23. غزّالی محمد. نصیحة الملوک [متن] / محمد غزّالی. با مقدّمه، تصحیح و حاشیه جلال الدّین همایی. – تهران: مجلس، 1317. - 160 ص.

(Ғаззолӣ, Муҳаммад. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / Муҳаммади Ғаззолӣ. Бо муқаддима, тасҳеҳ ва ҳошияи Ҷалолуддин Ҳумоӣ. – Теҳрон: Маҷлис, 1317. - 160 с.)

24. غزّالی، محمد. ترجمهٔ احیاء علوم الدین [متن] / محمد غزّالی. با کوشش حسین خدیوجم. -ج.1-4. –تهران: نشر علمی و فرهنگی، 1386.

(Ғаззолӣ, Муҳаммад. Тарҷумаи Эҳёу улуми-д-дин [Матн] / Муҳаммади Ғаззолӣ. Бо кӯшиши Ҳусайни Хидевҷам. -Ҷ.1-4. – Теҳрон: Нашри илмӣ ва фарҳангӣ, 1386.)

25. غزنوی، سدید الدّین محمّد. مقامات ژنده پیل [متن] / سدید الدّین محمّد غزنوی. تصحیح حشمت الله موید. – تهران: شرکت انتشارات علمی و فرهنگی، 1384. - 424 ص.

(Ғазнавӣ, Садидуддин Муҳаммад. Мақомоти Жандапил [Матн] / Садидуддин Муҳаммади Ғазнавӣ. Тасҳеҳи Ҳашматуллоҳи Муайяд. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1384. - 424 с.)

26. داراشکوه، محمّد. سفینة الاولیاء [متن] / محمّد داراشکوه. نسخهٔ خطّی کتابخانهٔ برلین. – ش، 330. برگه های 53ا-55ا.

(Дорошукӯҳ, Муҳаммад. Сафинат-ул-авлиё [Матн] / Муҳаммади Дорошукӯҳ. Нусхаи хаттии Китобхонаи Берлин. -№330, баргаҳои 53а-55а.)

27. ابن بطوطه. الرحله [متن] / ابن بطوطه. مصحح: عبد الهادی تازی. -ج.3. – رباط: 1997. - 255 ص.

(Ибни Батута. ар-Риҳла [Матн] / Ибни Батута. Мусаҳҳеҳ: Абдулҳодии Тозӣ. -Ҷ.3. – Работ: 1997. - 255 с.)

28. ابراهیم خان، علی. صحف ابراهیم [متن] / علی ابراهیم خان. نسخهٔ خطّی کتابخانهٔ سلطنتی آلمان، ش3263. – ص. 42ا-42ب.

(Иброҳимхон, Алӣ. Суҳуфи Иброҳим [Матн]/Алӣ Иброҳимхон. -№3263 Нусхаи хаттии Китобхонаи салтанатии Олмон, баргаҳои 42а-42б.)

29. اسماعیل، شهاب الدّین. رساله «در اثبات بزرگی شیخ جام» [متن]/شهاب الدّین اسماعیل. در ضمیمهٔ «مقامات ژنده پیل». تصحیح حشمت الله موید. –تهران: شرکت انتشارات علمی و فرهنگی، 1384. – ص. 323-328.

(Исмоил, Шиҳобуддин. Рисола «Дар исботи бузургии Шайхи Ҷом» [Матн] / Шиҳобуддин Исмоил. Дар замимаи «Мақомоти Жандапил». Тасҳеҳи Ҳашматуллоҳи Муайяд. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1384. – С. 323-328.)

